**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ба номи САДРИДДИН АЙНӢ**

**УДК: 321.01:574(1-923.3)**

**ББК: 60.55:28.081(2)**

**М-63**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**Мирзоев Саидмузаффар Мирзомуродович**

# ХУСУСИЯТҲОИ СИЁСАТИ ЭКОЛОГИИ ДАВЛАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР ШАРОИТИ ҲОЗИРА

**Диссертатсия**

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ (6D050204 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ)

**Роҳбари илмӣ:**

д.и. сиёсӣ, Қувватзода С.З.

**Душанбе – 2026**

МУНДАРИҶА


| | | |
|---|---|---|
| | РӮЙХАТИ ИХТИСОРАҲО | 3 |
| | МУҚАДДИМА | 4-18 |
| | **ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ** | |
| БОБИ I. | АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚИ СИЁСАТИ ЭКОЛОГӢ | |
| 1.1. | Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқи сиёсати экологӣ дар илми муосир | 19-41 |
| 1.2. | Ҳамбастагии сиёсати экологӣ бо сиёсати иҷтимоӣ | 42-70 |
| БОБИ II. | САМТҲОИ АСОСИИ ИНКИШОФИ СИЁСАТИ ЭКОЛОГИИ ДАВЛАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ | |
| 2.1. | Сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Марказӣ ва самтҳои асосии инкишофи онҳо | 71-95 |
| 2.2. | Моҳият ва хусусиятҳои сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Марказӣ | 95-114 |
| БОБИ III. | ДУРНАМОИ РУШДИ СИЁСАТИ МИНТАҚАВИИ ЭКОЛОГӢ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ | |
| 3.1. | Мушкилоти экологии вобаста ба об дар Осиёи Марказӣ | 115-135 |
| 3.2. | Мушкилоти экологии баҳри Арал ва дурнамои масоили обӣ – экологӣ дар минтақа | 135-153 |
| | ХУЛОСА | 154-160 |
| | РӮЙХАТИ АДАБИЁТ | 161-190 |
| | ИНТИШОРОТ АЗ РӮИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ | 191-193 |

# РӮЙХАТИ ИХТИСОРАҲО

**БРСММ** – Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**ИРИ** – Индекси рушди инсон

**КРУ** – Конфронси рушди устувор

**ММЭОМ** – Маркази минтақавии экологии Осиёи Марказӣ

**ОМ** – Осиёи Марказӣ

**СММ** – Созмони Милали Муттаҳид

**СҲШ -** Созмони Ҳамкории Шанхай

**СУТ** – Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ

**ФБЭОМ** – Форуми байналмилалии экологии Осиёи Марказӣ

**ХБНА** – Хазинаи байналмилалии наҷоти Арал

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Масъалаҳои экологӣ дар низоми рушди ҷомеаи муосир мақоми хосаеро пайдо намудаанд, ки муҳиммияти онҳо шаҳодат медиҳанд. Онҳо бо назардошти таъсири бевоситаашон ба табиат, ҳаёти ҷомеа ва хатарҳои маргборашон дар сархати аввали эҳтимолиятҳои ҷиддии замони муосир қарор гирифтаанд. Хусусияти хоссаи ин мушкилоти замони муосир дар он ифода меёбад, ки онҳо ба раванди рушди табиат, ҷомеа ва давлат ба таври маҷмуӣ таъсир расонида, тамоми раванду ҳодисаҳоро фаро мегиранд. Онҳо аз масъалаҳои одию муқаррарӣ сар карда, то ба проблемаҳои мураккабтарини ҷомеаи муосирро дар бар мегиранд. Ҳатто бевосита масъалаҳои амниятии инкишофи кишварҳо ва минтақаҳои оламро ба доми худ кашидаанд.

Амнияти экологӣ ҳамчун як қисми амнияти миллии кишварҳои алоҳида ва дар маҷмуъ амнияти минтақавию байналмилалӣ буда, шарти асосии инкишофи устувори ҷомеа ва воситаи ҳифзи системаҳои табиӣ мебошад. Дар ин замина, давлатҳо ва халқу миллатҳои Осиёи Марказиро на танҳо марзи ягона ва ҳамҷаворию ҳамбастагии табиӣ, инчунин низоми ягона ва ҳамзистии дорои таърихи ҳазорсолаҳо мепайвандад. Ин кишварҳо ҳамзамон дорои фазои ягонаи экологӣ ва масоили умумиэкологӣ мебошанд. Кишварҳои Осиёи Марказӣ дорои истеҳсолоти сермасраф бо сатҳи баланди таъсири манфӣ ба муҳити зист қариб дар ҳама бахшҳои иқтисодиёт, махсусан, соҳаи кишоварзӣ мебошанд, ки низомро аз замони советӣ ба мерос гирифтаанд. То имрӯз каме аз соҳаҳои ҳаёти ҷомеа навсозӣ (модернизатсия) шудааст, ки ин яке аз омилҳои марказӣ дар роҳи ба вуҷуд омадани мушкилоти экологии минтақавӣ мебошад.

Равандҳои ифлосшавии муҳити зист дар ин ё он кишвар дар аксари ҳолатҳо дар умум ба тамоми давлатҳои дигари минтақа таъсир мерасонанд ва зарари калони иқтисодӣ ва иҷтимоиро ба бор меоранд. Яъне, мушкилоти экологии минтақа дар ҳеҷ ҳолат наметавонад мушкилоти хосаи як давлат бошад ва танҳо ба як давлат таъсири манфӣ дошта бошад. Ҳар гуна мушкилоти экологӣ метавонд, ки дар минтақа ҳамчун мушкилоти минтақавӣ маҳсуб

гардад ва ҳалли он кӯшишу талоши дастаҷамъонаро тақозо намуда, таҳия ва амалигардонии сиёсати ягонаи минтақавии экологиро талаб менамояд.

Масъалаҳои ташаккули сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Марказӣ дар шароити тағйирёбии иқлим раванди мураккаб ва бисёрҷониба мебошад. Аз ин рӯ, таҳқиқ ва таҳлили илмӣ – назариявӣ ва натиҷагириҳо аз он рӯзмарра ва муҳим арзёбӣ мегарданд.

Таҳлил ва хулосагириҳои амиқи адабиёти илмӣ дар соҳаи сиёсати экологӣ нишон медиҳанд, ки ин мушкилот дар шароити тағйирёбии иқлим дар минтақаи Осиёи Марказӣ дар илмҳои сиёсӣ, ҳам дар кишварҳои пешрафта ва ҳам дар минтақаи Осиёи Марказӣ ҳанӯз пурра омӯхта нашудааст. Дар ин асос, пажӯҳиш ва таҳқиқи ҷараёни таҳия ва татбиқи сиёсати экологӣ дар заминаи тағйироти ҷиддии экологӣ дар Осиёи Марказӣ зарур мебошад. Омӯзиш ва таҳлили омилҳои экологӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ ва раванди таҳқиқот нишон медиҳад, ки дар байни масъалаҳои мураккаб ва бисёрҷонибаи байни давлатҳои Осиёи Марказӣ сиёсати экологӣ мақом ва ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунад.

Дар асоси таҳлил ва далелҳои мушаххас маълум мегардад, ки рушди экологии кишварҳои Осиёи Марказӣ дорои як қатор проблемаҳои мураккабу ҳалношуда мебошанд:

- номувофиқии сиёсати аграрии кишварҳои поёноб (Қазоқистон, Туркманистон, Ӯзбекистон) бо сиёсати гидроэнергетикии давлатҳои болооб (Қирғизистон ва Тоҷикистон);
- то ба ҳоло қабул нагардидани асосҳои стратегии инкишоф ва барномаи ягонаи сиёсати экологии минтақавӣ;
- шароити душвори молиявӣ дар соҳаи экология;
- осебпазир будани минтақа дар раванди тағйирёбии иқлим;
- системаи куҳнаи обёрию кишоварзӣ;
- сатҳи пасти рушди саноати инноватсионию бепартов;
- сатҳи нокифояи коркарди партовҳои саноатӣ;
- рушди босуръати демографӣ.

Мубрамияти мавзуи интихобшуда инчунин бо он муайян мешавад, ки натанҳо самтҳои асосии рушди сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Марказиро таҳлил ва хулосагирӣ намудан, балки зарурати таҳқиқи умумиятҳо, махсусиятҳо ва хусусиятҳои асосии раванди экологии давлатҳои минтақа низ мавҷуд аст.

Инчунин, пажӯҳиши мавзуи мазкур собит намуд, ки омилҳои зерин низ муайянкунандаи мубрамияти мавзуи таҳқиқот мебошанд:

- кишварҳои Осиёи Марказӣ новобаста аз соҳибихтиёрӣ фазои табиии ягонаи экологӣ дошта, дар шароити рушди босуръати мушкилоти экологӣ ва тағйирёбии иқлим танҳо сиёсати миллии экологӣ дар минтақа наметавонад беҳдошти ҳолати экологии минтақаро таъмин созад. Аз ин рӯ, зарурати омӯзиш, таҳия ва татбиқи сиёсати ягонаи минтақавии экологӣ ба миён меояд;

- кишварҳои минтақа аз ҷиҳати экологӣ осебпазир буда, дар раванди тағйирёбии иқлим таъсири манфии онро бештар эҳсос менамоянд;

- зарурати такмили пайваста ва амиқи сиёсати экологии давлатҳои минтақа;

- кишварҳои Осиёи Марказӣ ба марҳилаи нави рушди худ ворид гардида, системаи ягонаи минтақавии хоҷагидорӣ дар онҳо аз байн рафта, ҳар як давлати минтақа дар доираи принсипҳои соҳибихтиёрӣ ва манфиатҳои миллии худ амал менамоянд, ки зарурати таҳияи сиёсати ягонаи экологиро ба миён овардааст;

- фазои экологии Осиёи Марказӣ ягона ва ҷудонашаванда буда, таҳия ва татбиқи сиёсати ягонаи минтақавии экологиро талаб менамояд;

- тағйиротҳое, ки дар ҷомеаи муосир ба амал меоянд, амалҳои дахлдорро дар ташаккули сиёсати экологӣ ва табиати гирду атроф тақозо мекунанд, зеро бидуни ҳифз ва риояи қоидаҳои санитарию гигиении истифодаи он наметавонем саломатии мардумро нигоҳ дорем ва ҷомеаи инкишофи мутаносибро таъмин созем. Аз ин бармеояд, ки ҳалли мушкилоти экологӣ дар шароити муосири рушди минтақа фаъолияти дастаҷамъона ва умумиминтақавӣ мебошад;

- дар татбиқи сиёсати экологии кишварҳои минтақа мушкилот ва душвориҳои зиёде мавҷуданд, ки бо фарҳанги сиёсӣ ва мушкилиҳои экологии ҷаҳонӣ алоқамандии зич доранд. Дар шароити пешрафти илмию техникӣ ва гузариш ба иқтисоди бозорӣ, сиёсати экологӣ бо истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, эҷоди технологияҳои нав, ки мушкилоти душвори экологиро бомуваффақият ҳаллу фасл мекунанд, алоқамандии зич дорад. Аз ин лиҳоз, сиёсати экологӣ таҳлили фалсафӣ ва равишҳои сиёсиро талаб мекунад, ки он имкон медиҳад, мушкилиҳои мураккаби экологиро ҳал кунанд.

Далелҳои дар боло зикргардида, зарурати омӯзиш, таҳия ва татбиқи сиёсати ягонаи митақавии экологиро дар Осиёи Марказӣ муайян мекунанд. Таҳлили сарчашмаҳо ва адабиёти илмӣ нишон медиҳанд, ки дар солҳои охир мушкилоти муҳимми экологӣ то дараҷае муайян шудаанд. Дар шароити муосири инкишоф марҳилаи нав дар таҳқиқи равандҳои экологӣ чӣ дар кишварҳои ИДМ ва чӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ оғоз ёфта, равишҳо ва ҳадафҳои гуногунро пайгирӣ менамоянд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Раванди тафсилоти ҷомеаи соҳибихтиёри давлатҳои Осиёи Марказӣ таҳлили назариявӣ, илмӣ ва амалии мушкилоти экологии минтақаро талаб менамояд, ки дар мақолаҳои илмӣ, монографияҳо, дастурамалҳо ва корҳои пурарзиши илмӣ инъикоси худро ёфтаанд. Таҳлили сарчашмаҳо нишон доданд, ки мушкилоти экологии минтақа гуногунҷанба ва пурихтилоф буда, доир ба он нуқтаи назари олимон гуногунранг ва ҳатто мухолифи ҳам мебошанд. Имрӯз олимону муҳаққиқон диққати асосиро ба дарк ва таҳқиқи мушкилоти экологӣ аз дидгоҳи наву муосир ва дасткашӣ аз шаклҳои куҳнаи таҳқиқи масоили экологӣ равона намуда, кӯшиш менамоянд, ки ба чунин мушкилоти мураккаби ҷомеаи муосир бо усулҳои замонавӣ равшанӣ андозанд.

Ҷойгоҳи махсусро дар таҳлилу баррасӣ ва омӯзишу дарёфти роҳу воситаҳои ҳалли масоили экологии минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ ва умуман, ҷомеаи муосир маърӯзаҳо ва баромадҳои сершумори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,

муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва фаъолияти амалии ӯ доир ба ҳамгироии давлатҳои минтақа дар роҳи беҳдошти ҳифзи муҳити зист, истифодаи оқилонаю сарфакоронаи захираҳои табиӣ, махсусан, захираҳои об ва дарёҳои фаромарзӣ, пешгирии бошиддати обшавии пиряххо, ҳифзи пиряххо, истифодаи технологияи муосири обёрию кишоварзӣ ва аз ҷиҳати экологӣ безарар ташкил менамояд [74; 75; 76; 77; 78; 79; 80; 81; 82; 83; 84; 85; 86; 87; 88; 89; 90; 91; 92; 93; 94; 95; 96].

**Ба гурӯҳи дуюми адабиёт** корҳои илмии олимони машҳури кишварҳои ИДМ, аз қабили: К.В. Папянова [145], Р. Лацко [130], А.А. Горелов [110], Данилов-Данилян [111], Н.С. Кожакматова [124], А.И. Соловев [156] ва дигарон дохил мешаванд, ки ҷанбаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, фалсафӣ, маънавии сиёсати экологиро баррасӣ намудаанд.

Диққати асосӣ ба омӯзиши омилҳои иҷтимоию сиёсӣ, иқтисодӣ дар ташаккул ва рушди сиёсати экологӣ дар асарҳои олимони машҳур, ба монанди В.П. Казначеева [121], А.П. Яншина [120], А.А. Арбатов [104], И.А. Козиков [125], А.Н. Кочергин [126], Ю.Г. Марков [132], А.А. Горелов [110] ва ғайра равона гардидааст. Онҳо на танҳо муносибати мураккаби равандҳои экологиро ошкор кардаанд, балки ҷой ва оқибатҳои манфии иҷтимоии мушкилоти экологиро дар ҷомеа аз ҷиҳати илмӣ асоснок намудаанд. Аммо таҳлили мо оид ба масъалаи зикршуда, ба омӯзиши маҷмуии минтақавии сиёсати экологӣ равона гардидааст.

Дар таҳияи сиёсати экологӣ саҳми муайяне аз ҷониби он муҳаққиқон гузошта шудааст, ки аслан вазифаи омӯзиши мустақими экологиро дар назди худ нагузоштанд, балки роҳҳои татбиқи онро нишон доданд. Дар байни ин гуна сарчашмаҳои илмӣ асарҳои И.П. Круталин[177], Р. Браун [109], К.В. Папянов [145], Р. Лацко [130], Д.И. Лихачев [178] ва дигарон.

Муаллифони мазкур на танҳо моҳият, оқибатҳои мураккаби иҷтимоӣ, алоқамандии омилҳои объективӣ ва субъективӣ дар таҳияи сиёсати экологӣ ва мушкилоти он дар ҷомеа, балки таъсири фарҳанги сиёсиро дар татбиқи ҳалли мушкилоти экологӣ асоснок кардаанд.

**Ба гурӯҳи сеюми адабиёт** осори олимони тоҷик дохил мешавад. Онҳо дар раванди омӯзиш ва таҳқиқи мушкилоти экологӣ ва сиёсати экологӣ саҳми арзишманду назаррас гузоштаанд. Асарҳои таълифнамудаи олимону муҳаққиқони тоҷик К.Р. Расулов [147], Н. Сафаров [153], М.О. Ибодов [117], М. Мирраҳимов [133], С.Х. Акрамов [101], Х. Умаров [113], Х. Муҳаббатов [214], Х.Р. Исайнов [173], Б.Н. Маҳмадалиев [184], Ш. Қодиров[220], С.З. Қувватзода [221] ва дигарон хеле арзишманд мебошанд.

Махсусан, дар самти омӯзиши сабабу омилҳои пайдоиши масъалаҳои мураккабтарини экологии минтақавӣ саҳми олимони тоҷик У.И. Муртазоев [134], И.И. Саидов [193], Р. Рауфов [135], А.Ғ. Бобоев [165], Х.М. Муҳаббатов [214], А.С. Солиев [165], Х.У. Умаров [113], А.А. Эргешов [165] хеле назаррас мебошанд.

У.И. Муртазоев ва И.И. Саидов дар мақолаи худ доир ба истифодаи роҳу усулҳои муосири обёрӣ ва пешгирӣ аз масоили экологии вобаста ба истифодаи нодурусти захираҳои оби дорои аҳаммияти минтақавӣ ибрози назар намуда, ҷанбаҳои экологӣ, техникӣ ва иқтисодии захираҳои оби дарёҳои фаромарзиро мавриди таҳқиқ қарор додаанд [193, С. 144 - 156].

А.Ғ. Бобоев, Х.М. Муҳаббатов, А.С. Солиев, Х.У. Умаров, А.А. Эргешов дар мақолаи "Ҷанбаҳои географии тавозуни экологии рушди кишварҳои Осиёи Марказӣ" сабабу омилҳои ба вуҷуд омадани мушкилоти экологиро дар минтақа мавриди таҳлилу баррасии илмӣ қарор дода, роҳҳои мушаххаси ҳалли онҳоро аз нуқтаи назари географӣ ва бо назардошти воқеияти имрӯз пешниҳод намудаанд [165, С. 42-47].

Бо вуҷуди ин, дар ҳамаи ин корҳо мушкилоти экология ва сиёсати экологӣ дар маҷмуъ таҳлил карда шудаанд ва аз ин рӯ, хусусиятҳои рушди раванди экологӣ дар умум таъкид гардидаанд. Аммо ҳанӯз ҳам мушкилиҳои ҳалношуда ва масъалаҳои баҳсноки марбут ба мушкилоти экологӣ дар минтақа мавҷуданд, ки имрӯз таҳқиқоти бештар ва фарогири сатҳи минтақавиро талаб мекунанд. Дар доираи як кори илмӣ таҳлили ҳамаҷонибаи маҷмуи масъалаҳои марбут ба қонуниятҳои ташаккули сиёсати экологӣ ва

мушкилоти ин самт имконнопазир аст. Маҷмуи омилҳоро дар ин самт ба инобат гирифта, диссертант кӯшиш намудааст, ки бештар ба ҳамбастагӣ ва ҷудоинопазир будани сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Марказӣ таваҷҷуҳ намояд ва роҳи ҳалли масоили экологиро дар сиёсати ягона ва дастаҷамъонаи давлатҳои минтақа пешниҳод намояд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия мувофиқи нақшаи корҳои илмӣ – таҳқиқотии кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар мавзуи "Равандҳои иҷтимоию сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ" (барои солҳои 2016 – 2020, 2021 - 2025) иҷро гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Дар асоси маводҳои назариявӣ, сарчашмаҳо ва адабиёти мавҷуда, ҳадафи асосии таҳқиқоти диссертатсиониро таҳлил ва натиҷагириҳо аз сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Марказӣ ва хусусиятҳои асосии онҳо ташкил менамояд.

**Вазифаҳои таҳқиқотро** гузориш ва баррасии масъалаҳои сиёсати экологии минтақавӣ ташкил намуда, онҳо дар сатҳи зерин муайян мегарданд:

- таҳлили заминаҳои асосии ташаккули сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Марказӣ ҳамчун фаъолияти асосии минтақавӣ дар шароити тағйирёбии иқлим;

- омӯзиши равишҳои асосии фаҳмиши мафҳум, мундариҷа ва моҳияти сиёсати экологӣ дар доираи таълимоти мухталифи иҷтимоию сиёсӣ;

- бо назардошти мундариҷаи бархӯрдҳои асосии ҳалли масъалаҳои экологӣ, ки дар илмҳои сиёсии муосир мавҷуданд, муайян кардани сиёсати миллии экологии давлатҳои Осиёи Марказӣ;

- таҳлили қонунҳои асосӣ ва хусусиятҳои ташаккули сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Марказӣ дар замони соҳибихтиёрӣ;

- таҳлилу баррасии таъсири манфии оқибатҳои тағйирёбии иқлим ва буҳрони экологии ҷаҳони муосир ба минтақа ва Тоҷикистон;

- баррасӣ ва натиҷагирии мушкилоти экологии вобаста ба об дар Осиёи Марказӣ;

- таҳлилу таҳқиқи хусусиятҳои хоси фарҳанги экологӣ ва сиёсати экологӣ дар минтақа;

- таҳлил ва баррасии тамоюлҳои рушди минбаъдаи вазъи экологӣ дар минтақа, тақвияти нақши фаъолияти дастаҷамъонаи экологӣ дар таҳкими субот ва рушди устувори минтақа;

- таҳқиқ, таҳлил ва натиҷагирии мушкилоти экологӣ – сиёсии баҳри Арал ва дурнамои масоили обӣ – экологӣ дар минтақа;

**Объекти таҳқиқот** – сиёсати давлатҳои Осиёи Марказӣ доир ба мушкилоти экологӣ дар шароити муосир мебошад. Ҳадафи асосии таҳқиқот

чараёни таҳияи сиёсати экологӣ дар танзими раванди экологӣ ва вазъи он дар Осиёи Марказӣ, инчунин ҳифзи табиат ва саломатии инсон мебошад.

**Предмети таҳқиқот** сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Марказӣ, таҳияи сиёсати экологии минтақавӣ мебошад, ки дар шароити муосир ба ҳалли мушкилоти экологӣ мусоидат менамояд.

**Фарзияи таҳқиқот.** Сиёсати экологӣ дар шароити имрӯза ҳамчун масъалаи муҳимми илмҳои сиёсӣ ба шумор рафта, дар давлатҳои Осиёи Марказӣ дар сатҳи зарурӣ омӯхта нашудааст. Таҳқиқоти масъалаи мазкур дар шароити давлатҳои Осиёи Марказӣ, вобаста ба хусусиятҳояшон, мушаххасан ба амал бароварда мешаванд. Давлатҳои минтақаро зарур аст, ки ба хотири таъмини амнияти экологӣ, ки қисми таркибии амнияти миллӣ ва минтакавиро ташкил менамояд, чораҳои қатъӣ андешида, барномаю стратегияҳои давлатиро дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва сиёсати экологӣ бозбинӣ намуда, ҷиҳати навсозӣ ва ба талаботи вақт мутобиқ таҳия ва амалӣ намудани онҳо аз тамоми роҳу воситаҳои имконпазири сиёсию иқтисодӣ, молиявию ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ кор гиранд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** мубраму саривақтӣ будани он ва аҳамияти иҷтимоию сиёсии масъалаи мазкур барои минтақаи Осиёи Марказӣ асоснок мекунад. Зарурати илмии омӯзиши масъалаи сиёсати экологии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар шароити муосир ва таҳлили ҳаматарафаи он ҳамчунин аҳамияти назариявии онро таъкид менамояд. Усулҳои умумимантиқӣ, системавӣ ва қиёсии истифодашуда имконият доданд, ки консепсияи томи таҳқиқот ташаккул дода шуда, тавассути он мавзуи таҳқиқшаванда ҳамаҷониба ва мақсаднок омӯхта шавад.

Хулоса ва натиҷаҳои асосноки бадастовардашуда метавонанд ҳангоми таҳияи стратегияҳо, барномаҳо дар сатҳи давлатҳои миллӣ ва минтақаи Осиёи Марказӣ дар соҳаи сиёсати экологӣ истифода бурда шаванд.

Натиҷаҳои илмӣ ва хулосаҳои таҳқиқот барои ҳалли самарабахши мушкилоти муҳимми экологии ҷомеаи мо аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доранд. Муқаррарот ва хулосаҳои рисолаи мазкур барои таҳияи бахшҳои ин

мушкилот дар маводҳои таълимӣ оид ба илмҳои махсуси сиёсӣ муфид буда метавонанд. Онҳоро инчунин барои омӯзиши муқоисавии масъалаҳои сиёсати экологӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асоси методологии таҳқиқотро хулосаҳои бунёдӣ ва изҳороти намояндагони илмҳои иҷтимоию сиёсии қарнҳои гузашта ва ҳозира, инчунин баромадҳо ва фаъолияти шахсиятҳои сиёсӣ ташкил додаанд. Дар ин кор маълумот ва маводҳои зиёди расмии оморӣ ва сарчашмаҳои дигар аз шабакаҳои расмии сохторҳои давлатии кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ва ҷаҳон истифода гардидааст. Ҳангоми таҳқиқи кори илмӣ методҳои таҳлили системавӣ, сохторӣ-функсионалӣ, мантиқӣ, таърихӣ ва таҳлили муқоисавӣ истифода гардидаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот,** пеш аз ҳама, аз он иборат аст, ки дар илми иҷтимоию сиёсии ватанӣ бори аввал кӯшиши ифшо кардани моҳият ва мундариҷаи сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Марказӣ ҳамчун самти муҳимми фаъолияти сиёсии минтақавӣ гузошта шудааст.

Навгонии илмии кор бо он далолат мекунад, ки дар он:

- заминаҳои асосии ташаккули сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Марказӣ муайян гардидаанд;

- мафҳум, мундариҷа ва моҳияти сиёсати экологӣ дар доираи таълимоти мухталифи иҷтимоию сиёсӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст;

- хусусиятҳои сиёсати миллии экологии давлатҳои Осиёи Марказӣ муайян карда шудааст;

- қонун, консепсия ва хусусиятҳои ташаккули сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Марказӣ дар замони соҳибихтиёрӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд.

- таъсири манфии оқибатҳои тағйирёбии иқлим ва буҳрони экологии ҷаҳони муосир ба минтақа ва Тоҷикистон нишон дода шудааст;

- мушкилоти экологии вобаста ба об дар Осиёи Марказӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст;

- хусусиятҳои хоси фарҳанги экологӣ ва сиёсати экологӣ дар минтақа омӯхта шуда, мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтааст;

- тамоюлҳои рушди минбаъдаи вазъи экологӣ дар минтақа, тақвияти нақши фаъолияти дастаҷамъонаи экологӣ дар таҳкими субот ва рушди устувори минтақа нишон дода шудаанд.

- мушкилоти экологӣ – сиёсии баҳри Арал ва дурнамои масоили обӣ – экологӣ дар минтақа мавриди таҳқиқ, таҳлил ва натиҷагириҳо қарор гирифтааст.

**Нуктаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд:**

1. Масоили экологии кишварҳои Осиёи Марказӣ доираи марзҳои маъмурии онҳо ва ҳатто доираи марзи минтақаро убур намуда, ба мушкилоти башарӣ табдил ёфтаанд, ки давлатҳои миллии минтақа дар алоҳидагӣ қудрати ҳаллу фасли онҳоро надоранд. Ин ҳолат зарурати омӯзиш, таҳқиқ ва таҳияи сиёсати ягонаи минтақавии экологиро дар Осиёи Марказӣ тақозо менамояд.

2. Сиёсати экологӣ қисми таркибии сиёсати давлатӣ маҳсуб ёфта, аҳамияти баланди иҷтимоию иқтисодӣ дорад. Бо назардошти беш аз пеш мураккаб гардидани вазъи экологӣ ва таҳдиду хатарҳо ба муҳити зист, ба миён омадани мушкилиҳо ҷиҳати ҳифзи саломатии аҳолӣ масъалаҳои экологиро ба мавзуи баррасишавандаи сатҳи олии сиёсӣ табдил додааст. Зиёд гардидани гуногунандешиҳо миёни давлатҳо барои бартараф сохтани мушкилоти минтақавии экологӣ, таъмини амнияти давлатҳои минтақа аз ҳар ҷиҳат аз таъмини амнияти экологӣ дар минтақа вобаста гардидааст.

3. Бо назардошти мураккабшавии босуръати масоили экологӣ ва зиёд гардидани гуногунандешиҳо миёни давлатҳо барои бартараф сохтани мушкилоти минтақавии экологӣ, таъмини амнияти давлатҳои минтақа аз ҳар ҷиҳат аз таъмини амнияти экологӣ дар минтақа вобаста гардидааст. Кишварҳои Осиёи Марказӣ фазои ягонаи экологӣ дошта, таҳия ва татбиқи сиёсати ягонаи минтақавии экологӣ зарур мебошад. Давлатҳои мазкур мушкилоти зиёди экологиро аз замони Иттифоқи Советӣ мерос гирифтаанд, ки имрӯз давлатҳои миллии минтақа дар алоҳидагӣ қудрати бартараф намудани онҳоро надоранд. Ин

ҳолат таҳияи сиёсати ягонаи минтақавии экологӣ ва андешидани тадбирҳои сатҳи минтақавиро аз ҷониби роҳбарияти олии кишварҳои минтақа тақозо менамояд. Дар ин замина ва бо инобати ҳамбастагии экологии минтақавӣ баррасӣ, омӯзиш ва таҳқиқи сиёсти экологии кишварҳои минтақа дар маҷмуъ бояд сурат гирад.

4. Дар замони Иттифоқи Советӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ манфиатҳои умумишуравӣ вуҷуд дошт ва дар заминаи он сохтори ягонаи минтақавӣ дар ҳамаи соҳаҳо ба вуҷуд омада, манфиатҳои миллӣ ба инобат гирифта намешуд, ки баъди соҳибистиқлолӣ ҳар як давлати минтақа манфиатҳои миллии худро боло мегузорад. Ин ҳолат боиси мувофиқат накардани манфиатҳо дар самти истифодаи захираҳои обу замин ва дигар захираҳои табиӣ шуд. Маҳз дар заминаи ҳамин раванд мушкилоти баҳри Арал сар зад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳамияти илмию амалии таҳқиқоти мазкурро мақсади муайян намудаи таҳқиқот асоснок мекунад. Таҳлили назариявии масъалаи сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Марказӣ дар замони соҳибистиқлолӣ баҳри васеътар муайян намудани доираи донишҳо ва маълумот дар ин самт мусоидат намуда, истифодаи онҳо баҳри таҳияи сиёсати муосиру натиҷабахши минтақавии экологӣ мусоидат менамоянд. Чунки раванди мураккабшавии масоили экологӣ дар шароити муосир тақвияти ҳамгироиҳоро миёни кишварҳо, махсусан, давлатҳои Осиёи Марказӣ дар ин самт тақозо менамояд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он аён мегардад, ки натиҷаҳои бадастоварда ва хулосаҳои пешниҳоднамудаи муаллиф ҷиҳати такмили минбаъдаи сиёсати минтақавии экологӣ мусоидат мекунанд. Маводи диссертатсияро ҳангоми таҳияи барномаҳои таълимӣ аз фанҳои сиёсатшиносӣ, геополитика, низоъшиносӣ, минтақашиносӣ ва курсҳои махсус дар самти сиёсати экологӣ истифода бурдан мумкин аст.

Инчунин, аҳамияти махсуси диссертатсияи мазкур дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои бадастомада метавонад ҷиҳати таҳияи барномаҳо, стратегияҳо ва сиёсати ягонаю самарабахши экологӣ дар минтақа мусоидат намояд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дақиқияти маълумот, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, гузаронидани таҳқиқи эътимодноки диссертатсионӣ мебошад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ манзур карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи “Хусусиятҳои сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Марказӣ дар шароити ҳозира” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ ба шиносномаи ихтисосҳои Комисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси илмии 6D050204 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ мутобиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар таҳлил ва таҳқиқи сиёсати экологии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар замони соҳибистиқлолӣ, заминаҳои ташаккули сиёсати миллӣ ва минтақавии экологӣ дар ин минтақа, сабабу омилҳои сар задани мушкилоти экологӣ ва таъсири онҳо ба ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ, рушди устувори давлатҳо, роҳу усулҳои таъмини амнияти экологӣ ва дар заминаи он таъмини амнияти миллию минтақавӣ, коҳиш додани таъсири манфии мушкилоти экологӣ ба саломатии аҳолии минтақа, ҳамоҳангсозии назариявии манфиатҳои миллии давлатҳо бо манфиати муҳити зист ва табиат, ҳамзамон дарёфти роҳу усулҳои таҳияи сиёсати натиҷабахши экологӣ дар сатҳи минтақаи Осиёи Марказӣ инъикос ёфтааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Рисолаи диссертатсионӣ дар маҷлиси кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ мавриди муҳокима қарор

гирифта, натиҷаҳои таҳқиқотии он пазируфта гардида, ба экспертизаи навбатии муассиса пешниҳод гардидааст. Инчунин рисолаи илмии мазкур дар маҷлиси васеи Шурои олимони ДДОТ ба номи С. Айнӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, барои дифоъ дар Шурои диссертатсионии 6D. КОА - 079 тавсия гардидааст.

Хулосаҳои дар рисола бадастомада истифодаи амалии худро дар раванди таълим, лексияҳо, фаъолиятҳои амалӣ, инчунин дар доираи фанҳои сиёсатшиносӣ, геополитика, низоъшиносӣ, минтақашиносӣ, географияи сиёсӣ ва иқтисодиёт пайдо кардаанд. Муқаррарот ва натиҷаҳои асосии таҳқиқотро муаллиф дар конференсияҳо ва семинарҳо пешниҳод кардааст. Дар асоси натиҷаҳои омӯзиш мақолаҳои илмӣ ва баромадҳо интишор карда шудаанд.

**Интишороти натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷа ва дастовардҳои таҳқиқот дар мақолаҳои илмии муаллиф, ки дар маҷаллаҳои илмӣ ва матбуоти ҷумҳуриявӣ нашр шудааст, пешниҳод гардидаанд. Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои илмии донишгоҳӣ ва ҷумҳуриявию байналмилалӣ ифодаи худро ёфтаанд. Вобаста ба мавзуъ муаллиф 13 мақолаи илмӣ, 9-тои он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд, таълиф намудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, ки дарбаргирандаи шаш зербоб аст, баррасии натиҷаҳо, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсияро 186 саҳифаи матни компютерӣ ташкил медиҳад.

# БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚИ СИЁСАТИ ЭКОЛОГӢ

## 1.1. Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқи сиёсати экологӣ дар илми муосир

Ҳар як инсон дар раванди ҳаёту фаъолияти худ нисбат ба табиат ва истифодаи манбаъҳои табиӣ, ҳифзи ҳамаҷонибаи муҳити зист ва дарки амиқи қонуниятҳои он ба иштибоҳҳои зиёд роҳ дода, муносибати ғайриоқилонаро раво дидааст. Дар ин раванд тамоми наслҳои инсоният кӯшидаанд, ки бо истифодаи васеъ аз тамоми имкониятҳои дар ихтиёрдоштаи табиат ба мақсаду орзуҳои худ расанд ва дар ҳаёт худро хушбахту шоиста эҳсос намоянд. Яъне, ба хотири муваффақ гардидан ба орзую мақсадҳо ва ҳадафҳои худ инсон табиатро қурбони онҳо гардонид. Бехабар аз он ки худ низ як ҷузъи табиат аст ва чунин муносибат метавонад ӯро низ гирифтори қурбониҳои худ гардонад. Ин раванд, махсусан, ба давраи саноатикунонии босуръати ҷаҳон рост меояд. Бар замми ин, рушди босуръати демографӣ низ омили дигари марказӣ дар ин раванд маҳсуб меёбад.

Ҷаҳони муосир бо як қатор кашфиётҳои илмӣ, натиҷаҳои технологии бадастомада ва мушкилоти хоссаи худ аз қарнҳои гузашта, ба куллӣ тафовут дорад. Имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ новобаста аз он ки дар ихтиёри худ иқтидори бузургтарини илмию технологиро доро мебошад, пеши мушкилоти муайяне, махсусан, мушкилоти вобаста ба обу экология ва ҳолати беҳдошту тағйирёбии иқлим оҷиз мондааст.

Масъалаи зикргардида муҳиммият ва зарурати омӯзиши ҳарчӣ бештари масъалаҳои экологиро ба миён оварда, тақозо менамояд, ки баррасӣ ва таҳлили амиқу дақиқи ҳамаҷонибаи онҳо дар сатҳҳои гуногун чӣ ба таври назариявӣ ва чӣ ба таври амалӣ сурат гирад.

Таҳқиқи сиёсии масъалаҳои илмию назариявии мушкилоти экологӣ яке аз вазифаи муҳим ва душворест, ки дар назди илмҳои сиёсии замони ҳозира қарор доранд. Зеро бе пажуҳиши дақиқу аз ҷиҳати илмӣ асосноки мафҳум, ё

ин ки бе дарки амиқи моҳияти сиёсати экологӣ дар ҷомеа дарёфти роҳу усулҳои самарабахши фаъолияти иқтисодию иҷтимоӣ ва таъмини рушди муназзаму устувор мушарраф гаштан ғайриимкон мебошад.

Чуноне ки маълум аст ва расмият ёфтааст, муҳаққиқон кӯшиш менамоянд, ки дар аввал муносибатро ба мафҳумҳои асосии ҳодисаҳо ва равандҳои инкишофи ҷомеа муайян намоянд. Зеро мушаххас гардонидан ва фаҳми дурусти мафҳум аз замони гузориши масъала то ба баррасию ҳалли он ба муҳаққиқ имконият медиҳад, ки ба асли масъала ва робитаҳои он бо ҳодисаҳои дигар, хусусиятҳои мухталифи он дуруст ва ба таври умқӣ сарфаҳм равад ва дар раванди омӯзиш муваффақ гардад. Беасос нест, ки дуруст муайян намудани моҳият ва хусусиятҳои ҳар гуна ифодаи мафҳумии раванду ҳодисаҳо дар сатҳи мушкилот ва монеаҳои таҳқиқоти илмӣ эътироф мегарданд. Аз ин ҷост, ки намояндагони бахшҳои гуногуни донишҳои илмӣ бар дарки амиқ ва фарогири мафҳумҳо диққати зарурӣ медиҳанд.

Таваҷҷуҳи мутахассисон, пеш аз ҳама, ба муайян намудани мафҳуми маркazии равандҳои иҷтимоию табиӣ равона мегардад. Онҳо дар силсилаи мафҳумҳои муҳим ҷойгоҳи мафҳуми меҳвариро муайян ва мушаххас мегардонанд. Дар мавриди кори диссертатсионии мо ба сифати чунин мафҳум худи “экология” баромад менамояд. Муҳаққиқон дар аввал ба фаҳми типологии он таваҷҷуҳ намуда, сипас, кӯшиши дарки моҳиятии онро ба харҷ медиҳанд.

Сатҳи дигари муносибат ба мафҳумро мавқеи муҳаққиқон ташкил медиҳад. Муҳаққиқон дар аввал кӯшиш менамоянд, ки як навъ муносибати холисонаро пеш гирифта, мазмун ва моҳияти масъаларо мавриди таваҷҷуҳ қарор диҳанд. Чунин тарзи муносибат одатан аз ҷониби муҳаққиқони соҳаҳои бевоситаи илм ба амал меояд. Онҳо кӯшиш менамоянд, ки мафҳум ва ҳодисаро дар аслаш нодир ва ягона нишон дода, онро фақат хоси донишҳои махсуси илмӣ тавсиф намоянд. Сипас, баъди муайян намудан ва ё пайдо намудани хосиятҳои мухталиф, онҳо кӯшиш менамоянд, ки дар фаҳми дуруст ва васеи мафҳум аз дастовардҳои соҳаҳои дигар донишҳоро истифода намоянд.

Махсусан, истифодаи донишҳои синергетикиро муҳим мешуморанд. Зеро намояндагони донишҳои дигар, махсусан, намояндагони илмҳои иҷтимоӣ ба ҳар гуна ҳодисаҳо аз рӯи манфиатҳо ва дархостҳои иҷтимоии ҷомеа муносибат намуда, иштироки ҳодиса ва падидаҳои дигарро дар раванди иҷтимоикунонӣ ва баланд бардоштани сифати ҳаёти одамон муҳим арзёбӣ менамоянд. Яъне, намояндагони донишҳои дигар ба ҳар гуна масъала вобаста ба манфиатҳои соҳавиашон муносибат менамоянд.

Чунин муносибати методологӣ дар мавриди мафҳуми “экология”, мазмуну мундариҷа ва моҳияти он низ ба амал меояд. Муқаррар намудани ҳолати мазкури таҳқиқотӣ имконият медиҳад, ки ба равандҳои экологӣ ва роҳу воситаҳои таъсиррасонӣ ба онҳо муносибатҳо мушаххас гардида, бештар дар доираи ҳадафҳо ва вазифаҳои таҳқиқоти илмӣ муносибатҳо муайян гарданд.

Барои таҳлилу баррасии ҳамаҷонибаи сиёсати экологӣ мо бояд пеш аз ҳама мафҳум, консепсияҳо ва назарияҳои экологиро шарҳу тавзеҳ дода, бо ҷомеа дар иртибот буда, тавассути воситаҳои ахбори омма фаҳмондадиҳӣ гузаронида шавад. Дар ин ҳолат мо метавонем моҳият, зарурат, заминаҳои таҳия ва роҳҳои татбиқи сиёсати экологиро дар сатҳҳои гуногун, махсусан сатҳи минтақавӣ дуруст мавриди арзёбӣ қарор диҳем. Доир ба мафҳум ва моҳияти “экология” шарҳу тавзеҳоти зиёд ва гуногун мавҷуд аст. Экология – илм дар бораи алоқаи организмҳои зинда дар байни худ ва муҳити онҳо мебошад. Ин истилоҳ бори аввал аз ҷониби биологи олмонӣ Эрнст Ҳеккел дар соли 1866 дар китоби “Морфологияи умумии организмҳо” (“Generelle Morphologie der Organismen”) пешниҳод шудааст. Худи мафҳуми «экология» бошад аз калимаи юнонии “oicos” - хона, ҷойи зист ва “logos” - илм гирифта шуда, илм дар бораи муҳити зист мебошад. Эрнст Ҳеккел экологияро чунин шарҳ додааст: “экология як соҳаи донишҳое, ки иқтисодиёти табиатро меомӯзад, арзёбӣ менамояд”. Ӯ дар ин соҳа чунин андеша дошт: “экология муносибатҳои умумии олами ҳайвонотро ҳам бо мавҷудоти зинда ва ҳам ғайризиндаи табиат, ки дар он олами ҳайвоноту наботот бо ҳам бар меҳӯранд, меомӯзад” [260, с. 64]. Чунин таъриф ё фаҳмиши экология ба таври умумӣ

эътироф гардидааст ва имрӯз экологияи классикӣ-илмӣ омӯхтани робитаи организмҳои зинда ва муҳити онҳо мебошад.

Экология ҳамчун илм аз нимаи дуюми асри XX бо суръати баланд рушд мекунад. Экология дар ибтидои асри XX ҳамчун як фанни алоҳида ба вуҷуд омад ва он дар солҳои 1960 бо таваҷҷуҳи васеъ дар бораи ҳолати муҳити зист шуҳрати ҷамъиятӣ гирифт [261]. Бо вуҷуди ин, ғояҳои экология то андозае маълуманд ва принсипҳои экология тадриҷан бо рушди дигар фанҳои биологӣ зич алоқаманд буданд. Ҳамин тариқ, шояд яке аз аввалин экологҳо Арасту бошад, чунки ӯ дар асараш "Таърихи ҳайвонот" таснифи экологии ҳайвонотро дода, дар бораи зист, намуди ҳаракат, макон, фаъолияти мавсимӣ, ҳаёти иҷтимоӣ, мавҷудияти паноҳгоҳҳо ва истифодаи овоз навиштааст [105, с. 286]. Пайрави ӯ Теофраст, асосан, растаниҳоро омӯхтааст ва асосгузори геоботаникаи замони атиқа дониста мешавад. Плиний Элдер дар асари худ "Таърихи табиӣ" заминаи иқтисодии ғояҳои зооэкологиро пешниҳод кардааст. Дар рисолаҳои қадимии Ҳиндустон "Рамаяна" ва "Маҳхарата" (асри VI-I пеш аз мелод), тавсифи зиндагии ҳайвонҳо (зиёда аз 50 намуд) тарзи зист, ғизо, такрористеҳсолкунӣ, фаъолияти ҳаррӯза, рафтор дар вақти тағйирёбии муҳити табииро пайдо кардан мумкин аст.

Дар ташаккул ва инкишофи экология ҳамчун донишҳои махсуси табиатшиносии муосир мақом ва нақши муҳаққиқони нимаи дуюми асри XX бештар барҷаста аст. Маҳз дар ҳамин давра муҳаққиқон тавонистанд, ки предмети экологияро ба таври умқӣ муайян намуда, ҳам шаклан ва ҳам мазмунан доираи донишҳои экологиро таснифоти васеъ диҳанд. Муайян ва мушаххас гардониданд, ки предмети асосӣ ва меҳварии экологияро муносибатҳои байни организмҳои зинда ва амсоли онҳо ташкил менамоянд. Ин ҷиҳат ҷанбаи асосии табиии экологияро ташкил менамояд ва яке аз ҷанбаҳои асосии донишҳои мазкур тавсиф мешавад. Агар масъалаҳои экологӣ ё муносибати табиат ва муҳити зисти инсонро ба масъалаи муносибатҳои иҷтимоии ҷомеа пайваст нагардонем, ба мақсад расидан мушкил мегардад. Дар ҳолати тавъам набудан дар раванди таҳлилҳо ва омӯзишҳо душвориҳо ва

мушкилоти зиёдро ба миён меоранд. Яъне, хати сурхро дар муҳити экологӣ робитаҳои инсон ва табиат ва тағйири муҳити зист ташкил медиҳанд. Ин ҷиҳат асоси ҳама гуна муносибатҳои дигар баромад менамояд. Муҳаққиқон ҳангоми баррасӣ ва таҳқиқи масъалаҳои экологии рушди ҷомеа наметавонанд ҷиҳати мазкурро сарфи назар гардонанд.

Дар низоми донишҳои экологӣ мақоми хосаро муносибати инсон ба табиат, ба муҳити зисти он ташкил менамояд. Таъсири инсон ба табиат ва сатҳи чунин таъсиррасониҳо аҳаммияти муҳимро касб менамоянд. Зеро инсон наметавонад дар ҳар давру замон ба табиат таъсири якхела ва ё таъсири муассир дошта бошад. Дар фаҳми умумӣ он ҷиҳат муҳим аст, ки инсон то кадом андоза метавонад, ба биосфера таъсир расонад. Инсон то куҷо метавонад ба муҳити зист, ба васеъшавӣ ва ё кам гардидани организмҳои табиӣ, намудҳо, шаклҳо ва системаҳои гуногуни инкишофи табиӣ ва пеш аз ҳама, муҳити зисти хеш таъсир расонад, онро дигаргун намояд ва таъсири мутақобилаи онро ҳис намояд.

Чуноне ки таърих гувоҳ аст, ки аз нимаи дуюми асри XX сар карда, раванди прогрессивии илму техника, ё ба таври дигар низоми таъсиррасонии инсон ба табиат ва муҳити зист бештар гардида, самтҳои гуногуни мушкилоти экологиро зиёд гардонидаанд. Махсусан, аз ҷониби одамон истифодаи оқилонаю самараноки муҳити зист аҳаммияти бештар пайдо намуда, ҳамчун ҳолати идоракунии  самараноки муносибатҳо муаррифӣ мегардад. Ҳолати мазкур ифодаи шаклии худро дар хосияти васеътар пайдо намудани мафҳум ва мундариҷаи “экология” пайдо намуд. Аз ҷиҳати моҳиятӣ бошад, вазифаҳои экологӣ мукаммал гардида, раванди таҳқиқоти илмиро бештар комил гардониданд, ки ҳолатҳои мазкур дар таҳкими мақоми масъалаҳои экологии инкишофи ҷомеа ҷойгоҳи хосаро соҳиб шудаанд. Яъне, рӯзмаррагии масъалаҳои рушди экологӣ аҳаммияти муҳим пайдо намуданд.

Дар рушди донишҳо ва амалияи экологӣ солҳои 70 - уми асри XX низ нақши худро пайдо намуда буданд. Маҳз дар ҳамин давра экологияи иҷтимоӣ ҳамчун бахши донишҳои махсуси экологӣ пайдо гардида, сатҳи зарурии

рушдро соҳиб гардид. Он масъалаҳо ва робитаҳои байни ҷомеа ва муҳити зистро ба таври мақсаднок мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор дода, дар ташаккули низоми экологӣ таъсири муассир расонидааст. Хосиятҳои иҷтимоии экология дар маркази таваҷҷуҳи мутахассисон қарор гирифта, заминаҳои ташаккул ва рушди сиёсати экологиро ҳамчун навъи сиёсати бузург мушаххас гардонида, маънидод намуданд.

Сиёсат дар баробари объект субъектҳои худро дорад. Он тавассути фаъолияти мақомоти мухталифи давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ё намояндагиҳои иҷтимоӣ амалӣ мегардад. Ҳам дар сатҳи кишварҳои алоҳида ва ҳам дар низоми муносибатҳои минтақавию байналхалқӣ ниҳодҳое таъсис меёбанд, ки дар амалӣ намудани асосҳо ва самтҳои сиёсати экологӣ нақши муҳим мебозанд. Таъсис ва рушди созмонҳои гуногуни “сабзҳо” ҳамчун иттиҳодияҳои бузурги байналмилалӣ аз он шаҳодат медиҳанд.

Аз ин нуқтаи назар, сиёсати экологӣ фарогири маҷмуи тадбирҳои сиёсӣ доир ба ҳифзи натанҳо муҳити зисти тамоми мавҷудот, инчунин худи онҳо, аз ҷумла инсон мебошад.

Таърихи хеле тӯлонӣ доштани масоили экологӣ ва аз ибтидо таваҷҷуҳи мутафакиронро ҷалб намудани он исботи возеҳи мубрам будани ин падида дар ҳаёти ҷомеа мебошад. “Инкишофу тараққиёт ва пойдории давлат ҳамчун институти сиёсӣ ва марказии системаи сиёсии ҷомеа аз вазъи экологии муҳити зист ва шароити ҷойгиршавии ҷуғрофӣ вобастагии амиқ дорад. Таърихи ташаккули давлатҳои ҷаҳон нишон медиҳанд, ки рушду тараққиёти муназзамро он кишварҳое соҳиб гардидаанд, ки шароити мусоиди ҷуғрофӣ ва экологиро доро буда, аз фарҳанги волои муносибат бо табиат ва муҳити зист бархурдоранд” [86, с. 3].

Дар шароити муосир вазъи устувори экологӣ шарти муҳимтарини рушди маҷмуии давлат маҳсуб ёфта, боиси ба маротиб суръат ёфтани тараққиёти давлат мегардад. Ва баръакс, вайроншавии муҳити экологӣ дар ин ё он давлат боиси пайдоиши мушкилоти нави иқтисодию иҷтимоӣ ва ноустувории авзои сиёсии ҷомеа мегардад. Дар шароити ҳозира ин раванд ба воқеият табдил ёфта,

мушкилоти нави иҷтимоию иқтисодии таҳдидкунанда ба вазъи сиёсии давлат ба вуҷуд омадаанд, ки яке аз онҳо муҳоҷирати экологӣ мебошад, ки ҳамаҷониба ба рушди устувори ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад. Муҳоҷири экологӣ бинобар тағйироти ногаҳонӣ ё дарозмуддат дар муҳити маҳаллӣ зист ба вуҷуд омада, аҳолиро водор ба он месозад, ки макони зисти худро иҷборан тарк созад. Ин тағйирот ба некӯаҳволии фардҳои алоҳида, оилаҳо, маҳалу деҳаҳо, инчунин минтақаҳои муайян таҳдид мекунад ва ҳодисаҳои табииро, аз қабили хушксолӣ, биёбоншавӣ, болоравии сатҳи баҳр ва халалдор шудани обу ҳаво дар бар мегирад. Муҳоҷирони экологӣ ба кишварҳои дигар ё ба минтақаҳои дигари кишвари худ мекӯчанд. Ин раванд ҳарчанд дар ҳамаи давраҳои таърихӣ ба мушоҳида мерасад, аммо дар қарни ҷорӣ он ба мушкилоти асосӣ табдил ёфта, дар пайи тағйирёбии иқлим ва таъсири ба маротиб зиёди манфии инсон ба табиат густариши бесобиқа пайдо кардааст.

Падидаи муҳоҷирати экологӣ далели возеҳи он аст, ки инсон дар пайи муносибати дағалонаи худ ба табиат ва ба инобат нагирифтани қонуниятҳои он, табиатро ба ҳолате расонидааст, ки худ дар муҳити он дигар иродаи зистан надорад.

Дар шароити ҳозираи инкишофи кишварҳо, минтақаҳои гуногун ва ҳавзаҳои мухталифи тамаддунӣ аз мафҳуми “экология” дар сатҳи гуногуну зиёде истифода менамоянд. Ҳам дар гуфтугӯи муқаррарӣ ва ҳам дар муносибатҳо ва робитаҳои касбӣ аз мафҳуми мазкур ба таври васеъ истифода мегардад. Ҳатто ҳангоми баҳогузорӣ ва ё муқаррар намудани ҳолати ашё мафҳуми “экология”-ро истифода намуда, масъалаҳоро тарҳрезӣ менамоянд. Дар аввал, одамон мафҳуми “экология”-ро бештар дар нисбати маводҳои ғизоӣ истифода менамуданд. Дар шароити ҳозира бошад, ҳангоми муқаррар намудани сифати ҳар гуна маҳсулот нишондодҳои экологиро ҳамчун меъёри муносибат истифода мебаранд. Яъне, дар шароити ҳозираи рушди ҷомеа истифодаи мафҳуми “экология” васеъ гардида, сермасриф гаштааст. Чунин хусусият фаҳми нисбатан нави падидаро ба амал оварда, аз сатҳи рӯзмаррагии он шаҳодат медиҳад.

Фаҳми дурусти мафҳуми марказии ин низоми донишҳо – “экология” зарурати пайвасти онро бо ҳодисаҳои дигар ва рӯовариҳои арзишии мухталиф ба миён меорад. Баъзан мушоҳида мегардад, ки ҳангоми муқаррар намудани робитаҳо бо ҳодисаҳои ҳамшафат дарки амиқи он халалдор мегардад ва чунин муносибат ҳолати осебпазириро пайдо менамояд. Фаҳми нодурусти мафҳумҳо ва ба якдигар пайвастани онҳо дар бештари мавридҳо робитаҳоро халалдор намуда, дар дарки дурусти ҳодисаҳо ва ё падидаҳо мушкилиҳоро пайдо мекунонанд. Масалан, масъалаҳои ҳифзи табиат ва масъалаҳои экологиро ба ҳам чунон шабоҳат медиҳанд, ки тафовутҳои байниҳамдигарии онҳо аз байн бардошта мешавад. Аз ин ҷост, ки зарурат ба дарки амиқи раванду ҳодисаҳо пайдо мешаванд. Дар доираи чунин муносибатҳо мафҳум ва ҳодисаро ба таври мушаххас асоснок намудан пеш меояд.

Экология дар пайдоиши худ мустақил набуд. Он ҳамчун қисми таркибии донишҳои биологӣ шакл гирифтааст. Таҳқиқи муносибати организмҳо масъалаи марказии он ба шумор мерафт. Дар шароити ҳозираи инкишофи донишҳо низ ташаккул ва инкишофи донишҳои экологиро бо номи Арасту пайваст менамоянд [105, с. 187].

Арасту ҳамчун мутафаккири энсиклопедист дар бораи ҳодисаю падидаҳои гуногуни табиат, ҷомеа ва муносибатҳои байниҳамдигарии онҳо ибрози назар намудааст. Дар замони муосир бештари муҳаққиқони соҳаҳои мухталифи донишҳо ба хотири нишон додани анъанаи қавии раванди ташаккул ва инкишофи донишҳои “худ” ба он ва монанди ӯ барин мутафаккирони атиқӣ муроҷиат менамоянд. Муҳаққиқони муосир чунин муносибатро барои тавсифи донишҳои муосир истифода менамоянд ва баъди чанде мушкилиҳо ва камбудиҳои таълимоти атиқиро ҷустанӣ мешаванд. Ба таълимоти донишмандони атиқӣ баҳои объективӣ надода, нокомиҳои онро ҳамчун манбаи зиддиятҳо ва аз байн бурдани онҳо истифода менамоянд.

Барои ташаккул ёфтани соҳаи мустақили донишҳо ва ё ҳамчун бахши махсус дар таркиботи дигар зарур аст, ки онҳо давраи муайян ғуншавии андешаҳо, ғояҳо ва фарзияҳои гуногунро сипарӣ намоянд. Ҳеҷ як соҳаи

донишҳои яку якбора ба амал наомадаанд. Ҳар яки он эволютсияи мураккабро аз сар гузаронида, то ба дараҷаи комилият мерасад. Ҳар давраи таърихӣ ва манфиатҳои касбии мактабҳои илмӣ нигоҳи тозаеро ба масъала ва раванди таҳқиқот пайдо менамоянд ва дар доираи онҳо донишҳои нав пайдо мегарданд, ки идомаи мантиқии андешаҳои пешинаааанд. Дар мавриди экология низ муносибатҳо ҳамин тавр сурат гирифтаанд.

Масъалаи марказии экологияро таҳқиқи организмҳо ва муносибати онҳо муҳит ташкил менамоянд. Организмҳо тартиби муайяни ташаккул ва ҷойгиршавиро касб намудаанд ва онҳо гурӯҳҳои муайяни системаҳои сатҳи муайянро ташкил менамоянд. Омӯзиш, талҳил ва таркиби онҳо вазифаи марказии донишҳои экологӣ мансуб мегарданд. Азбаски тамоми мавҷудоти зинда дар экосистемаҳо гирд омадаанд ва биосфера низ экосистемаи муайян аст, шахс низ ба муносибатҳои экологӣ кашида мешавад.

Созмонёбии ҳамаи мавҷудоти зинда дар доираи экосистемаҳои ягона ва пайвандии ногусастанӣ миёни онҳо мусоидат ба он менамояд, ки дар сурати ба вуҷуд омадани як мушкилоти экологӣ дар яке аз экосистемаҳо таъсири он ба дигар экосистемаҳо ҳатман мерасад. Масалан, аксари мушкилиҳои экологие, ки имрӯз ҷомеаи ҷаҳониро нигарон намудаанд, дар пайи омилҳои антропогенӣ ба вуҷуд омадаанд ва инсоният натавонистааст, ки муносибати оқилона ва муназзамро бо табиат, ки худ низ ҷузъи он мебошад ба роҳ монад.

Бо назардошти ин ва ҳамзамон ҷиҳати таҳлили боз ҳам дақиқтари масъала мо ҳамбастагӣ ва паҳнои масоили экологиро дар доираи ин илм ва ҳамбастагии он бо дигар илмҳо ва дар заминаи он сиёсати экологиро таҳлилу баррасӣ менамоем.

Ҳангоми таҳқиқи масъалаҳои экологӣ зарурати муайян намудани сатҳи муносибатҳо бо соҳаҳои донишҳои дигар пеш меояд. Зеро масъалаҳои рушди экологӣ низ дар ҳамбастагӣ бо масъалаҳои дигари инкишоф амал менамоянд. Аз ин хотир, истифодаи дастовардҳои донишҳои дигари илмиро ҳангоми баррасии масъалаҳои экологӣ муҳим арзёбӣ менамоянд. Ҳам табиатшиносии муосир ва ҳам низоми донишҳои иҷтимоию гуманитарӣ дар омӯзиши амиқи

масъалаҳои экологӣ ва муайян намудани самтҳои инкишофи он мақоми муайян пайдо менамоянд. Яъне, истифодаи донишҳои синергетикӣ дар шароити муосири экология ҳамчун заминаи боэътимоди рушди низоми илми мусир гардида, дар ҳалли масъалаҳои инкишоф мақоми арзанда пайдо менамоянд.

Қисмати экологияи иҷтимоӣ, яъне экологияи ҷомеаи инсонӣ, ки ба омӯзиши муносибати байниҳамдигарии инсон ва табиат машғул мебошад ва заминаи ба вуҷуд омадани сиёсати экологӣ гардидааст, боиси қайди махсус аст.

Илова ба ин, таҳлили ҳамаҷонибаи экологияи инсон ва экологияи саноатӣ низ зарурати махсус дорад. Чунки асоси объекти таҳқиқоти моро сиёсати экологӣ ташкил менамояд ва асоси ба вуҷуд омадани масоили экологӣ, инчунин дар сатҳи сиёсати давлатӣ мақоми махсусро пайдо намудани сиёсати экологӣ ҳамин ду соҳа, экологияи инсон ва экологияи саноатӣ мебошанд. Ҳамин ду соҳае, ки қайд гардид назар ба соҳаҳои дигари экологияи зинда паҳншуда мебошанд. Одамон муҳити зист ва табиатро барои манфиати худ тағйир медиҳанд. Илова бар ин, дар муқоиса ба намудҳои дигари мавҷудоти зинда, инсон мавҷудоти биоиҷтимоӣ аст. Фаъолияти вай метавонад ҳам ба нафъи табиат ва ҳам ба зарари он равона карда шавад. Инкишофи ботадриҷи инсоният ба тағйирёбии олами равонии ӯ сабаб гардидааст, ки оқибати он метавонад бухрони тамаддуни инсонӣ бошад.

Дар байни донишҳои экологӣ мақоми хосаро экологияи инсон ташкил менамояд. Он ҷиҳатои гуногуни муносибати инсон ба олами атрофро фаро мегирад. Андеша дар бораи оне ки фаъолияти инсон муҳитро тағйир медиҳад, ҳеҷ ҷои шубҳа надорад. Худи фаъолияти инсон ҳаёти онро мураттаб ва комил мегардонад. Фаъолияти инсон заминаи асосии мавҷудияти ӯ ва ҷомеаи инсонӣ мегардад. Инсон аз рӯи зарурат ба муҳити зист таъсир мебахшад ва онро дар доираи манфиат ва талаботи муайян истифода мебарад. таъсиррасониҳои инсон нисбат ба табиат ва масъалаҳои истифодаи захираҳои табиии муҳити

зист беҳудуд бошанд. Яъне, аҳли ҷомеа бояд ин масъаларо дарк кунанд ва андозаро нигоҳ доранд.

Фаъолияти заводу фабрикаҳо боиси дигаргун намудани муҳити зист ва тамоми системаи табиии мавҷудот мегардад. Аз ин лиҳоз, барои он ки фаъолияти таъсиррасонии заводҳо ва корхонаҳои саноатӣ ба табиат, пеш аз ҳама, ба муҳити зист самаранок ва ё дар доираи ҳолати мутаносибӣ қарор дошта бошад, мебояд, ки технологияҳои мусоид ва муосирро истифода намуд. Ҳадаф он аст, ки ҳарчӣ камтар ба табиат ва муҳити атроф зиён оварда шавад. Чунин ҳолатро зери мафҳуми “технологияи экологӣ” мавриди истифода қарор медиҳанд. Яъне, “технологияи экологӣ” дар маънои муайян намудани тарзи хосаи муносибат ҳангоми баррасии масъалаҳо дар назар дошта шудаанд. Ҳадафи асосиро ҳарчӣ бештар кам намудани таъсири манфии фаъолияти истеҳсолии одамон ташкил менамояд. Ҳадафи асосиро роҳ надодан ба ифлосшавии муҳити зист ташкил менамояд.

Муҳити экологӣ мазмун ва мундариҷаи гуногун ва васеъро ифода менамояд. Вобаста ба объектҳо муҳити экологӣ ташаккул меёбад. Ҳам дар саноат ва ҳам дар хоҷагии деҳот объектҳои таъсиррасонии экологӣ зиёданд. Онҳо бояд тавассути таъсиррасониҳои донишҳои соҳавӣ танзим гарданд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, дар амалияи ҷамъиятӣ бештар ба дарёфти роҳу воситаҳои ҳифзи муҳити зист бештар таваҷҷуҳ менамоянд. Аммо масъалаҳои бунёдӣ роҳҳои ҳалли худро намеёбанд. Бештар он аст, ки заминаи ифлосшавии муҳити зист пайдо карда шаванд.

Ҳифзи муҳити зист бояд чорабиниҳои сатҳи гуногунро дар бар гиранд, ки ба таъмини фароғати иҷтимоии одамон нигаронида шуда, боиси нигоҳдории саломатии инсон гарданд. Яъне, саломатии инсон меъёри асосии муайян намудани вазъи муҳити зист бошад.

Ба сифати мафҳуми ҳаммаънои “ҳифзи муҳити зист” мафҳуми “инвайронментология” истифода мешавад. Он маҷмуи донишҳо дар бораи муҳити табиии инсон ва низоми ҳифзи он мебошад. Инвайронменталистика

тарз ва усулҳои тоза кардани газҳои партов ва партовоб, коркарди партовҳо ва усулҳои дигари ҳифз ва тоза кардани муҳити зистро фаро мегирад.

Дар таҷриба мафҳуми нисбатан наздик ҳифзи муҳити зист мебошад, ки маҷмуи чорабиниҳо ва тадбирҳои назоратиро ҷиҳати пешгирии расонидани зарар ва вайрон кардани муҳити зист дар бар мегирад. Илова ба мафҳуми "ҳифзи муҳити зист", мафҳуми "ҳифзи табиат" низ васеъ истифода мегардад. Ҳифзи табиат – ин маҷмуи чорабиниҳои байналмилалӣ, давлатӣ, маҳаллӣ, ҷамъиятӣ, технологӣ, ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва маъмурӣ, ки барои ҳифз, истифодаи оқилонаю самарабахш ва барқарорсозии табиати сайёраи Замин ва фазои ҳавоӣ ба хотири наслҳои имрӯзу оянда равона гардидааст, мебошад.

Тавре ки маълум аст, экосистемаҳои одӣ ба системаҳои мураккаб дохил карда мешаванд. Ҳамзамон, дар ин ҳолат зинанизоми ташкили системаҳои экологӣ амалӣ карда мешавад. Натиҷаи муҳимми ташкили зинанизомии экосистемаҳо дар он аст, ки компонентҳо ба блокҳои калонтар муттаҳид мешаванд, ки дар навбати худ инҳо ба системаҳо муттаҳид шуда, ин воҳидҳои нави функсионалӣ хосиятҳои нав доранд, ки дар сатҳи пешин мавҷуд набуданд. Ин ҳолат тақозо менамояд, ки яке аз самтҳои асосии сиёсати экологӣ бояд ташаккулу равнақ додани тафаккури экологӣ, дӯстдории табиат бошад ва ҷомеа хуб дарк намояд, ки тамоми мавҷудот дар табиат ба ҳам пайвандии ногусастанӣ доранд.

Махсусияти экологӣ дар он зоҳир мегардад, ки табиати организмҳои зинда ва табиати ғайризиндаро мавриди таваҷҷуҳ қарор медиҳад. Чунин муносибат дар ҳудудҳои системаи муайян ба амал меояд. Он бетартиб набуда, ба таври муташаккилона, бо роҳи муайян ва тавассути қонуниятҳои хосса ба амал меояд. Маҳз ҳамин қонуниятҳои таркиби сохтории муҳити зист моҳияти сиёсати экологиро инъикос намуда, давлат барои ҳифзи табиат қонунгузории худро тарҳрезӣ менамояд, ки он чаҳорчубаи муносибати инсонро ба танзим даровварда, то андозае таъсири мусбат ба табиат ва муҳити зист мегардад. Дар ҳолати риоя нагардидани талаботи ҳифзи муҳити зист ба вайронкунандагони қонун ҷазои маъмурӣ пешбинӣ мегардад.

Сиёсати экологӣ новобаста аз сатҳи ташаккул ва инкишофаш бояд ҳамчун қисми таркибии системаи муайян дониста шавад. Он бояд дар доираи масъалаҳо ва ҳадафҳои биосфера таҳия гардад ва амалӣ карда шавад. “Дар доираи он мубодилаи энергия ва материя дар байни ҳамаи ҷузъҳои зинда ва ғайризинда дар миқёси сайёра сурат мегирад”[48, с. 19]. Чунин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки инсон ва тамоми олами моддӣ ба ҳам пайванд буда, ба эътибор арзишҳо ва меъёрҳои муносибат боиси ба миён омадани оқибатҳои манфиро дар ҷомеа мегарданд.

Хатари ҷиддии ба тамоми инсоният таҳдидкунанда дар он аст, ки биосфера яке аз нишонаҳои асосии таркиби экосистема вайрон гардида, ҳамчун экосистемаи фаъолияти инсон ҳолати устувории худро аз даст додааст. Бо назардошти миқёси худ ва гуногунии вобастагӣ, он набояд аз байн равад ва ба ҳолати нави устувор гузашта, сохтори худро пеш аз ҳама олами ғайризинда ва дар пайи он олами зиндаро низ ба таври ногузир тағйир медиҳад.

Ҳамин тавр, экология, мафҳуми сермасриф ва мураккаб буда, проблемаҳои мухталифи муҳити зистро дар навбати аввал мавриди таҳлил ва натиҷагирӣ қарор медиҳад. Бо назардошти ин хусусият, сиёсати экологӣ хеле мураккаб буда, он фарогири маҷмуи ҳадафҳо ва таркиботи гуногунмазмун мебошад, ки бо инобати ниёзҳо ва талаботи ҷамъи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа тарҳрезӣ, таҳия ва амалӣ карда мешавад. Вазифаи асосӣ дар назди мо вобаста ба таҳлили мушаххаси моҳияти сиёсати экологӣ ҳамчун самти мураккаби сиёсати дохилидавлатӣ, байнидавлатӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ меистад, ки таҳқиқи маҷмуии соҳаҳои алоқаманд ба сиёсати экологиро тақозо месозад.

Монеаҳо, зиддият ва мушкилоти экологӣ дар навъҳо ва шаклҳои гуногун дар тамоми рафти инкишофи ҷомеа вуҷуд доранд. Дар байни онҳо мушкилоти умумӣ мақоми хоссаро касб менамояд. Он, пеш аз ҳама, объекти асосии таҳқиқот қарор мегирад. Вале фаҳми ягонаи мушкилоти умумӣ ҳастӣ надорад. Он дар шаклҳои гуногун мавриди истифода қарор гирифтааст. Меъёрҳои асосии муайян намудани ҷиҳатҳои умумии мушкилот муқаррар нагардидаанд.

Мафҳуми “экология” кайҳост, ки мавриди истифода аст. Аммо он аз ҷиҳати илмӣ асоснок нагардида буд. Дар давраҳои гуногуни инкишофи ҷомеа муҳаққиқон ва донишмандон дар бораи монеаҳо ва мушкилоти рушди экологии ҷомеа андешаҳои зиёду гуногуне иброз медоштанд.  Он назари хешро дар бораи роҳҳу воситаҳои аз байн бурдани монеаҳо ва мушкилиҳои рушди экологӣ иброз дошта, кӯшиши асоснок намудани онҳоро ба харҷ медоданд.

Дар давраи аввали таснифот муҳаққиқон кӯшиш менамуданд, ки бештар ба омилҳои иҷтимоию сиёсӣ таваҷҷуҳ намуда, мақом ва ҷойгоҳи онҳоро дар ташаккули муносибатҳо ба муҳити зист ва умуман, масъалаҳои инкишофи экологӣ муқаррар намоянд. Аз сабабе ки бештари муҳаққиқон донишҳои иҷтимоиро намояндагӣ менамуданд, масъалаҳои муҳити зист ва рушди экологиро низ дар доираи меъёрҳо ва арзишҳои ҳадафҳо ва манфиатҳои касбии хеш маънидод менамуданд. Бахусус,  ба масъалаҳои нобаробариҳои ҷомеа ва ба эътибор нагирифтани адолати иҷтимоӣ мепайвастанд. “Дар ҷомеа норозигӣ, гуруснагӣ, камбизоатӣ, бекорӣ ва нарасидани дигар воситаҳои зарурӣ барои қонеъ кардани ниёзҳои инсон афзоиш меёбанд, ки боиси вайронкориҳои муҳити зист мегардад”[177, с. 241].

Хусусияти асосии монеаҳо ва мушкилоти рушди экологии кишварҳо ва минтақаҳо дар он зоҳир мегардад, ки бештар барои ҷомеа хатарзо шуда, ҳарчи бештар доираи масъалаҳои зиёду гуногуни инкишофи кишварҳоро фаро мегирад. Мушкилоти экологӣ, ки характери универсалӣ пайдо намудаанд, тамоми соҳаҳои ҳаёт ва муносибатҳои ҷамъиятиро фаро мегиранд. Хатарҳоро ҳам дар соҳаи иқтисодӣ ва ҳам дар бахши иҷтимоию сиёсӣ ва ҳам маънавию фарҳангӣ ба миён оварда, дар ташаккули тазодҳо ва бухронҳои умумии инкишоф мақоми хоса пайдо менамоянд.

Дар ин радиф Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар муколамаи интерактивии Саммити 2015 оид ба мавзуи «Ба хотири ҳифзи сайёраи мо ва дар ҷодаи мубориза бо тағйирёбии иқлим» [77] аз тағйири даври гидрологӣ, ки

он ба амнияти обӣ, энергетикӣ ва озуқаворӣ таъсири манфӣ расонида, эҳтимоли обхезиҳо ва хушксолиҳои шадидро афзун мегардонад, эҳсоси нигаронии кишварҳои минтақаро иброз намуда, афзуд, ки "Осиёи Марказӣ аз ҷумлаи минтақаҳое мебошад, ки дар паҳнои он тағйироти иқлим аллакай ба пайомадҳои муайяни манфӣ сабаб шудааст" [77].

Ҳамин тавр, масъалаҳои гуногуну ҳалталаби экологӣ дар ҳаёти одамон нақши муассир пайдо намудаанд. Ҳолати мазкур дар назди муҳаққиқони донишҳои гуногуни муосир, бахусус, мутахассисони экология вазифаҳои ҷиддӣ мегузорад.

Бо назардошти ботадриҷ шиддат ёфтани мушкилоти мазкур ва таъсири ҳамарӯзаи он ба ҳаёти ҷомеа ва мураккабию мубрамии масоили экологӣ дар солҳои охир чӣ аз ҷониби олимони алоҳида ва чӣ аз ҷониби созмону ташкилотҳои гуногуни минтақавию ҷаҳонӣ таҳқиқотҳои зиёди илмӣ анҷом дода шуда, таҷриба ва маводи илмии зиёд ба даст омадааст. Махсусан, таҳқиқотҳои бисёр назаррас аз ҷониби муассисаҳои гуногуни СММ, Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ, дар минтақаи Осиёи Марказӣ аз ҷониби Фонди наҷоти Арал ва ғайраҳо гузаронида шудаанд. Дар ин раванд саҳми донишмандони алоҳида низ дар таҳқиқи моҳияти экология ва дарёфти роҳу воситаҳои ҳалли мушкилоти экологӣ боиси арзёбӣ мебошад. Дар ин ҷода, олимони шинохтаи соҳаи экология ва сиёсати экологӣ аз Тоҷикистон У. Муртазоев [134], М. Мавлонӣ [180], Р. Рауфов [134], Х. Муҳаббатов [165], С.Т. Наврузов [141], Қ. Расулов [147], А. Салоҳитдинов [152], Н.М. Сафаров [153], А.А. Каримов [122], Д.Д. Ҳалимова [225], С.М. Асророва [217], С.З. Қувватзода [225], Ш.Д. Дустбаев [113], М.З. Баҳромзода [108], М.О. Ибодов [117] ва дигарон таҳқиқоти илмӣ гузаронидаанд.

Аз кишварҳои ИДМ дар ин самт муҳаққиқон Ҷ. Бакнал [107], К. Хемилтон [107], Н. Кишор [107], К. Краус [107], П. Пилай [107], Р. Браун [109], А.А. Горелов [110], Данилов-Данилян [111], В.А. Духовний [114], И.С. Зонн [115], М.Х. Глантс [116], С.Р. Ибатуллин [116], В.А. Ясинский [116], А.П. Мироненков [116], Х.Р. Исайнов [173], В.П. Казначеев [120], . Клесон [123],

Н.С. Кожакматова [124], И.А. Козиков [125], А.Н. Кочергин [126], Р. Ласко [130], Лейф Иверсон [129], Ю.Г. Марков [132], С.Д. Махкамбаев [183], Ю.В. Новиков[143] ва дигарон сабабҳои пайдоиши экологияро дар марҳилаҳои гуногуни давраи таърихӣ таҳқиқ кардаанд, моҳияти экология ва оқибатҳои иҷтимоии мушкилоти экологиро дар ҷомеа нишон додаанд.

Аммо то ҳанӯз бо назардошти мураккабии мушкилоти экологӣ ва рушди босуръати он, ҳамзамон пайдоиши мушкилоти нав ба нави экологӣ дар сатҳи ҷаҳон, шиддати тағйирёбии иқлим, рушди босуръати демографӣ, истифодаи зиёди яроқу аслиҳа, маводҳои химиявӣ ва омилҳои дигар ҳалли ин масъаларо торафт печидаю душвор мегардонад. Дар ин замина, таҳқиқотҳои то имрӯз анҷомёфта дар роҳи ҳалли масоили экологӣ нокифоя буда, дарки моҳияти аслии таҳлилу таҳқиқи боз ҳам ҷиддитарро тақозо менамояд. Тибқи арзёбиҳои боло мо бояд ба мафҳуми “экология” бо дарназардошти таҷрибаи таърихӣ ва таҷрибаи инсонӣ ба тамоми ҷиддият муносибат кунем. Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки гарчанде моҳияти экология дар корҳои анҷомдодаи олимони кишварҳои гуногун, махсусан олимони кишварҳои Осиёи Марказӣ баррасӣ карда шудааст, аммо моҳияти ин падидаи мураккаб ҳоло ҳам ба қадри кофӣ ва возеҳ муайян карда нашудааст. Масалан, олимони варзидаи ин соҳа ҳам аз Тоҷикистон ва ҳам аз кишварҳои дигар, ки дар боло зикрашон рафт ин масъаларо хеле хуб таҳқиқ намуда бошанд ҳам, доир ба моҳияти сиёсати экологӣ ва ҳамбастагии сиёсати экологии кишварҳои Осиёи Марказӣ таваҷҷуҳ нисбат ба дигар паҳлӯҳои масъала камтар аст. Дар ин асарҳо, моҳияти сиёсати экологии давлат таҳлил карда нашудааст, заминаҳои тарҳрезии сиёсати экологӣ ва ҳалли масоили экологӣ ба воситаи андешидани тадбирҳои сиёсӣ тавсиф карда нашудаанд. Тавре маълум аст, барои ҳалли дилхоҳ масъалаи мураккаб дар ҷомеаи муосир, пеш аз ҳама ҳалли сиёсии он ва қабули қарори дахлдор дар ин самт зарур мебошад. Бо назардошти ин нуқта, таҳқиқи сиёсати экологии минтақавӣ ва дарки моҳияти мафҳуми экология дар доираи он зарур мебошад.

Муносибат ба масъалаҳои гуногуни инкишофи моҳияти экологӣ собит месозад, ки мақом ва нақши экология дар низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ ҷойгоҳи хосса пайдо намояд. Рӯоварии одамон ба масъалаҳои гуногуни инкишофи экологӣ ва дар ташкилоту созмонҳои мухталиф ба хотири ҳифзи муҳити зист ва ҳаллаи масъалаҳои дигари экологӣ гирд омадани одамони касбу кори гуногун ба яке аз падидаҳои муҳимми ҷомеаи муосир табдил ёфтааст. Ҳаракатҳои оммавӣ тадриҷан рушд ёфта, ба неруи муаассири олами бузург табдил меёбанд.

Масъалаҳои мухталифи муҳити зист ва захираҳои табиӣ ҳатман хосияти сиёсӣ пайдо намуда, тадриҷан ба унсури сиёсати давлатӣ табдил меёбанд. Зеро тавассути сиёсати давлатӣ ҳалли масъалаҳо осонтар ба амал меоянд. Маълум аст, ки мушкилоти экологӣ дар мамлакатҳои мутамаддин, пеш аз ҳама, тавассути фаъолияти акторҳои сиёсати давлатӣ амалӣ карда мешаванд. Ё сиёсати давлатӣ дар ҳалли чунин мушкилот нақши асосӣ мебозанд. Монеаҳо ва мушкилоти экологӣ на танҳо ба раванду ҳодисаҳои алоҳида таъсир мерасонанд, балки вобаста ба хусусиятҳои асосии сиёсигардии масъалаҳои муҳити зист ва низоми истифодаи захираҳои табиӣ онҳо метавонанд ба тамоми системаи сиёсии ҷомеа таъсир расонанд ва дар раванди тағйирпазирии он нақши муҳимро касб намоянд. Махсусан, чунин таъсиррасониҳо ҳангоми таҳия ва қабули санадҳои сиёсию меъёрии муносибат ба равандҳои экологӣ, истифодаи захираҳои табиӣ, консепсияҳои инкишоф ва муайян намудани ҳадафҳои стратегии инкишофи давлатҳо ва минтақаҳо эҳсос мегарданд.

Аз ҷиҳати амалӣ сиёсати экологӣ дар кишвари мо ҳанӯз дар давраи советӣ ташаккул ёфта, сатҳи зарурии инкишофро пайдо намуда, тадриҷан тамоми унсурҳои асосии навъи сиёсатро фаро гирифтааст. Сиёсати экологӣ дар давраи советӣ ба таълимоти марксизм – ленинизм такя менамуд. Таълимоти мазкур сатҳи зарурии идоракунии соҳавиро аз ҷиҳати назариявию методологӣ ва идеологӣ асоснок намуда, масъалаҳои гуногуни равандҳои экологиро мавриди таҳлил ва натиҷагириҳо қарор дода буд. Ба масъалаҳои муҳити зист ва равандҳои экологӣ бештар Ф. Энгелс машғул гардидааст. Ӯ раванди ба

ҳолатҳои бuҳронӣ гирифтор гаштани муҳити зист ва истифодаи захираҳои табииро ба масъалаҳои инқилоби сотсиалистӣ мепайваст. "Пирӯзии инқилоби сотсиалистӣ, ташаккули ҷомеа, ки ҳадафи он инсон аст, гузариш ба танзими системавии эҷодии на танҳо истеҳсолоти иҷтимоӣ, балки ҳамкориҳои он бо ҷомеа ва табиат низ мебошад. Зиндагии ҳамоҳанг бо табиат яке аз арзишҳои асосии инсонӣ мебошад"[160].

Дар давраи советӣ ҳанӯз дар ибтидо кӯшиш менамуданд, ки дар мавриди ҳифзи табиат ва истифодаи оқилонаю самараноки сарватҳои табиӣ ва бо ин тартиб таъмини ҳифзу ҳимояи экологӣ чораҳои зарурӣ бинанд. Ба масъалаҳои мазкур В.И. Ленин низ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, барои ҳалли мушкилот ва монеаҳои экологӣ корҳои муҳиме анҷом дода шудаанд: "...бо кӯшишҳои вай санадҳои зиёди расмии Ҳукумати Советӣ дар барои ҳифзи табиат ва муҳити зист қабул гардида, дар идоракунии масъалаҳои мазкур мақоми муайяне пайдо карда буданд" [231].

Назар намудан ба фаъолияти мақомоти ҳукуматӣ дар мавриди ташкили аввалин мамнуъгоҳҳо, аз ҷумла мамнуъгоҳҳои "Архангелск", "Илменский", "Байкал" ва ғайра аз он шаҳодат медиҳанд, ки масъалаҳои инкишофи экологӣ ва ҳимояи муҳити зист дар маркази диққати ниҳодҳои давлатӣ ва ҳизбӣ қарор доштанд. Чунин амалияро роҳбарони замони советӣ дар минтақаҳои дигари мамлакати паҳновар ҷорӣ менамуданд.

Дар шароити ҷомеаи советӣ шабакаи ягона ва устувори умумии сохтору мақомоти ҳифзи муҳити зист таъсис ёфта буд. Дар сатҳи ин сохторҳо ва ҳамзамон дар сатҳи давлатӣ ҳуҷҷатҳои муҳим ва қарору фармонҳои дахлдор доир ба ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ қабул карда шудаанд. Ин раванд, пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ идома ёфта, сиёсати экологӣ ба самти муҳимтарини сиёсати давлатии мамлакатҳои минтақа табдил меёбад. Ҳамзамон ба хотири ҳифзи фазои ягонаи минтақавии экологӣ, сиёсати минтақавии экологӣ низ аз ҷониби кишварҳои минтақа дар доираи ҳамкориҳои байнидавлатӣ ва ҳусни ҳамҷаворӣ тарҳрезӣ ва амалӣ карда шуда истодааст, ки

дар зербобҳои минбаъда роҷеъ ба он маълумоти муфассал оварда мешавад. Зарурати таҳия ва амалисозии сиёсати оқилонаю мутамаддини экологӣ ва таҳкими фарҳанги экологӣ ба миён омадааст. Робитаи сиёсат бо табиат, амали иҷтимоӣ ва экологӣ, зарурати бунёдию пойдорӣ дар сиёсати иқтисодӣ ба моҳияти фаврии ҳамоҳангсозӣ ва рушди ин муносибатҳо табдил ёфта, муносибати оқилона ба муҳитро тақозо менамояд. Имрӯзҳо чунин чораҳои давлатии раванди рушди муҳити зист ҳамчун заминаи ғоявӣ ва назариявии робитаи байни инсон ва табиат ниҳоят муҳим мебошанд.

Маълум аст, ки омилҳои маънавӣ асоси таҳкими муносибатҳои ахлоқии инсон бо муҳит мебошанд ва ҳамчун танзимгари ҳаёти инсон амал мекунанд. Сиёсати иқтисодӣ ва тафаккури сиёсӣ асоси таҳкиму устувории ғоявӣ – назариявӣ миёни табиату ҷомеа дар ташаккулёбии сиёсати иқтисодӣ мебошанд. Чунин сиёсат ба ташаккули муносибатҳои инсондӯстона ва огоҳона байни одам ва табиат мусоидат мекунад.

Масъалаҳои иҷтимоии равандҳои экологӣ хосиятҳои мухталифро дар худ ифода менамоянд ва дар навъҳо ва шаклҳои мухталиф аз худ дарак медиҳанд. Ба ҷумлаи онҳо масъалаҳои зеринро ворид намудан мумкин аст:

- пайдо намудани низоми иқтисодии бехтар намудани вазъи экологӣ;

- ба таври доимӣ амал намудани ниҳодҳои назоратӣ дар назди мақомоти идоракунии сиёсии кишвар ва таҷдиди назар пайдо намудани фаъолияти онҳо;

- ба таври васеъ истифода намудан аз хизмати таҳлилгарони касбӣ ва намояндагиҳои иҷтимоӣ;

- пайдо намудани сармоягузории ҳам ватанӣ ва ҳам хориҷӣ ва таъмини кафолатҳои сатҳи гуногуни он;

- рушди маърифати экологии тамоми аҳолӣ ва бахусус, кадрҳои идоракунанда.

Ҳангоми ба амал баровардани сиёсати экологӣ набояд ҳолатҳои буҳронии он ва таъсири он ба масъалаҳои иҷтимоӣ сарфи назар гарданд. Он ба аз байн рафтани баробарии шароити зиндагӣ, ки натиҷаи амалҳои инсон дар нисбати табиат мебошад, мусоидат менамояд. Буҳрони экологиро дар шароити ҳозира

таҳдидҳои экологӣ ҳамроҳӣ менамоянд, ки оқибат амнияти ҷомеа ва инкишофи устувори онро халалдор менамояд. Бинобар ин, шароит ва вазъи беҳтари инкишофи экологиро фақат тавассути амалӣ намудани сиёсати самаранок ташаккул додан мумкин аст.

Сиёсати экологиро бо назардошти сатҳи паҳншавӣ ва фарогирии мушкилоти экологӣ метавон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намуд:

1. Сиёсати дохилӣ ё миллии экологӣ.
2. Сиёсати минтақавии экологӣ.
3. Сиёсати ҷаҳонӣ ё байналмилалии экологӣ.

Сиёсати дохилии экологӣ маҷмуи чорабиниҳо ва тадбирҳои дохилидавлатӣ дар самти ҳалли масоили экологӣ ва ҳифзу беҳдошти муҳити зист мебошад. Аз таҳия ва қабули санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, барномаҳои давлатии марбут ба соҳаи экология, нигоҳдорию барқарорсозии захираҳои табиӣ ва гуногунии табиӣ, ки дар натиҷаи фаъолияти инсон зарар дидаанд, ҷудо кардани маблағ ба ниҳодҳои гуногуни ҷомеа ҷиҳати ҳифзу нигоҳдошти муҳити зист ва ғайраҳо иборат мебошад. Дар ин замина, ҳар як давлати дунё барномаю стратегияҳои мушаххаси экологии худро таҳия намуда, бо ҷалби сармоя аз сарчашмаҳои гуногуни маблағгузорӣ онҳоро татбиқ намуда истодаанд. Сиёсати миллии экологӣ заминаи асосии бавуҷудоии сиёсати минтақавии экологӣ буда, маҳз ташаккули асосҳои ҳуқуқии он бо назардошти баррасӣ ва ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли мушкилоти нисбатан мураккаб ва дар сатҳи фарохи экологӣ сабаби пайдоиши сиёсати минтақавии экологӣ мегардад. Бисёре аз мушкилоти нисбатан хурди экологӣ, асосан, характери дохилидавлатӣ ва ё миллидошта, роҳҳои ҳалли онҳо дар андешидани чораҳои мушаххас аз ҷониби ҳукумат ва ниҳодҳои он нуҳуфта аст. Мушкилоти нисбатан бузурги экологӣ бошад, асосан, характери минтақавӣ доранд ва роҳҳои асосии ҳалли онҳо дар ҳамкории байнидавлатии кишварҳои минтақа ва аз таҳияву татбиқи сиёсати самарабахши минтақавии экологӣ вобаста аст. Ҳалли ин гурӯҳ мушкилоти экологӣ фаъолияти дастаҷамъонаи давлатҳои

минтақа ва давлатҳои дигари зери ин мушкилоти экологӣ қарордоштаро тақозо менамояд.

Сиёсати минтақавии экологӣ сиёсати дастаҷамъонаи давлатҳои як минтақа буда, бо назардошти ҳифзи фазои экологии минтақавӣ ва муҳити зисти минтақа, истифодаи оқилонаи сарватҳои табиии минтақа ва фаромиллӣ бе расонидани зарар ба табиат, ҳалли мушкилоти минтақавии экологӣ ва фаъолияти якҷоя дар ин самт таҳия ва амалӣ карда мешавад.

Бо назардошти ҳолати имрӯза метавон таъкид намуд, ки бисёре аз мушкилоти экологӣ фарохтар аз марзҳои миллӣ буда, тадбирандешиҳои дастаҷамъона ва якҷояи якчанд давлат ва ё гурӯҳи давлатҳоро тақозо менамояд. Бе фаъолияти дастаҷамъонаи давлатҳо ҳалли чунин мушкилоти экологӣ аз ҳад душвор ва ё номумкин аст. Маҳз ҳамин омил водор месозад, ки давлатҳои минтақа бо мақсади ҳаллу фасли мушкилиҳои мавҷудаи экологӣ дар минтақа ба ҳам биёянд ва сиёсати ягонаи минтақавии экологиро таҳия ва амалӣ созанд.

Илова бар мушкилоти минтақавии экологӣ, мушкилоти глобалии экологӣ низ мавҷуданд ва ин омил боиси он гардидааст, ки сиёсати экологӣ характери байналхалқӣ касб кардааст, зеро табиат ҳеҷ гуна сарҳади сунъӣ (давлати сиёсиро) намедонад - он барои тамоми одамони рӯйи замин як хел аст. Хусусияти байналмилалии масоили экологӣ фаъолияти дастаҷамъона ва якҷояву мувофиқашудаpo аз субъектҳои сиёсати ҷаҳонӣ талаб менамояд. Мавриди таъкид аст, ки мушкилоти экологӣ ба заминаи аслӣ ва воқеии пайдоиши сиёсати ягонаи байналмилалӣ ва ҷаҳонӣ гардида, ба яке аз масъалаҳои мубрами глобалии замони мо табдил ёфтааст. Мушкилоти асосии глобалии экологӣ пеш аз ҳама шиддатёбии раванди тағйирёбии иқлим ва оқибатҳои ногувори он, ҳифзи лифофаи газии Замин, ба монанди қабати озон; ҳифз ва барқароркунии олами наботот ва ҳайвонот; такмил додани истифодаи захираҳое, ки барои мақсадҳои иқтисодӣ ва дигар мақсадҳо истифода мешаванд; пешгирии ифлосшавӣ ва зарари оқибатҳои истифодаи кайҳон бо мақсадҳои ҳарбӣ, кам кардани маҳсулоти полиэтиленӣ (пластикӣ) ва коркарду

безараргардонии саривақтии онҳо, истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ, гузариш ба “иқтисоди сабз” ва истифодаи бештари манбаъҳои барқароршаванда ва алтернативии нерӯ ва шаклҳои дигари фаъолият мебошад.

Хулоса, пажӯҳиши масъалаҳои илмию назариявии мушкилоти экологӣ вазифаи муҳим ва мубрам дар назди илмҳои сиёсии муосир қарор дорад. Бе таҳлили амиқи моҳияти сиёсати экологӣ дар ҷомеа дарёфти роҳу усулҳои самарабахши фаъолияти иқтисодию иҷтимоӣ ва таъмини рушди муназзаму устувор ғайриимкон мебошад.

Инсоният дар тӯли таърих барои муваффақ гардидан ба орзую мақсадҳои худ аз тамоми имкониятҳои дар ихтиёрдоштаи табиат васеъ ва дағалона истифода намудааст. Бехабар аз он ки худ низ як ҷузъи табиат аст ва чунин муносибат метавонад, ӯро низ гирифтори қурбониҳои худ гардонад.

Хусусияти хоси моҳияти мушкилоти экологӣ дар он аст, ки он барои тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ хатари ҷиддӣ дорад, чунки мушкилоти экологӣ фарогири тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа буда, он ба тадриҷ таъсири манфии худро беш аз пеш расонида истодааст. Ин омилҳо тақозо менамоянд, ки дар баробари сиёсати давлатӣ ва миллии экологӣ сиёсати самарабахши минтақавию байналмилалии экологӣ бо назардошти ҳифзи манфиатҳои умумиҷаҳонӣ таҳия ва амалӣ карда шавад, ки кори таҳқиқотии мо фарогири қисмати дуюми ҳамин масъала, яъне сиёсати минтақавии экологӣ мебошад.

Яке аз олимони тоҷик д.и. фалсафа, профессор Гулахмедов М. дар ин маврид чунин қайд кардааст: “Танҳо дар ҳолати баланд бардоштани фарҳанги экологии ҷомеа масъалаҳои марбут ба ҳифзи табиатро ҳал кардан мумкин аст. Насли башар бояд дарк намояд, ки ҳар як муносибати бешуурона нисбат ба табиат ва сарватҳои он ба сари худ ва дигарон хатар ба вуҷуд меорад” [171, с. 156].

Яке аз сабабҳои ифлосшавии муҳити зист наклиётҳое мебошанд, ки тавассути сузишвории бензинӣ ва дизелӣ истифода мешаванд, ки ба муҳити зист зарари барқарорнашаванда мерасонанд. Истифодаи ин навъи сузишворӣ

боиси зиёд шудани бемориҳои нафаскашӣ, инчунин яке аз омилҳои асосии гармшавии ҳаво низ буда метавонад.

Яке аз роҳҳои пешгирӣ аз ифлосшавии муҳити зист, махсусан шаҳрҳои сераҳолӣ ин ривоҷ додани нақлиёти барқӣ ба шумор меравад. Истифода аз энергияи барқӣ барои нигоҳдошти тозагии муҳити зист муфид мебошад, ба шарте ки энергияи барқӣ аз манбаъҳои тоза, ба мисли офтоб, об ва бод истеҳсолшаванда бошад. Агар энергияи барқӣ тавассути ангишт истеҳсолшаванда бошад, таъсири манфии он боқӣ монда, ба муҳити зист зарари он мерасад.

## 1.2. Ҳамбастагии сиёсати экологӣ бо сиёсати иҷтимоӣ

Сиёсати иҷтимоӣ маҷмуи чорабиниҳоест, ки дар сатҳи ҷаҳонию минтақавӣ аз ҷониби тамоми давлатҳо ба таври дастаҷамъона ва ё гурӯҳи давлатҳо, созмону ташкилотҳои байналмилалию минтақавӣ ба воситаи таҳия ва қабули санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, ташкил намудани институтҳои намояндагӣ ва дар сатҳи дохилидавлатӣ аз ҷониби ҳукумат тавассути мақомоти маҳаллӣ ва минтақавӣ амалӣ карда мешавад. Мақсади асосии сёсати иҷтимоӣ ҷиҳати баланд бардоштани сифат ва сатҳи зиндагии мардум мебошад. Яъне, аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ карда мешаванд ва ба принсипҳои идеологии давлат дар айни замон ё ба самтҳои арзишии ҷомеа барои дарозмуддат равона мегардад. Сиёсати иҷтимоӣ як ҷузъи ҷудонашавандаи стратегияи умумии кишвар дар соҳаи иҷтимоиёт мебошад: фаъолияти мақсаднок оид ба татбиқ ва таҳияи қарорҳои мустақим ба шахс, мавқеи ӯ дар ҷомеа; таъмини ӯ бо кафолатҳои иҷтимоӣ бо дарназардошти хусусиятҳои гурӯҳҳои гуногуни аҳолии кишвар, сиёсати иҷтимоии пешгирифтаи ҳукумат, тамоми шохаҳои ҳокимият, ки ба дастгирии васеи ҷамъият такя мекунанд, барои ҷамъоварӣ, тамаркуз, инъикоси вазъи кишвар ва вазъи ҷомеа, талабот ва ҳадафҳои рушди иҷтимоӣ.

Заминаи асосӣ ва аввалиндарача дар таҳияи сиёсати мукаммали ичтимоӣ пеш аз ҳама эҳтиёчоти ичтимоӣ мебошад, ки аз чониби чомеа, табақаҳо ва гурӯҳҳои ичтимоӣ, шахсони алоҳида дар шакли манфиатҳои ичтимоӣ оид ба гирифтани кӯмакҳои ичтимоӣ эътироф карда мешаванд. Чунин манфиатҳо мутобиқи меъёрҳо ва арзишҳои мавчудаи ичтимоӣ дар чомеаи муайян ташаккул меёбанд. Аз ин лиҳоз, меъёри асосии самаранокии сиёсати ичтимоӣ мутобиқати манфиати давлат ба манфиатҳои чомеа, гурӯҳҳои муайяни ичтимоӣ ва бахусус, ҳар як шахс мебошад. Объекти сиёсати ичтимоӣ тамоми аҳолӣ ва сатҳи зиндагии онҳо мебошад. Субъектҳои сиёсати ичтимоӣ дар сатҳи чаҳонӣ кишварҳои алоҳида, ташкилотҳо ва созмонҳои байналмилалию минтақавӣ инчунин дар сатҳи дохилидавлатӣ бошад мақомоти қонунгузор ва ичроияи сатҳҳои гуногун, корфармоён дар бахшҳои давлатӣ ва ғайридавлатии иқтисод, ба ҳамин тариқ иттифоқҳои касаба ва дигар институтҳои чамъиятӣ мебошанд, ки ба инкишофу рушди сиёсати ичтимоии давлат таъсир мерасонанд.

Мақсадҳои асосии дурнамои сиёсати ичтиморо чунин тасниф намудан мумкин аст:

- татбиқи эътимодноки ҳуқуқҳои шаҳрвандии аҳолӣ ба ҳифзи саломатӣ, маълумот, тарғиби арзишҳои миллию фарҳангӣ, манзили бароҳат, маишӣ, ичтимоӣ, хидматрасонии тичоратӣ, робита бо марказҳои маъмурию қудратӣ;

- ба вучуд овардани муҳите, ки имконоти васеи демографӣ дошта бошад ва ин имкон медиҳад, ки қобилияти истеҳсолкунандагони молро барои самаранок кор кардан ва аз худ кардани технологияҳои муосир ва ҳамачонибаи шахсияти онҳо ташаккул диҳад;

- таъмини бехатарии ичтимоӣ барои қишри осебпазири чомеа, аз чумла камбизоатон маъюбон, пиронсолон ва гурӯҳҳои аз чиҳати ичтимоӣ мушкилотдошта;

- манфиатҳои табақаҳои гуногуни аҳолиро ба инобат гирифта, шаклҳои хизматрасониро бо назардошти он ба роҳ мондан;

- беҳтар гардидани сатҳи зиндагии мардум ва дар ин замина ташкил намудани тавозуни меҳнат ва сармоя дар байни аҳолии шаҳр ва деҳот.

Дар баробари ҳадафҳои асосии стратегии дар боло нишондодашудаи сиёсати иҷтимоӣ, ҳамзамон дорои як қатор принсипҳои худ низ мебошад, ки онҳо шарти асосӣ дар татбиқи самараноки сиёсати иҷтимоӣ маҳсуб меёбанд:

1. Принсипи адолати иҷтимоӣ.
2. Принсипи масъулияти иҷтимоӣ;
3. Принсипи шарикии иҷтимоӣ;
4. Принсипи кафолатҳои иҷтимоӣ.

Мақсадҳои сиёсати иҷтимоӣ аз ҳавасмандгардонии пешрафти иқтисодӣ ва мувофиқат кардани истеҳсолот ба манфиати истифодабарангон, ҷоннок намудани ҳавасмандии меҳнат ва соҳибкорӣ, таъмини сатҳи мувофиқи зиндагӣ ва ҳимояи манфиатҳои иҷтимоии мардум, муҳофизати ёдгориҳои фарҳангию табиӣ, инчунин ҳувияти миллӣ иборат аст. Барои амалигардонии босамари вазифаҳои танзимкунандаи он давлат чунин сохторҳои пуркудрати таъсиррасонӣ ба монанди суд, прокуратура ва дигар мақомотҳои қонунгузории кишвар, буҷети давлатӣ, низоми андозҳо ва пардохтҳоро роҳандозӣ менамояд.

Сиёсати иҷтимоӣ хеле бисёрҷанба буда, онро ба самтҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст:

1. Низоми давлатии идоракунии даромади аҳолӣ;
2. Ҳимояи сатҳи иҷтимоии шаҳрвандон;
3. Инкишоф ва рушди соҳаҳои маориф, тандурустӣ, фарҳанг, пешниҳоди молҳо, хизматрасонӣ ва шароити зист;
4. Сиёсати занон, оила ва ҷавонон.

Таҳия ва татбиқи механизми самарабахши ба даст овардани даромад дар сиёсати иҷтимоии давлат мавқеи муҳим дорад. Ҳадафи асосии он фароҳам овардани шароити хубу беҳтар мебошад, ки ба қисми фаъоли иқтисодии аҳолӣ имконият медиҳанд, ки пул кор кунанд, ки арзиши он аз миқдори музди гирифташуда, даромад аз амволи молӣ, пардохтҳо аз фондҳои истеъмолоти

давлатӣ ва ғайра иборат аст. Давлат тавассути муносибатҳои шартномавӣ байни коргарон ва корфармоён меъёрҳои ҳуқуқиро муайян менамояд, ки барои фароҳам овардани шароит барои зиёд намудани музди меҳнат ва дигар унсурҳо сурат мегирад. Ин раванд ба сатҳи даромади аҳолӣ таъсири мусбат мерасонад.

Сиёсати ҳар як кишвар дар самти иҷтимоиёт соҳаҳои маориф, тандурустӣ, фарҳанг, пешниҳоди молу маҳсулот, хизматрасонӣ ва шароити зиндагии хубу осоиштаро дар бар мегирад. Инчунин тадбирҳои гуногуни рушди минбаъдаи онҳо аз чунин нишондодҳо таркиб ёфтааст:

- тандурустӣ: таъмини эътимоднокии миқдори муқарраршудаи ёрии тиббӣ ба муассисаҳои давлатии тиббӣ, бо назардошти рушди иқтисодӣ, инчунин истифодаи манбаъҳои иловагии маблағгузорӣ барои расонидани кӯмаки аввалияи тиббӣ, инчунин беҳтар кардани таҷҳизоти техникии марказҳои тиббӣ, таъмини бештари дастарасӣ ба маводҳои доруворӣ;

- маориф: баланд бардоштани нерӯи зеҳнии миллат, ки ин метавонад ба рушду нумуи иқтисод, илм ва фарҳанг гардад. Инчунин таъсиси муассисаҳои муосири таълимӣ, навсозӣ ва густариши заминаи моддию техникӣ, боиси рушди системаи бисёрсатҳаи таҳсилоти касбӣ ва ғайра фаъолона таъсири мусбат расонад;

- фарҳанг: яке аз нишонаҳои муаррифии давлату миллат ба шумор меравад. Баланд бардоштани сатҳ ва сифати хизматрасонии муассисаҳои фарҳангӣ ва санъат, таъмини дастрасии онҳо ба мардум, мустаҳкам ва навсозии заминаи моддию техникии онҳо мебошад.

Кору фаъолият, ҳаҷми даромад ва дигар молу хизматрасониҳои тақсимоти онҳо аз бисёр ҷиҳат муайянкунандаи сатҳи зиндагии мардум мебошад. Сатҳи зиндагӣ дараҷаест, ки таъминоти иҷтимоии аҳолиро бо неъматҳои моддӣ ва маънавии барои ҳаёт зарурӣ нишон медиҳад. Он бо системаи нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатӣ тавсиф карда мешавад: миқдори умумии сарват ва хизматрасониҳои истеъмолшуда, музди меҳнат,

даромади воқеӣ, амволи пасандозшуда, кӯмакпулиҳои иҷтимоӣ, пасандозҳо, шароити кор, вақти холӣ ва ғайра.

Ба сифати нишондиҳанда ва баҳогузории сатҳи зиндагии аҳолӣ СММ, Индекси рушди инсон ҳамчун нишондиҳандаи умумии арзёбии сатҳи зиндагии аҳолии бо назардошти ҷузъҳои зерин тавсия менамояд: андозаи маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ бо назардошти қобилияти харидории воҳиди пулӣ, давомнокии умр ва сатҳи маълумотнокии шаҳрвандон.

Муҳиммии сиёсати фаъоли иҷтимоӣ, ки ба нигоҳ доштани сатҳи зиндагии мардум ва таъминоти ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандони эҳтиёҷманд нигаронида шудааст, истифодаи васеи стандартҳои иҷтимоиро дар стратегия ва банақшагирӣ муайян менамоянд.

Ҳимояи иҷтимоиёт як қисми ҷудонашавандаи эътимодноки иҷтимоӣ барои омма мебошад, ки давлат бояд дар шароити бозори ҷаҳонӣ мутобиқи асосҳои сиёсати иҷтимоӣ онро таъмин намояд. Чунин кафолатҳо иборатанд аз:

- баланд бардоштани кафолати ҳадди ақали музди маош ба ҳар як шаҳрванди коргар;

- талаботи ҷомеаро қонеъ гардонидан ба эҳтиёҷоти таълимӣ, сатҳи дахлдори тандурустӣ, фарҳангӣ бо мақсади рушди пурраи шахсият;

- шаҳрвандони камдаромад ё камбизоатро ҳифз намудан ва ба қобилияти зеҳнию меҳнатии онҳо шароит муҳайё кардан;

- мувофиқгардонии сатҳи зиндагӣ ба стандартҳои замони муосир ва ғайра.

Пойдор будани ин кафолатҳо бо дарназардошти истифодаи ҳамаҷонибаи усулҳо ва сохторҳои гуногун имкон медиҳад, ки татбиқи ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон ба меҳнат ва кӯмак ҳангоми бекорӣ, ҷорӣ кардани музди меҳнат на камтар аз сатҳи ҳадди ақал ривоҷ ёбад. Индексатсия кардани музди маоши аҳолӣ дар шароити болоравии нарх ва сатҳи зиндагӣ, пешниҳоди кӯмаки давлатӣ, имтиёзҳо имконпазир аст. Дигар навъҳои дастгирии иҷтимоӣ ба оилаҳои камбизоат ё камдаромад ва оилаҳое, ки ба синну соли нафақаанд ё маъюби доимианд ва ғайра.

Ҳамин тавр, меҳвари асосии кафолатҳои иҷтимоӣ ҳифзи иҷтимоиёти мардум буда, воситаи таъмини эҳтиёҷоти аҳолиро дар сатҳи меъёрҳои иҷтимоӣ муайян менамояд. Меъёрҳо ва усулҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бояд ба ҳар як шаҳрванд эҳтиёҷоти рӯзгузарониашро на камтар аз сатҳи зиндагӣ муҳайё кунанд. Хусусияти ҳифзи иҷтимоӣ дар он зоҳир мегардад, нигаронии ҳадафмандонаи он, яъне кӯмаки иҷтимоӣ бояд ба шаҳрвандони эҳтиёҷманд расонида шавад.

Тавре муайян гардид, дар замони имрӯз нақш ва мубрамияти масоили экологӣ дар ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодии ҷомеаи мо ҳам дар дохили давлат ва ҳам дар сатҳи минтақавию глобалӣ зиёд шуда истодааст. Дар асоси ин масъала, мо кӯшиш кардем, ки дар таҳқиқ ва омӯхтани экология, мушкилоти глобалии башар инчунин шаклҳои асосии паҳншавии онро мавриди баррасӣ қарор диҳем. Чуноне ки таърих гувоҳ аст, пайдоиш ва паҳн гардидани масоили экологӣ як раванди табиӣ мебошад. Таҳлилҳо ва адабиёти иҷтимою сиёсӣ нишон медиҳад, ки имрӯз масоили экологӣ яке аз муҳимтарин мушкилоти ҷомеа мебошанд. Ҳангоми таҳлилу таҳқиқи ин масъалаи муҳим маълум гардид, ки экология ҳамчун падидаи ҷудонашаванда бо тамоми системаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ буда, ҳамеша дар ҳама давру замонҳо вуҷуд дошт ва дорад. Дар шароити муосир масоили экологӣ тамоми сайёраи Замин, фазои ҳавоии он ва ҳатто коинотро фаро гирифтааст. Имрӯз инсониятро зарур аст, ки беш аз ҳар вақти дигар ба ҳаллу фасли масоили экологӣ машғул гардад, чунки мушкилоти экологӣ нобаробариҳои зиёди иқтисодию иҷтимоиро дар пай дошта, ба сатҳи некуаҳволии мардум таъсири бевосита мерасонад.

Вобаста ба ин бояд қайд кард, ки дар қатори мушкилоти мубрами ҷаҳони муосир, ки дар назди илмҳои сиёсӣ қарор доранд, масоили экологӣ низ истисно нест. Мушкилоти экологӣ ҳамеша дар маркази консепсияи сиёсии мавҷудияти ҳар як халқу миллат ва давлат қарор доранд. Таҳлилу таҳқиқи сарчашмаҳои илмӣ ва инчунин таърих гувоҳ аст, ки моҳият ва мафҳуми мушкилоти экологӣ, ҳифзи муҳити зист, як ҷузъи асосии сиёсати давлат ва ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад. Дар ин асос, ҳар як давлат мунтазам таваҷҷуҳи

ҳамаҷониба зоҳир карда, барои хубу беҳтар кардани вазъи экологӣ ва ҳифзи муҳити зист тадбирҳои мушаххас меандешанд. Дар солҳои охир тамоми давлатҳои ҷаҳон даҳҳо санадҳо ва созишномаҳо қабул кардаанд, ки онҳо ба ҳалли мушкилоти муассири экологӣ нигаронида шудаанд. Муҳити атроф ва захираҳои табиии он, ба монанди об, ҳаво ҳамеша барои беҳдошти зиндагии инсонҳо шароити асосӣ ва меҳварӣ мебошанд.

Масъалаҳои экологӣ ва ҳифзи муҳити зист бевосита ба нақшаҳои инкишофи давлатӣ ворид гардида, ҳамчун объекти идоракунии давлатӣ шинохта шудаанд ва тавассути маблағгузориҳои давлатӣ мавриди пажӯҳиш ва ҳалли худро тадриҷан пайдо менамуданд. Сабаби чунин рӯовариҳоро дар шароити кишвари мо васеъшавии истеҳсолот ва ба доираи муомилоти иқтисодӣ ва савдоию тиҷоратӣ кашидани захираҳои табиӣ, пеш аз ҳама, маъданҳои табиию зеризаминӣ ташкил медоданд. Зиёда аз ин, солҳои дарозе вобаста ба маҳдудҳои банақшагирӣ ва маблағгузориҳо мақомоти идоракунии давлатӣ наметавонистанд, ки ба масъалаҳои мазкур таваҷҷуҳи бештар дошта бошанд. Дар солҳои 70-уми асри гузашта бошад, вазъият, аз ҷумла имкониятҳои моддию молиявии идоракунии самараноки ҷомеа пайдо гардиданд. Аз ин хотир, равандҳои экологӣ ва ҳимояи муҳити зист ба қатори масъалаҳои муҳимми ҷамъиятӣ ворид гардиданд.

Мақомоти назоратӣ ва идоракунии давлатӣ маҷбур буданд, ки ба масъалаҳои рушди экологӣ ва ҳифзи муҳити зист назари дигар дошта бошанд. Зеро инсон барои манфиатҳои худ дар фаъолияти хеш манфиатҳои рушди самараноки табииро чандон ба эътибор нагирифта, як навъ муносибати худсаронаро пеша намуда, ба муҳити зист ва захираҳои табиӣ зарари зиёд ворид намуда, ба ташаккули буҳронҳои экологӣ мусоидат намудааст. Аз ин хотир, зарурати омӯзиши масъалаҳои экологӣ ва ташаккули тартиби нави ҳимояи муҳити зист дар маркази таваҷҷуҳ қарор мегирифтанд.

Дар мадди аввал, таҳқиқ ва хулосагириҳо аз масъалаҳои муҳити зист ва низоми истифодаи захираҳои табиӣ гузошта мешуданд. Сипас, таҳлилҳо ва хулосагириҳои сатҳи гуногун бамаврид мегардид. Оқибат қабули қарорҳои

асосӣ ва амалӣ намудани онҳо ба шумор мерафтанд, ки дар маҷмуъ ба низом кашидани мушкилоти соҳавӣ нақши муассир мегузоштанд.

Ҷиддияти масъалаҳои экологӣ, ҳифзи муҳити зист ва ба таври самаранок истифода намудани захираҳои табииро дар кишварҳои гуногуни олам дарк мекарданд. Аз ин ҷост, ки онҳо тавассути қабули қарорҳои сиёсӣ ва қонунҳои махсус кӯшиш менамуданд, ки ҳодисаҳои мазкурро ба низоми муносибатҳои ҷомеаи мутамаддин кашанд. Кишварҳои Ғарб бештар фаъолтар буданд. Онҳо кӯшиш менамуданд, ки ба моҳият ва хусусиятҳои оқибатҳои ҳодисаҳои экологӣ беҳтар сарфаҳм раванд ва барои пешгирии ҳолатҳои шадид ва бухронӣ чораҳои саривақтӣ андешанд. Намунаи чунин муносибати муваффақ буд, ки ҳанӯз соли 1960 дар Британи Кабир санади расмӣ дар бораи ҳифзи фазоро қабул намуданд.

Мавриди зикр аст, ки “дар нимаи дуюми асри XX мушкилоти рушди экологӣ ҳарчи бештар доираҳои сиёсӣ ва намояндагиҳои ҷомеаи маданиро маҷбур менамуд, ки масъалаҳоро дар сатҳи бузургтар мавриди таҳлил ва хулосагириҳо қарор диҳанд [156]. Аллакай, муҳаққиқон зарари иқтисодӣ ва мушкилоти ичтимоии оқибатҳои бухрони эҳтимолии экологиро мавриди пажӯҳиш қарор дода, дар бораи онҳо андешаҳо ва назарияи мухталифро иброз медоштанд. Аз ҷумла, А.И. Соловев ба андешае буд, ки “Амали экологии давлат оид ба ҳифзи муҳити зист ҳамчун асоси мавҷудияти наслҳои ҳозира ва оянда, таҳкими асосҳои ҳаёти инсонро дар тамоми гуногунрангии он ва тақвияти робита бо табиат ҳамчун объекти табиати эстетикӣ дар бар мегирад” [156].

Омилҳои асосии пайдоиши мушкилоти экологӣ дар фаъолияти инсон ниҳонанд: “Инқилоби саноатӣ ва бахусус пешрафти илмию техникӣ ҳолати табиатро кулан дигар намуд. Ҷомеаи бозаргонӣ, ки ба фаъолияти хусусии субъектҳо асос ёфтааст, табиатро аз доираи манфиатҳои онҳо истисно намекунад” [159]. Дар ин раванд, инсон ба табиат на ҳамчун асоси зиндагӣ, балки ҳамчун воситаи зиндагӣ муносибат намудааст. Яъне, инсоният тамоми роҳу воситаҳои истифодаи ғайриоқилона ва исрофкоронаи табиатро истифода

намудааст, натиҷаи он бад гардидани ҳолати табиат ва махсусан, мавҷудоти зинда, пеш аз ҳама ҳаёти худи инсонҳо ҳамчун як мавҷудоти табиат мебошад.

Дар шароити ҳозираи инкишофи олам монеаҳо ва мушкилоти экологӣ дар радифи масъалаҳои глобалии рушд эътироф мегарданд. Андешаҳо ва корҳои таҳлилию таҳқиқотӣ нишон медиҳанд, ки инсоният ҳоло дар масъалаи мазкур чандон муваффақият ба даст наовардааст ва ҳалли масъалаҳо наздик нагардидааст. Махсусан, муҳофизат намудани қабати газии замин (қабати озон); ҳифз кардани навъҳои нодири наботот ва ҳайвонот аз таҳдидҳою хатарҳои нобудшавӣ; ташкили самараноки истифодаи захираҳо; пешгирии ифлосшавии муҳити зист; истифодаи фазои кайҳон бо мақсадҳои ҳарбӣ ва ғайра.

Дар шароити ҳозираи инкишофи олам, аз ҷумла давлатиҳои Осиёи Марказӣ масъалаҳои гуногуни рушди экологӣ талаб менамоянд, ки барои танзим ва идораи онҳо тадбирҳои зарурӣ ва чораҳои мушаххас андешида шаванд. Чунин фаъолият бояд амалҳои зеринро муҳим шуморад ва онҳоро дар сатҳи зарурӣ воқеӣ гардонад:

1. Таҳияи масъалаҳои бунёдии экологӣ;
2. Коркарди ҳамгироёнаи роҳу усулҳои беҳтар намудани вазъи экологии минтақа;
3. Такмили системаи минтақавии назорат ва ташхиси экологӣ;
4. Таҳия ва татбиқи бештари лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар самти ҳифзи муҳити зист ва беҳтар гардонидани вазъи экологии минтақа;
5. Ташаккули маърифати экологии аҳолӣ;
6. Таҳия ва татбиқи санадҳои меъёрию ҳуқуқии минтақавии ба талаботи замон ва шароити табиии минтақа мувофиқ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва экология;
7. Мунтазам ва доимӣ ба роҳ мондани ҳамкориҳои самарабахш дар самти сиёсати экологӣ дар минтақа ва ҷаҳон;

Дар солаҳои охир давлатҳо ҳам дар сатҳи минтақавӣ ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ, бештар ба таркиби созмонҳои ғайриҳукуматӣ ва инчунин дар

сатҳи муносибатҳои байниҳамдигарии давлатҳо ё иттифоқҳои гуногуни байнидавлатӣ кӯшиши ҳалли масъалаҳои экологӣ ва ҳимояи муҳити зистро ба амал баровардани мешаванд.

Аслан, дар ташаккули мушкилоти рушди экологӣ ва тадриҷан ба миён омадани ҳолатҳои буҳронӣ бештар давлатҳои муттарақии иқтисодӣ саҳм доранд. Маҳз истеҳсолоти барзиёди онҳо боис мегарданд, ки дар ифлосшавии фазо ва бадшавии ҳолати экологӣ ҷойи назаррасро соҳиб гардидаанд. Махсусан, дар ифлосшавии муҳити экологӣ таъсири мамлакатҳои Бистгонаи бузург (G-20) бештар аст. Аз ин ҷост, ки онҳо бояд дар мавриди бартараф намудани ифлосиҳои муҳити зист ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ саҳми муносиб дошта бошанд. Мутаассифона, масъалаи мазкур ҳолати муътадилро кайҳост, ки пайдо карда наметавонанд. Давлатҳои мутараққӣ баъзан иштироки худро дар раванди ҳифзи табиат ва бартараф намудани хатарҳои экологӣ зарур намешуморанд. Меъёрҳои муайяни ҳуқуқи байналхалқиро ба инобат намегиранд. Ҷомеаи ҷаҳонӣ низ наметавонад ба ҳалли масъала муваффақ гардад.

Мушкилоти экологӣ дар ҳоли афзоиш буда, беш аз пеш зиёд гардида истодаанд. Мушкилиҳои ҷаҳони муосир ба монанди ифлосшавии обу ҳаво, тағйирёбии иқлим, рушди босуръати демографӣ, бекорӣ, гуруснагӣ, муҳоҷират, офатҳои техногенӣ, зиёдшавии вирусҳои сироятии маргбор, бемориҳои сироятӣ, экстремизм, терроризм, хатари истифодаи силоҳи ҳастаӣ ва ғайраҳо, ки ба муҳити зист ва саломатии инсонҳо таъсири зиёди манфии худро расонида истодаанд.

Ҷаҳони имрӯз бисёр зиддиятҳои сарпечидаю омехтаи шадид дорад. Вазъи ташаннуҷ дар он, махсусан, низоъҳои минтақавӣ пайваста меафзоянд ва ҳар кадом оқибатҳои ногувори экологиро дар пай доранд.

Олами муосирро ҳарчи бештар хатари муҳити зист ва буҳронҳои экологӣ таҳдид менамоянд. Мувофиқи маълумоти Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ “зиёда аз як миллиард одам дар ҷойҳое зиндагӣ мекунанд, ки аз тозагии ҳаво танқисӣ мекашанд” [233]. Тибқи маълумоти мавҷуда як қатор шаҳрҳои

давлатҳои гуногун дар ҳолати бади экологӣ қарор дошта, аҳолӣ дар шароити вазнини муҳити зист ҳаёт ба сар мебаранд. Боронҳои кислотагӣ, мутатсияҳои организмҳои зинда, аз байн рафтани намудҳои биологӣ - ҳамаи ин, мутаассифона, ба воқеият табдил ёфтаанд.

Тибқи рейтинги муайяннамудаи Институти Блэксмит аз 10 шаҳри ифлостарини дунё, дар 6 - тои он одамон то имрӯз новобаста аз ҳолати бади табиат ва муҳити зист иқомат доранд [251].

Шаҳри Сумгаити Озарбойҷон яке аз чунин шаҳрҳо буда, дар даврai Иттиҳоди Шӯравӣ ба экологияи ин шаҳр, ки 285 ҳазор аҳолӣ дорад, дар пайи афзоиш додани истеҳсолоти саноати кимиёвӣ ва ба инобат нагирифтани талаботи табиат таъсири ҷиддӣ расонида шуд. Замини хушк ва боришоти заҳролуд ин шаҳрро азият медиҳад [251].

Шаҳри дигари ба ин монанд Кабвеи Замбия мебошад. Соли 1902 дар наздикии Кабве конҳои сурб пайдо карда мешавад, ки дар давоми тамоми асри XX сокинони он бетанаффус ба коркард ва гудозиши ин металл машғул мегарданд. Истеҳсолоти беназорат боиси партофтани миқдори зиёди партовҳои зараровар ба биосфера гардид. Ҳамаи корхонаҳои истихроҷи маъдан дар Кабве 20 сол пеш баста шудаанд, аммо оқибатҳои зараровари онҳо то ҳанӯз мардумро азият медиҳанд. Масалан, дар соли 2006 сатҳи меъёри сурб ва кадмий дар хуни кӯдакони Кабвиан 10 маротиба зиёд ба қайд гирифта шуд [251].

Таърихи фоҷиаи экологии шаҳри Чернобили Украина ба ҳама, махсусан, сокинони кишварҳои Осиёи Марказӣ хуб маълум аст. Дар аксар оилаҳои мардуми ин минтақа шахсони бевосита дар бартарафсозии ин фоҷиаи экологӣ иштирок намуда истодаанд, ки то ҳанӯз аз зарари расида ба саломатиашон ранҷ мебаранд. Бо вуҷуди он ки даҳсолаҳо аз ин фалокати атомӣ дар таърих гузашт, ин шаҳр ҳоло ҳам барои ҳаёт мувофиқ нест. Ҳавои Чернобил зиёда аз даҳ унсурҳои радиоактивиро дар бар мегирад, аз ҷумла тсезий - 137 ва стронтсий - 90. Одаме, ки муддати дароз дар ин минтақа бе муҳофизати

мувофиқ умр ба сар мебарад, хатари гирифтани бемории лейкемияро дорад [251].

Шаҳри Агбогблоши Гана низ аз шаҳрҳои азиятдидаи экологӣ мебошад. Яке аз калонтарин партовгоҳҳои техникаи маишӣ дар ҷаҳон дар ин ҷо ҷойгир аст: "Ҳамасола ба Гана тақрибан 215 ҳазор тонна электроникаи куҳна ворид мешавад, ки тақрибан 129 ҳазор тоннаи он партовҳои аз ҷиҳати экологӣ хатарнок мебошанд" [251]. Имрӯз сатҳи ифлосшавии ин шаҳр дучанд гардидааст.

Шаҳри Дзержински Федератсияи Россия. Дзержинск аз Иттиҳоди Шуравӣ комплекси калони саноати кимиёро ба мерос гирифт, ки аз соли 1930 то 1998 хоки маҳаллиро бо тақрибан 300 ҳазор тонна партовҳои токсикӣ "бордор" кард. Тибқи таҳлилҳои дар соли 2007 гузаронидашуда, таркиби диоксинҳо ва фенол дар обанборҳои маҳаллӣ аз меъёр чандин маротиба зиёд аст. Давомнокии умри миёнаи мардони ин шаҳр 42 сол ва занон 47 сол мебошад, ки дар пайи фоҷиаи экологӣ ба ҳамин сатҳ расидааст [251].

Дар баробари шаҳри Дзержинск шаҳри дигари Федератсияи Россия, шаҳри Норилск низ аз фоҷиаи экологӣ ва бад шудани муҳити зист ранҷ мебарад. Аз замони таъсисёбии он дар соли 1935, Норилск ҳамчун яке аз шаҳрҳои пешрафтатарин дар соҳаи саноати вазнин шинохта шуда буд. Тибқи маълумоти Агентии Иёлоти Муттаҳидаи Америка оид ба ҳифзи муҳити зист (EPA), ҳар сол 1000 тонна оксиди мис ва никел, инчунин тақрибан 2 миллион тонна оксиди сулфат ба ҳаво, яъне болои шаҳр ворид мешаванд. Давомнокии миёнаи умри сокинони Норилск аз нишондиҳандаҳои миллии Федератсияи Россия 10 сол камтар аст [251].

Рушди босуръати истихроҷ ва коркарди металлҳо шаҳри Ла Орояи Перуро низ ба ҳолати вазнини экологӣ рӯ ба рӯ намудааст. Шаҳри Ла Ороя дар доманакӯҳҳои Анд ҷойгир буда, мисли дигар шаҳрҳои ба фоҷиаи экологӣ гирифторшуда, дар он ҷо низ конҳои зиёди металлҳо пайдо гардидаанд. Дар тӯли даҳсолаҳо боз инҷониб дар ин шаҳр мис, руҳ ва сурб истихроҷ ва коркард мешавад, ки ҳолати муҳити зист умуман ба инобат гирифта намешавад. Дар

пайи бад гардидани ҳолати муҳити зист фавти кӯдакон дар ин шаҳр нисбат ба дигар манотиқи Перу ва умуман Амрикои Ҷанубӣ бештар аст.

Дар ин раванд Ҳиндустон низ ҳамчун яке аз кишварҳои бузургтарин ҳам аз ҷиҳати масоҳат ва ҳам аҳолӣ ба мушкилоти гуногуни экологӣ дучор гардида, чандин шаҳрҳои он дар ҳолати вазнини муҳити зист қарор доранд. Яке аз чунин шаҳрҳои ин кишвар Сукинда мебошад, ки тибқи маълумоти мавҷуда 60%-и оби маҳаллӣ дорои миқдори марговари хромҳои шадиди хлор мебошад [251]. Таҳлилҳо нишон доданд, ки тақрибан аз се ду ҳиссаи ҳамаи бемориҳои сокинони ин шаҳр аз зиёд будани хром дар хун сар мезанад.

Дар баробари Ҳиндустон, кишвари дигари абарқудрати дунё Ҷумҳурии Халқии Хитой низ дорои мушкилиҳои гуногуни экологӣ буда, дар чандин шаҳрҳои он аз бад гардидани ҳолати муҳити зист сокинон ранҷ мебаранд. Яке аз чунин шаҳрҳо Тянин мебошад, ки он маркази бузурги металлургӣ маҳсуб ёфта, офати даҳшатноки экологӣ онро фаро гирифтааст. Оксидҳои металлӣ ба мағзи сар ба таври бебозгашт таъсир расонида, аҳолии таҳҷоиро бемадор, асабонӣ ва аз ҷиҳати ҷисмонӣ заиф гардонидааст. Инчунин дар ин шаҳр шумораи зиёди кӯдакон гирифтори беморӣи нуқсонҳои ақлӣ мебошанд, сабаби асосии ин ҳолат низ таъсири сурб ба хуни онҳо мебошад. Шаҳри дигари гирифтори фоҷиаи экологӣ дар Ҷумҳурии Халқии Хитой ин Линфен мебошад. Ин шаҳр замоне ҳамчун “шаҳри меваю гулҳо” машҳур буд. Имрӯз бошад, шаҳри сиёҳро мемонад. Дар шаҳри Линфен соли 1978 истихроҷ ва коркарди конҳои ангишт оғоз гардид, ки дар як муддати кӯтоҳ шумораи аҳолии он ба миллионҳо нафар расида, вазъи экологӣ дар он якбора бад шуд. Сокинони шаҳр ҳатто дар дохили хонаҳои худ аз ниқоби нафаскашӣ истифода менамоянд. Чангу ғубори ангишт дар шаҳр аз ҳад баланд буда, шумораи гирифторони беморӣи саратон дар ин ҷо нисбат ба дигар манотиқи Ҷумҳурии Халқии Хитой зиёд мебошад [254].

Таҳлили ҳолати муҳити зист ва вазъи экологии якчанд шаҳрҳои дунё нишон дод, ки масоили экологӣ ба тамоми паҳлӯҳои ҳаёти инсон аз таъмини озуқаворӣ то шароити кору фаъолият таъсири бевосита расонида, саломатӣ,

сатҳи донишазхудкунӣ, ҳолати руҳию равонӣ ва дар маҷмуъ тамоми ҳаёти инсон ба ҳолати муҳити зист тавъамии ногусастанӣ дорад. Ин раванд тақозо менамояд, ки инсон яксон будани худро бо табиат бештар фаҳмад ва хуб дарк кунад, ки худи ӯ низ як ҷузъи табиат аст. Муносибати дағалона бо табиат ин муносибати дағалона ба ҳаёти худ аст. Ин омилҳо нишондиҳандаи онанд, ки сиёсати экологӣ як ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати иҷтимоии давлат ба ҳисоб рафта, ба тамоми ҷузъиётҳо, паҳлӯҳо, нишондодҳо, кафолатҳо ва принсипҳои иҷтимоӣ, ки дар боло зикрашон рафт, таъсири бевосита мерасонад.

Тибқи маълумоти мавҷуда: "...масъалаи ҳифзи муҳити зист хеле васеъ буда, бо ин ҷанбаҳо маҳдуд намешавад. Масъалаи бениҳоят ҳассос ва нозуки экологӣ ин партовҳои ядроӣ ва эҳтимолияти офатҳои техногенӣ бо оқибатҳои глобалӣ ва минтақавии экологии онҳо мебошад. Яке аз аввалин офатҳо ин садамаи Нерӯгоҳи атомии Чернобил буд" [227], ки дар боло зикраш рафт.

Садамаи дигари ядроӣ, ки метавонист оқибатҳои маргбор дошта бошад ва паёмадҳои вазнини экологиро ба муддати тӯлонӣ боқӣ гузорад, ин фалокати нерӯгоҳи барқи атомии "Фукусима-1" мебошад. Мувофиқи ҷадвали байналмилалии ҳодисаҳои ядроӣ (INES) фалокат дар нерӯгоҳи барқи атомии "Фукусима-1" садамаи калони радиатсионии дараҷаи 7-ум, рӯзи 11 марти соли 2011 дар натиҷаи заминҷунбӣ ва баамалоии сунамӣ рӯй дод. Зарбаи заминҷунбӣ ва сунамӣ ба пурра аз кор баромадани нерӯгоҳ, аз ҷумла аз кор баромадани манбаъҳои захиравии нерӯ, боиси корношоямии тамоми системаҳои муътадили хунуккунӣ ва фавқулода гардид ва боиси об шудани ядрои реактор дар агрегатҳои 1 – 3-и нерӯгоҳ ва таркишҳои гидроген дар агрегатҳои 1, 3 ва 4 гардид. Биноҳои онҳо қисман хароб гардида, миқдори зиёди партовҳои радиоактивӣ дар муҳити зист ҷорӣ гардиданд, ки онҳо баробар ба 20% партовҳо радиоактивии садамаи Чернобил буданд [229].

Дар баробари иншоотҳои ҳастаӣ инчунин корхонаҳои кимёвӣ низ хеле хатарнок ҳастанд, махсусан, корхонаҳое, ки дар минтақаҳои сераҳолӣ ҷойгир шудаанд. Мисоли чунин фоҷиа ҳодисаи корхонаи кимёвии шаҳри Бхопалии

Ҳиндустон дар соли 1984 буд, ки ҷони тақрибан 5300 нафарро аз байн бурда, ба муҳити зист таъсири зиёди манфӣ расонид [230].

Мушкилоти дигари экологӣ, ки мутаассифона, рӯ ба инкишоф дорад, ин мунокишаҳои мусаллаҳона ва таъсири онҳо ба муҳити зист мебошад. Имрӯз зиёд гардидани созмону ташкилоти экстремистию террористӣ, муборизаи давлатҳои абарқудрат барои ҳифзи манфиатҳои геополитикӣ, махсусан, дар Шарқи наздик, ки яроқу аслиҳаи зиёд ҳамарӯза истифода мегардад, боиси бад гардидани ҳолати муҳити зист гардида истодааст.

Ҳарчанд ҷомеаи ҷаҳонӣ кайҳо боз заминаи воқеии ҳуқуқиро барои ҳифзи муҳити зист фароҳам овардааст, аммо талаботи онҳо на ҳамеша риоя карда мешавад. Мисоли равшан Конвенсияи Вена оид ба ҳифзи қабати озон соли 1985 ва Протоколи Монреал дар бораи моддаҳое, ки қабати озонро хароб мекунанд, аз соли 1987 мебошанд [243]. Санадҳои меъёрию ҳуқуқии зикргардида ҳарчанд талаботи ҳатмӣ доранд, вале давлату кишварҳои алоҳида бо мақсади ҳифзи манфиатҳои геополитикию миллияшон аз ҳифзи манфиати умумиҷаҳонӣ даст мекашанд.

Яке аз масъалаҳои мушкилоти экологӣ ва ҳифзи муҳити зист торафт кам гардидани майдони ҷангалзорҳо ташкил менамоянд. Ҳолати мазкур бо роҳҳои гуногун ба амал меояд. Ҳар соле тавассути сухтор ва боридани боронҳои кислотадор қариб 11 млн. гектар ҷангалзор нобуд мегардад. Қариб аксарияти давлатҳое, ки ҷангалзорҳои калон доранд, сари чанде ба чунин фалокатҳои табиӣ ва сунъӣ дучор мегарданд. Ҳам дар ИМА, ҳам дар Канада, ҳам дар Федератсияи Россия ва ҳам дар Ҷумҳурии Туркия ва мамлакатҳои дигар сӯхтори ҷангал ба як ҳодисаи одӣ ва муқаррарӣ табдил ёфтааст. Австралия низ аз ҷумлаи чунин мамлакатҳо ба ҳисоб меравад. Сӯхтори мудҳиштарин дар ин кишвар солҳои 2019 ва 2020 ба амал омад. "Зиёда аз 30 нафар ба ҳалокат расида, 6 нафари дигар бенишон гардиданд. Масоҳати сӯхтор зиёда аз 20 миллион гектарро ташкил дода, аз ҷумла 1300 хонаҳои истиқоматӣ ва аз 400 миллион то 1,25 миллиард хазандаю ҳайвонот нест гардидаанд" [247].

Ба амал омадани офатҳои табиӣ, аз ҷумла сӯхтори бешазорҳо ва ҳолатҳои дигари зиддиэкологӣ сабабҳои гуногунро соҳибанд, ки дар натиҷаи омилҳои мухталиф ташаккул меёбанд. Дар сар задани сӯхторҳо бештар баланд гаштани ҳарорати ҳаво, хушксолиҳо, раъду барқ ва омили инсониро медонанд. Тағйири иқлим ва баланд гаштани ҳарорати ҳаво боиси он гардидаанд, ки 10%-и растаниҳо ва 30%-и ҳайвонот хатари нобудшавӣ таҳдид менамояд. Солҳои охир биомассаи замин 7% ва ҳосилнокии он қариб 20% кам гардидаанд. Чунин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, буҳрони экологӣ ва ташаккули таҳдидҳои навтарин дар низоми истифодаи муҳити зист мушкилиҳои зиёдеро ба вуҷуд меоранд. Агар ин ҷиҳати масъала хосияти объективӣ дошта бошад ва аз амали омилҳои табиӣ вобаста бошад, пас ҳолати дигареро пайдо намудан мумкин аст, ки аз амалу фаъолияти одамон ва ниҳодҳои идоракунӣ вобастаанд. Масалан, дар бештари мамлакатҳои олам, аз ҷумла дар шароити минтақаи Осиёи Марказӣ низ истифодаи самараноки захираҳои ҷангал, заминҳои корам ва захираҳои об ба таври зарурӣ пайдо карда наметавонем. Аз ин ҷост, ки теъдоди зиёди заминҳо аз эрози обӣ ба ҳолати бад гирифтор мегарданд. Миқдори зиёди заминҳо ба шуразамин табдил ёфта, аз истифодаи дуруст ва зарурӣ берун кашида мешаванд. Одамон ба неруи иртиҷоӣ дар раванди истифодаи заминҳо, ҷангалҳо ва захираҳои обӣ табдил меёбанд. Маълумоти оморӣ нишон медиҳанд, ки ҳамасола одамон то 2 млн. гектар заминро бурида, мавзеҳои беҳтаринро ба харобазор табдил меёбад. Истифодаи нодуруст ва ба эътибор нагирифтани нишондиҳандаҳои илмӣ дар соҳаи партовҳо ба муҳити зист зарари зиёд меоранд. Ҳазорҳо одамонро ба ҳалокат мерасонанд ва ё ба муҳити зисти онҳо зарари калон меоранд. Ин гуна талафотҳо барқарорнашавандаанд ва аз ин хотир, аз одамон ва ниҳодҳои масъул талаб менамоянд, ки ғорати муҳити зист ва истифодаи ваҳшиёнаи захираҳои табииро бас намоянд ва барои беҳдошти масъалаҳо амалҳои зарурӣ андешанд.

Чунин минтақаҳои хатарноки экологиро дар гӯшаю канораҳои дигари олам пайдо намудан чандон мушкилие надорад. Зиёда аз ин, чунин минтақаҳо дар муҳити ҷомеаҳои пешрафти иқтисодӣ бештар дучор мегарданд. Зеро дар

муҳити онҳо ифлосшавии муҳити зист ва нобаҳангомии истифодаи захираҳои табиӣ бештар дучор мегарданд. Ҳамин аст, ки дар натиҷаи барориши аз ҳад зиёди партовҳои саноатӣ ва ихроҷи газҳои зараровар минтақаи Европа ба муҳити ғайримуқаррарии ифлосшавии ҳаво ва истифодаи бесамари захираҳои табиӣ табдил ёфтааст. Нигоҳи амиқе ба муҳити минтақаи Европа касро водор менамояд, ки ба раванди пешрафти илмию техникӣ ва низоми истифодаи зеҳни сунъӣ дар шароити муосири муносибатҳо боэҳтиёт бояд муносибат намуд. Минтақаҳои аз ҷиҳати техникӣ ва иқтисодии пешрафтаи олам низ аз Европа камӣ надоранд: “Чунин ҳолатро дар шароити ИМА водии “Соликон” ва дар британияи Кабир водии “Шимолӣ” ва дар Федератсияи Россия ҳавзаҳои дарёи Волга, Урал ва музофитҳои дигар ташкил менамоянд” [241].

Албатта, ба муҳити зист ва ҳолати экологии минтақаҳои гуногуни олам ҳамаи амалҳои инсон, ки дар заминаи манфиатҳои эгоистӣ ва дар доираи ҳарчи бештар ба нафъи доираҳои муайяни аҳолӣ истифода намудани табиат ва боигариҳои он таъсири манфӣ расонанд ҳам, аммо таъсири партовҳои радиоактивӣ бештар хатарноканд. Зиёда аз ин, бо роҳҳои гуногун, пеш аз ҳама, тавассути офатҳои табиӣ ва ё фоҷиаҳои сатҳи дигар паҳн гардидани ин партовҳо метавонанд ба оқибатҳои мудҳиш оранд. Одатан, мақомоти назоратии давлатӣ кӯшиш менамоянд, ки тамоми чораҳоро барои безарар намудани онҳо ва оқибатҳои эҳтимолии онҳо биандешанд. Аммо нобасомониҳои дигар дар раванди нигоҳ доштани чунин ашёҳои зараровар рух дода метавонанд. Бинобар ин, мақомоти масъули ҳокимияти давлатиро зарур аст, ки дар доираи барномаҳои махсуси ҳифзи чунин партовҳои заранок амал намуда, муҳити зистро ҳимоя намоянд. Чунин масъала дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон низ эҳтимолияти пайдо шуданро дорост. Дар кишвари мо низ ҳам дар минтақаи шимол ва ҳам дар марказ чунин партовҳои радиоактивӣ гуронида шудаанд. Дар охири солҳои 80-ум ва аввали солҳои 90-уми асри ХХ ҳангоми маъракаҳои эътиирозӣ борҳо дар мавриди масъалаи мазкур ибрози назар намуда, аз ҳукумат андешидани чораҳои заруриро талаб менамуданд.

Гузориш ва ҳалли масъала дар тамоми олам рӯзмарра аст. Мамлакатҳое ки ба масъалаи мазкур рӯ ба рӯ гардидаанд, кам нестанд. Аммо онҳо то ҳоло натавонистаанд, ки ба ҳалли муваффақонаи масъала наздик шаванд. Давлатҳои пешрафта ва дорои иқтисодиёти мутараққӣ бошанд яке аз самтҳои ҳалли масъаларо ба кишварҳои дигар интиқол додани партовҳои радиоактивӣ мебинанд. Тавассути шартномаҳои мухталиф онҳо қаламрави мамлакати дигарро барои гӯронидани партовҳо истифода менамоянд. Аз ҷумлаи чунин мамлакатҳо ИМА мебошад, ки бештари партовҳои радиоактивии хешро дар кишварҳои ҷаҳони сеюм, аз ҷумла, дар мамлакатҳои Гвинея, Конго, Нигерия ва баъзеи кишварҳои дигар нигоҳ медорад.

Масъалаи ифлосшавии муҳити зист ва ғоратгарона истифода намудани захираҳои дигари табиӣ ба масъалаи дигари ҷомеаи ҷаҳонӣ – шиддат гирифтани моҷароҳои сиёсӣ ва ҳарчи бештар ба мусаллаҳшавии бошиддат пайваст гардидани кишварҳои гуногун ба ҳисоб меравад. Дар низоми иқтисодии олами муосир мақоми хоссаро комплексҳои ҳарбию саноатӣ касб намудаанд. Чунин муассисаҳои истеҳсолӣ доираи васеи одамонро ба шуғли доимӣ таъмин месозанд. Чунин корхонаю иттиҳодияҳои истеҳсолӣ яроқу аслиҳаи зиёде истеҳсол менамоянд ва тавассути фурӯши онҳо фоидаи зиёди молиявӣ ба даст меоранд. Дар сиёсати бузург чунин ҳолати давлатҳои пешрафта ҳолатҳои дигари инкишофи олам, аз ҷумла вазъи экологӣ ва дараҷаи ҳифзи муҳити зистро чандон ба эътибор намегиранд. Онҳо дар ғами ҳарчи бештар ба даст овардани фоида ва дар зери таъсир нигоҳ доштани халқҳо ва кишварҳои дигаранд. Чунин тарзи муносибат дар нисбати равандҳои экологӣ ва ҳимояи муҳити зист таъсири манфӣ расонида, проблемаҳои соҳаро боз ҳам шиддат мебахшанд.

Масъалаи шиддат гирифтани истеҳсоли яроқу аслиҳа, ба воситаи осони ба даст овардани фоидаи зиёд ва тавассути онҳо фазои сиёсии кишварҳоро зери назорати давлатҳои абарқудрат бевосита ба масъалаи ҳифзи муҳити зист таъсир мерасонад. Ин сатҳи баамалоии муносибатҳо аз солҳои 60-уми асри XX, ки мусаллаҳшавии бошиддати кишварҳо давраи авҷро пайдо намудаанд,

бештар хосияти муқовиматро пайдо намудаанд. Ҳамин аст, ки бухрони ҷаҳонии экологӣ низ аз ҳамин давра авҷ гирифтааст. Аломати асосии онро бад шудани ҳолати биосфера ташкил менамоянд. Заҳролудшавии замин (қабати болоии хок), об ва атмосфера боиси он мегардад, ки инсон муҳити табииро ба таври самаранок истифода бурда наметавонад ва ҳатто барои ӯ хатарнок мегардад.

Чуноне ки маълумотҳои оморӣ собит месозанд, “аз соли 1860 то имрӯз вазни қиёсии дуокисиди карбон дар атмосфера зиёда аз 30% афзоиш ёфтааст” [158]. Бояд он ҳолатеро дарк намудан лозим аст, ки вазни қиёсии дуокисиди карбон дар атмосфера дар ду даҳсолаи охир босуръат баланд мегардад. Ин тамоюли манфӣ ва иртиҷоӣ буда, қабати озонии Заминро вайрон намуда, ба Замин расидани нурҳои ултробунафши Офтобро метезонад. Ин ҳолати муқаррарӣ набуда, вазъияти нави номусоид дар рушди экологии олам ба ҳисоб меравад.

Имрӯз унсурҳои таркибии бухрони экологӣ бо нишондодҳои зерин арзёбӣ мегарданд:

а) вайрон шудани тавозуни табиии таркиби гази атмосфера;

б) зиёдшавии вазни қиёсии дуокисиди карбон дар атмосфера;

в) тағйирёбии иқлим, обшавии пиряххо, ифлосшавии захираҳои об;

Яке аз масъалаҳои асосии олами муосир афзудани ҳарорати миёнаи сайёра дониста мешавад. Дар мавриди масъалаи масзкур ду сатҳи нуқтаи назари муҳаққиқон ва мутахассисони сатҳи гуногун мавҷуд аст. Гурӯҳи аввали мутахассисон бар андешае қарор доранд, ки ҳарорати ҳаво тадриҷан баланд мегардад ва оқибат ҳолати гармии тоқатнопазир пайдо мешавад. Пешбинӣ менамоянд, ки дар давоми даҳсолаҳои наздиктари ҳарорати миёна сайёра то ба 4,5 дараҷа баланд мегардад. Дар сурати амалӣ гаштани чунин пешбиниҳо ба тамоми сайёра зиёни калон ворид мегардад. Бештари пиряххо об мешаванд, қаъри кӯҳҳо шуста шуда, як навъ холигиро мемонанд. Баландшавии ҳарорат боиси вайрон гаштани сохторҳои геологӣ мегарданд.  “Сатҳи уқёнуси ҷаҳонӣ 1,5 метр баланд шуда, дар минтақаҳои калон, аз ҷумла шаҳрҳои сераҳолии

дунё, ки дар назди соҳилҳо ҷойгир шудаанд, обхезиҳои шадид сурат мегиранд” [244].

Ҳамин тавр, баландшавии ҳарорати ҳаво на танҳо ба муҳити атроф ва табиати зинда, раванди истифодаи захираҳои табиӣ, балки ба тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ, пеш аз ҳама, ба соҳаҳои мухталифи саноат, ба соҳаи кишоварзӣ, моҳипарварӣ ва ғайра зарари калон оварда, инкишофи мутаносиби ҷомеаро халалдор намуда, дар ҳампайвастии табиат ва ҷомеа тағйиротҳои куллиро фароҳам меорад. Зиёда аз ин, муҳаққиқон пешбиниҳои зиёду гуногунеро ба миён мегузоранд, ки ташвиш оваранд ва одамонро ба ҳолати парешонию таҳлука оварда, умедҳо ба инкишофро барҳам мезанд. Баландшавии ҳарорати ҳаво, ки вайроншавии қабати озонии атмосфера оварда мерасонад, тамоми ҷомеа – инсоният ва мамлакату халқҳоро вориди даҳшат менамояд. Он олами ҳайвонот ва наботот ба ҳолати бад ва нестӣ мерасонад. “Институти таҳқиқоти сиёсати экологии ИМА ба андозаи 20% ё бештар аз он камшавии зичии қабати озонро пешбинӣ намуда, онро бо оқибатҳои ҷанги умумии ядроӣ баробар медонад. Аз ин рӯ, ҷомеаи ҷаҳонӣ ба таҳияи чораҳои муштарак шуруъ кардааст. Соли 1985 Конвенсияи Вена оид ба ҳифзи қабати озон ва соли 1987 Протокол дар бораи моддаҳое, ки қабати озонро хароб мекунанд, ба имзо расиданд. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки дар давоми солҳои 1977-1987 дар саросари ҷаҳон, қабати озон тақрибан 3% коҳиш ёфтааст” [249]. Дар нисбати чунин муносибатҳо биёбоншавии заминҳои корам ҷойгоҳи хоса пайдо намудааст. Ин низомест, ки боиси афзун гаштани табиати ғайризинда мегардад. Нишон додани рақамҳо дар бораи ҳолати мазкур чандон аҳамият надорад. Зеро ҳеҷ касе ва ё мақомоте наметавонад, ки ба таври дақиқ масъаларо дар доираи оморҳои гуногун мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор диҳад.

Баландшавии ҳарорати ҳаво дар воқеъ вуҷуд дорад ва раванди мазкур ба таври гуногун тавсиф ва таҳлил карда мешавад. Ҳатто мушоҳидаҳои одию муқаррарӣ низ чунин ҳолати рушди табииро ба эътибор мегирад. Аммо тамоми масъалаҳои инкишофи табиӣ, аз ҷумла инкишофи муҳити зист ва ҳолатҳои экологиро ба он ҳавола намудан номумкин аст. Зеро табиат ва ҷомеа

низ иқтидори бузурги мутобиқшавӣ ба раванду ҳодисаҳои гуногунро доранд. Табиат ва ҷомеа низ чунин ҳолатро сарфи назар намегардонанд. Аз ин ҷост, ки гурӯҳи дигари муҳаққиқон муқобили аз будаш зиёд маънидод намудани омили баландшавии ҳарорати ҳаво овоз баланд менамоянд.

Ба андешаи ин гурӯҳи муҳаққиқон "...зиёдшавӣ ва пастшавии ҳарорати ҳаво хосияти гардишӣ даврагии онҳо буда, тадриҷан мақоми аслии худро пайдо менамоянд. Ин гурӯҳи олимон собит менамоянд, ки давраи гардиши ҳарорати ҳаво 35-40 солро дар бар мегирад. Дар ин муддат ҳарорати ҳаво тағйироти ҷиддӣ пайдо намуда, ҳолати тамоман мухолифро пайдо менамояд" [228]. Аз ин хотир, онҳо муҳаққиқони дигар даъват менамоянд, ки аз масъалаҳои мавҷуда ҳангоматалабӣ нанамоянд. Ба андешаи онҳо муҳаққиқоне, ки гармшавии ҳарорати ҳаворо ҳамчун амали канора ва фоҷиаи экологӣ тавсиф менамоянд, мавқеи нодурустро ишғол кардаанд. Онро тиҷоратишавии арзишҳои илмию таҳқиқотиро амали дуруст дониста, фоидаи зиёд пайдо намуданро муҳим мешуморанд.

Ба раванҳои экологӣ ва воқеияти истифодаи муҳити зист проблемаҳои гуногуни инкишофи ҷомеа дар ҳамбастагии доимӣ қарор доранд. Бисёр масъалаҳое вуҷуд доранд, ки онҳоро аз муҳити зист ва рушди экологӣ ҷудо намудан номумкин аст. Ба ҷумлаи чунин масъалаҳои инкишофи аҳолӣ, сатҳ ва сифати он ва тамоюлҳои асосии онро ворид намудан мумкин аст. Дар демографи муосир тартиби нави омӯзиш ва омори инкишофи аҳолӣ ҳолати хубу пешрафтаро пайдо намудааст. Бештар ба ду тамоюли рушди аҳолӣ таваҷҷуҳ дода мешавад. Аввало, инкишофи мутаносиби аҳолӣ, ки ба масъалаҳои дигари инкишофи ҷомеа ва муносибатҳои он бо раванду ҳодисаҳои табиӣ чандон дар муқовимат қарор надоранд. Дуюм, инкишофи номутаносиби аҳолӣ, ки дар шакли рушди равандҳои депопулятсионӣ ва дар шакли "таркиши бузург" ба амал меоянд. Камшавии аҳолӣ (депопулятия), асосан кишварҳои пешрафтаро фаро мегирад ва аҳолии он мутаносибан кам мегардад. Он бештар дар шакли кам гаштани афзоиш назар ба фавти аҳолӣ ба

амал меояд. Бештари кишварҳои Европаи Ғарбӣ ҳолати мазкурро пайдо намудаанд.

“Таркиши бузург” бошад марҳилаи навбатӣ дар инқилобҳои демографӣ дониста мешаванд. Он ҳолати афзоиши босуръат ва барзиёди аҳолиро дар нисбати фавту камшавии аҳолӣ дар назар дорад. Кишварҳое, ки чандон иқтисодиёт ва умуман, истеҳсолоти пешрафта надоранд, ба доираи раванди “таркиши бузург” кашида мешаванд. Ҳамин аст, ки аҳолии дунё бо суръати хеле калон меафзояд. “Шумораи аҳолии дунё дар давоми 75 соли асрҳои XIX - XX аз 1 то 2 миллиард афзоиш ёфтааст. Солҳои 1960-уми асри XX шумораи аҳолӣ аллакай ба 3 миллиард нафар мерасид. Дар давоми 13 сол, яъне соли 1975 бошад аҳолии дунё ба чор миллиард расида буд. Ҳоло ин нишондод наздик ба 9 миллиард буда, ҳар даҳсола аҳолии дунё наздик ба як миллиард зиёд шуда истодааст” [239].

Мавриди зикр аст, ки зиёдшавии аҳолӣ ба таври прогрессивӣ боиси камшавии маводи озуқа, оби нушокӣ, либос, ашёи дигари рӯзгор, мушкилиҳо дар пайдо намудани ҷои зист намегарданд. Дар ҳолате зиёдшавии аҳолӣ чунин мушкилотро ба вуҷуд меорад ва дар мушкилотҳои маҷуда мушкилоти дигареро зам мекунад, ки агар насли нав аз раванди истеҳсолот ва ё навистеҳсолкунӣ дар канор монад. Яъне, онҳо ба меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ машғул нагарданд. Афзоиши аҳолӣ бояд афзоиши истеъсолотро низ дар пайвастагӣ қарор диҳад. Дар сурати ғайр, зиёдшавии аҳолӣ барои инкишофи ҳам ҷомеа ва ҳам табиат зиёни зиёд оварда, бухронҳои экологиро рушд дода, ҷомеаро ба ҳолати бад гирифтор менамояд. Бинобар ин, мақомоти идоракунии давлатӣ ва ғайриҳукуматиро зарур аст, ки ҳам дар сатҳи кишварҳои алоҳида ва ҳам дар сатҳи минтақавию байналмилалӣ доир ба ҳалли масъалаҳои навташаккул тадбирҳои заруририро дареғ надоранд.

Ҳамин тавр, дар инкишофи глобалии олам, рушди муҳити зисти одамон, дарёфти арзишҳо ва принсипҳое заруранд, ки ҳамчун асосҳои методологию консептуалӣ дар ҳалли масъалаҳо мавқеи фаъолу муайянкунанда пайдо намоянд. Ба сифати чунин омил метавон дар заминаи принсипи гуманизм

истифода намуда, раванди ҳодисаҳои мухталифро барои ҳалли мушкилоти экологӣ ва таъмини инкишофи мутаносиби муҳити зист истифода кард. Принсипи гуманизм аз маҷмуи ғояҳо, андешаҳо ва эътиқод, ки эътирофи баланди ҷамъиятии инсонро тасдиқ менамояд, таркиб ёфтааст. Моҳияти онро ҳамчун шахсият, ҳуқуқи вай ба озодӣ, хушбахтӣ, инкишоф ва зуҳуроти қобилияти он эътироф намудан ташкил менамояд.

Манбаъҳои зарурии гуманизмро дар муносибати доимӣ ба инсон, ба олами маънавию ахлоқии вай, дар инкишофи маданият, фалсафа, санъат, адабиёт ва илм ҷустан лозим аст. Муборизае, ки бар зидди зулму ситам ва нобаробариҳои мухталиф ташаккул меёбад, дар идеалҳои гуманистӣ, дар ғояҳои баробарӣ ва озодии шахс таҷассуми худро менамоянд. Аммо рушди гуманизм дар давраи ҳозираи инкишоф ба сатҳи нав расидааст. Вақте ки адолати иҷтимоии ормониро пайдо карда натавонистанд, ғояҳо ва назарияи комилтари гуманистӣ ташаккул ёфтанд.

Моро зарур аст, ки принсипи гуманизмро дар ҳалли мушкилоти экологӣ ва таъмини рушди мутаносиби муҳити зист истифода намуда, онро ба масъалаи гуманикунонии сиёсат пайвндем, ки дар ҳолати нав мазмуну равишҳои заруриро пайдо кунонад. Он рӯоварии сиёсат ба воқеигардонии манфиатҳо ва сарватҳои инсонӣ. Дар сиёсати дохилӣ он маънои кӯшишҳо барои воқеигардонии манфиатҳои ҳар як шахс, таъмини ҳуқуқҳои шаҳрвандии он, мубориза бар зидди зуҳуроти ғайригуманишавии муносибатҳои байни одамон, байни муносибатҳои одамони алоҳида ва давлатро фаро мегирад. Сухан аз боби таҳкими муносибатҳое меравад, ки воситаи андозанамоии ҳамаи онҳо инсон аст, на мақомоти давлатӣ ва ҳар гуна таркиботи дигар. Одатан ҳодисаҳои ғайригуманикунонии сиёсат дар давраҳои инкишофи бухронии ҷомеа ба миён меояд. Одамонро ноумедиҳо фаро гирифта, боварии онҳо ба оянда коҳиш меёбад. Ба мавҷудияти инсон хатари ҷиддӣ таҳдид менамояд. Аз ин ҷост, ки роҳу воситаҳои ба манфиати одамон наздик намудани натиҷагирии раванду ҳодисаҳоро мавриди тадқиқ қарор бояд дод.

Мақсади ниҳоии гуманикунонии сиёсатро ташаккул ва таҳкими низоми гуманистӣ ташкил менамояд. Муҳим аст, ки асосҳои принсипи мазкур дар раванди ҳалли мушкилоти истифодаи муҳити зист, захираҳои табиӣ ва бухронҳои экологӣ истифода шаванд.

Истифодаи принсипҳо ва арзишҳои муҳимми инсонгароӣ имконият медиҳанд, ки моҳият ва хусусиятҳои равандҳои экологӣ ва беҳтар намудани истифодаи муҳити зист дониста шаванд ва дар амали идоракунии ҷомеа истифода шаванд. Хатарҳо ва таҳдидҳое, ки дар шароити муосири рушди экологии олам ба вуҷуд омаданд, имконият намедиҳанд, ки давлатҳои алоҳида ва ҳатто субъектҳои муқтадир дар алоҳидагӣ аз ҳалли масъалаҳо ва мушикилиҳо баромада, монеаи бухронҳои соҳавӣ ва умумӣ гарданд. Инсониятро зарур аст, ки ба моҳият ва мазмуни бухрони глобалии экологӣ сарфаҳм рафта, тавассути фаъолияти якҷоя монеаи инкишофи он гарданд ва оқибат онро бартараф намоянд.

Омӯзиш ва таҳқиқи хатарҳо ва таҳдидҳои глобалии экологӣ кайҳост, ки шуруъ гардидааст. Табиист, ки муҳаққиқон вобаста ба махсусиятҳои сатҳ ва шакли ҷаҳонбиниашон масъалаҳоро ба таври гуногун тарҳрезӣ менамоянд. Бинобар ин, зарур аст, ки таҳқиқотҳо тавассути барномаҳои махсус ба амал омада, намояндагони ҳам донишҳои соҳавӣ ва ҳам донишҳои махсуси касбӣ ва ҳам намояндагони донишҳои умумию методологӣ гирд оварда шаванд. Фақат таҳлилҳо ва хулосаҳои умумии эътирофшуда, имконият медиҳанд, ки роҳу воситаҳо ва усулҳои беҳтари бартараф намудани таҳдидҳо ва мушкилоти экологии олами муосир бартараф гарданд ва ё ба ҳадди ақал расонида шаванд.

Масъалаҳои гуногуни экологӣ ва муҳити зист, танзими онҳо ва ҳолати идорашавандагии онҳо аз масъалаҳои мухталифи инкишофи иҷтимоӣ вобастаанд. Дар байни чунин масъалаҳои камбизоатии аҳолӣ ва сатҳи нокифояи зиндагии онҳо ва умуман, сифати ҳаёти одамон пайвасти ногусастанӣ доранд. Камбизоатӣ дорои хусусиятҳои зиёду гуногун аст ва рафъи онҳо низ фаъолиятҳои мухталифро талаб менамоянд. Бояд таъкид намуд, ки хусусиятҳои аввала ва асосии камбизоатӣ бо сохти иҷтимоӣ ва

махсусиятҳои инкишофи он пайваст буда, низоми зарурии идоракуниро талаб менамоянд. Мушкилиҳо ва монеаҳои инкишоф дар дохили мамлакат, дараҷаи инкишофи муносибатҳои байниҳамдигарии умумиятҳои иҷтимоӣ, робитаҳои одамон ва ҳокимият, сатҳи тақсимоти неъматҳои моддӣ дар байни табақаҳо ва аҳли ҷомеа, дараҷаи инкишофи инфраструктураҳои иҷтимоӣ ва унсурҳои дигар ба ҳолати дороӣ ва сатҳи камбизоатии одамон таъсири бештар мерасонанд. Ба ҳолати дороӣ ва камбизоатии аҳолӣ соҳаҳои гуногуни иҷтимоии аҳолӣ, пеш аз ҳама, ҳифзи иҷтимоӣ, соҳаи тандурустӣ ва суғурта, маориф ва таъсир мерасонанд. Аммо ба масъалаи камбизоатӣ бо ҷои кори доимӣ ва маоши доимию заруриро соҳиб будани одамон таъсири бештар мерасонанд. Он ба таври бевосита омили аз байн бурдани камбизоатӣ мегардад.

Вазъи саломатии аҳолӣ ва коршоям будани он ба сифати омили дигари таъсиргузор дониста мешавад. Вазъи саломатӣ, ки хубтару беҳтар бошад, ба одамон имкон медиҳад, ки барои баланд бардоштани сифати ҳаёти хеш ҷидду ҷаҳд намоянд. Дар сурати дигар ҷомеа ва давлат сатҳи дигари ғамхориҳо ва ҳимояҳои иҷтимоии одамонро ташкил намояд ва мунтазам рушд диҳад.

Ба қатори масъалаҳои таъсирбахши аҳолӣ ҳолати осебпазирии одамон ва умумиятҳои иҷтимоӣ таъсири бевосита мерасонанд. Вобаста ба махсусиятҳои наслӣ одамон метавонанд сатҳи мухталифи осебпазириро пайдо созанд. Масалан, ҷавонон, насли калонсол, нафақагирон, ки наметавонанд дар доираи тавоноии хеш проблемаҳои рушдро ҳал намоянд ва имкон надоранд, ки талаботҳо ва дархостҳои худро қонеъ гардонанд.

Саломатии одамон аз шароити муҳити зист низ вобаста аст. Ҳавои ифлос ба саломатии инсон таъсири бад мерасонад. Одамонро гирифтори бемориҳои диққи нафас, фишорбаландӣ ва ғайра гардонида, вазъи саломатии онҳоро бад мегардонад. Бадшавии вазъи саломатӣ сатҳи камбизоатиро баланд ва иқтидори истеҳсолии ҷомеа пасту нокифоя мегардонад.

Хусусиятҳои камбизоатӣ ба нишондиҳандаҳо ва меъёрҳои инкишофи экологии кишварҳо ва минтақаҳои мухталиф пайвастанд. Аз ин ҷост, ки дар

мавриди таҳлил ва хулосагириҳои мушкилоти экологӣ ва ҳимояи муҳити зист ба он мекӯшанд, ки ҷиҳатҳои мазкур ба инобат гирифта шаванд ва дар раванди идоракунӣ аҳаммияти муҳим пайдо кунанд.

Оби тоза, ҳавои тоза ва шароити хуби беҳдошт на танҳо боиси коҳиш ёфтани сатҳи беморшавӣ миёни аҳолӣ мегардад, балки дар маҷмуъ, ба муҳити зист мусоидат мекунанд. Пеш аз ҳама, бояд тазаккур дод, ки аҳамияти идоракунии захираҳои маҳаллӣ аз ҷониби ҷомеа метавонад ҳам ба афзун намудани даромади аҳолии камбизоат ва ҳам хизматрасонӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист кӯмак расонад.

Дар моддаи 13 – уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст, ки: "Замин, сарватҳои зеризаминӣ, об фазои ҳавоӣ, оламу набототу ҳайвонот ва дигар боигарии табиӣмоликияти истисноии давлат мебошанд ва давлат истифодаи самараноки онҳоро ба манфиати халқ кафолат медиҳад" [23].

Робитаи байни масъалаҳои муҳити зист, инкишофи экологии кишварҳо ва минтақаҳо ва проблемаҳои мухталифи камбизоатӣ ва осебпазирии иҷтимоии одамон гуногунҷабҳа буда, ба таври муттасил идома меёбанд. Аз ин ҷост, ки масъалаҳои ин самти таҳқиқотро олимони кишварҳои гуногун, аз ҷумла олимони тоҷик низ мавриди баррасӣ ва хулосабарориҳо қарор додаанд [166; 177; 143; 123; 161;167; 113; 197; 176].

Бештари мутахассисон таъкид месозанд, ки байни масъалаҳои экологӣ ва камбизоатӣ робитаҳои бевосита ва баҳамтаъсиркунанда вуҷуд доранд. Исбот карданӣ мешаванд, ки мушкилот ва монеаҳои экологӣ ва ё вазъияти мусоиди онҳо ба масъалаҳои асосии камбизоатӣ ва масъалаҳои ёрирасони он таъсири бевосита расонида, дар тағйири авзои одамон ва ҷомеа нақши назаррас доранд.

Е.Е. Румянсева таъкид менамояд, ки "Таъсири ҳолати экологиро ба саломатии инсон метавон бо нишондодҳои зиёд ифода намуд ва аксарият ба он боваранд, ки он таъсири бузург дорад. Ифлосшавии муҳити зист - оби ифлос ва ҳавои ифлос яке аз сабабҳои бемориҳои роҳи нафас ва дарунравӣ мебошанд, ки дар навбати худ ду сабаби асосии марги кӯдакон аз оилаҳои

камбизоатро ба вуҷуд меоранд. Шароити муҳити зист (оби мурда, ҷамъшавии партовҳои сахти маишӣ) сабаби асосии интиқолу паҳншавии бемориҳо, ба монанди вараҷа ва табларза мебошанд” [150, с. 141-142].

Дар маҷмуъ, аз зербоби “Ҳамбастагии сиёсати экологӣ бо сиёсати иҷтимоӣ” хулоса мебарорем, ки сиёсати экологӣ ҷузъи таркибии сиёсати иҷтимоӣ буда, ба ҳаёти иҷтимоӣ, махсусан, вазъи саломатӣ, некуаҳволӣ, сатҳи даромаднокӣ, ҳолати ҷисмонию равонӣ, синну сол ва ба тамоми паҳлуҳои дигари ҳаёт таъсири бевоситаи худро расонида, дар ин замина дар рушди иқтисодӣ ва тараққиёту пешрафти давлат низ нуфузи зиёд дорад.

Мушкилоти глобалии замони мо огоҳӣ аз дурнамои фоҷиабори инсоният дарак медиҳад. Тамоми мушкилоти экологӣ дар сатҳҳои гуногун ба ҳаёти инсон таъсири зиёди манфӣ расонида, боиси паст гардидани сатҳи некуаҳволии инсонҳо мегардад. Баракси ин ҳолат, яъне оби тоза, ҳавои тоза ва шароити хуби беҳдошт инчунин риоя кардани қоидаҳои тозагӣ ва санитарӣ боиси баланд гардидани сатҳи зиндагӣ коҳиш ёфтани беморшавӣ миёни аҳолӣ мегардад, яъне дар маҷмуъ, ба муҳити зист мусоидат мекунад.

Дар шароити ҳозира амалишавии паҳлуҳои сиёсати иҷтимоӣ аз ҳолати муҳити зист ва вазъи экологӣ вобаста аст. Хуб набудани вазъи муҳити зист ва сиёсати ноустувори экологӣ метавонад мушкилотеро ба миён оварад, ки на танҳо боиси амалӣ нагардидани имтиёзҳои иҷтимоӣ ва дар маҷмуъ, сиёсати иҷтимоӣ мегардад, балки мушкилоти наверо эҷод месозад, ки сарбории иловагии иҷтимоӣ дар назди давлат мегардад. Масалан, ифлос гардидани ҳолати ҳаво ва пайдоиши гарду ғубор ё баланд гардидани ҳарорат метавонад мушкилоти зиёдро дар таъмини саломатии аҳолӣ ба монанди фишорбаландӣ, бемориҳои қалб ва ғайра ба миён орад. Аз ҷиҳати дигар бад гардидани сифати оби нӯшокӣ дар пайи тағйирёбии иқлим метавонад мушкилоти зиёди дигарро дар таъмини саломатии аҳолӣ ба вуҷуд орад. Ин ҳама хароҷоти иловагиро тақозо менамояд, ки роҳи боэътимоди ҳалли ин мушкилиҳо таҳия ва татбиқи сиёсати оқилонаи экологиро талаб менамояд.

Бо назардошти амалҳои дар боло зикргардида, сиёсати экологӣ яке аз самтҳои муҳимми сиёсати иҷтимоии давлат ба шумор рафта, сатҳи зиндагӣ, саломатӣ, дарозумрӣ, некуаҳволӣ ва рушди иқтисодии ҷомеа ба он вобастагии ногусастанӣ дорад.

Дар маҷмуъ, хулоса намудан мумкин аст, ки мушкилоти глобалии экологии замони мо - огоҳӣ аз дурнамои ҳалокатбори инсоният дар муқобили таҳдиди ядроӣ, гуруснагӣ ва фалокати экологӣ ҷомеаро водор мекунад, ки ба умқи арзишҳои маҳаллӣ, мушаххас, нисбӣ маҳдуд нашуда, ба ҷустуҷӯйи арзишҳои умумибашарӣ таваҷҷуҳ намуда, рӯ оранд. Ин раванд ҷомеаро ҳушдор месозад, ки на танҳо дар бораи наҷот ёфтан ва ҳифзи худ андеша кунад, балки алоқамандӣ ва вобастагии худро бо дигарон бештар дарк кунад. Дар ин ҳолат бо нигоҳ доштани худшиносии инфиродӣ ё миллии худ мефаҳмад, ки ӯ на танҳо намояндаи авлод, қабила, ҷомеа, балки намояндаи тамоми насли башар аст. Ин доираи арзишҳои умумиҷаҳонӣ як зарурати экологӣ бошад, ки иттиҳоди берунии одамон дар мубориза барои наҷот мусоидат мекунад, аз ҷиҳати дигар он дунёест, ки хусусияти муттаҳидшавӣ ва гуманизми иҷтимоиро ба вуҷуд меоварад.

# БОБИ II. САМТҲОИ АСОСИИ ИНКИШОФИ СИЁСАТИ ЭКОЛОГИИ ДАВЛАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

## 2.1. Сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Марказӣ ва самтҳои асосии инкишофи онҳо

Тавре қайд гардид, дар пайи мушкилоти экологӣ мушкилиҳои зиёди иҷтимоӣ нуҳуфтаанд, ки ба сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ таъсири манфӣ мерасонанд ва монеаи ҷиддӣ дар роҳи таъмини рушди устувори давлат маҳсуб меёбанд. Вобаста ба ин, имрӯз аз роҳу воситаҳо ва чораҳои гуногун ҷиҳати ҳалли масоили экологӣ дар минтақа рӯйи кор гирифта мешавад. Маълум аст, ки барои бартарафсозии дилхоҳ мушкилот ва ҳалли масъалаҳои гуногуни ҳаётӣ заминаҳои гуногун истифода карда мешаванд. Яке аз чунин заминаҳо қабули санадҳои меъёрию ҳуқуқии сатҳҳои гуногун мебошад. Дар минтақаи Осиёи Марказӣ дар баробари амалкарди санадҳои меъёрию ҳуқуқии минтақавии экологӣ, инчунин санадҳои зиёди меъёрию ҳуқуқии дохилидавлатӣ низ амал мекунанд, ки онҳо асоси сиёсати миллии экологии кишварҳои минтақаро ташкил менамоянд.

Тибқи маълумотҳо дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон то имрӯз тақрибан 80 санади меъёрию ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист қабул карда шудаанд. Дар Ҷумҳурии Қазоқистон бошад қариб 90 қонуну санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқии соҳаи ҳифзи муҳити зист ва экология қабул гардидааст, ки агар аз як ҷиҳат нишонаи заминаи устувори қонунгузории соҳаи экология бошад, аз ҷониби дигар нишонаи мубрамияти сиёсати экологӣ дар ин кишвар мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунҳо ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии зерин соҳаи муҳити зист ва вазъи экологиро танзим менамоянд:

“Кодекси ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон” [20];

“Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон” [21];

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи муҳити зист” [29];

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи ҳавои атмосфера” [31];

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус ҳифзшаванда” [31] ва ғайра.

Дар давлатҳои Осиёи Марказӣ низ заминаҳои устувори меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолият дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва экология мавҷуд аст ва онҳо асоси ташаккули сиёсати миллии экологии давлатро ташкил менамоянд:

“Кодекси замини Ҷумҳурии Қазоқистон” [15];“Кодекси замини Ҷумҳурии Қирғизистон” [16]; “Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон” [19]; “Кодекси замини Ҷумҳурии Туркманистон” [17]; “Кодекси замини Ҷумҳурии Ўзбекистон” [18]; “Кодекси оби Ҷумҳурии Қазоқистон” [1]; “Кодекси оби Ҷумҳурии Қирғизистон” [2]; “Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон” [22]; “Кодекси оби Ҷумҳурии Туркманистон” [10]; “Кодекси оби Ҷумҳурии Ўзбекистон” [3]; Қарори сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ “Дар бораи тасдиқи Низомномаи Фонди байналмилалии наҷоти Арал ва Созишнома дар бораи мақоми Фонди байналмилалии наҷоти Арал ва ташкилотҳои он” [14] аз 9 апрели соли 1999.

Санадҳои меъёрию ҳуқуқии зикргардида, нишонаи мавҷудияти заминаи муосири қонунгузорӣ дар соҳаи ҳифзи табиат ва муҳити зист дар минтақа мебошад. Аммо новобаста аз он, таври мушоҳида мегардад, масоили экологии минтақа ҳам дар сатҳи миллию дохилидавлатӣ ва ҳам сатҳи минтақавӣ рӯ ба инкишоф дорад. Ин ҳолат инъикосгари дар рӯйи қоғаз боқӣ мондани талаботҳои қонунгузории кишварҳои минтақа дар соҳаи экология ва ҳифзи муҳити зист мебошад.

Барои далел сиёсати миллии экологии кишварҳои минтақаро бо заминаҳои қонунгузории соҳаи экология ва ҳолати воқеии экологии кишварҳои минтақа ба таври муқоисавӣ таҳлилу баррасӣ мекунем.

Чуноне ки дар боло қайд намудем, сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Марказӣ ба ҳам алоқаманд буда, аз мушкилоти ягонаи экологии миллӣ сарчашма мегирад. Айни замон таҳияи сиёсати минтақавии экологӣ бе омӯзиши сиёсати миллии экологии ҳар як давлати минтақа дар алоҳидагӣ ва

ба инобат гирифтани зарфиятҳои хосаи онҳо ғайриимкон мебошад. Бо назардошти ин, мо таҳлили мушкилиҳо ва сиёсати миллии экологии ҳар як давлати минтақаро дар алоҳидагӣ зарур мешуморем. Имрӯзҳо давлатҳои минтақа дар баробари доштани мушкилоти ягонаи минтақавии экологӣ, ҳамзамон дорои як қатор мушкилиҳои экологии дохилидавлатӣ низ мебошанд, ки аксари онҳоро аз замони шуравӣ ба мерос гирифтаанд. Ин мушкилоти экологӣ ҷузъи таркибии мушкилиҳои экологии ин давлатҳоро ташкил дода, ба сатҳи умумии онҳо таъсири зиёд дорад. Яке аз чунин давлатҳо, ки аз замони шуравӣ як қатор мушкилоти мураккаби экологиро ба мерос гирифтааст, Ҷумҳурии Қазоқистон мебошад.

Дар баробари тараққиёту пешрафти техникӣ Ҷумҳурии Қазоқистон низ мисли аксари давлатҳо, ба мушкилоти ҷиддии экологӣ дучор гардид ва ҳоло тадбирҳо ва ҳалли онҳо ба сатҳи сиёсати давлатӣ бардошта шудааст. Дар барномаи ҳуҷҷатии “Стратегия-2030”-и Ҷумҳурии Қазоқистон “беҳтар намудани ғизо, муҳити тоза ва экология” [174] яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии ин давлат мебошад. Мувофиқи рейтинги ҷаҳонии экологӣ, Қазоқистон дар минтақаҳои офатҳои табиӣ, ки дар он ҷо деградатсияи экологӣ ба ҳадди ниҳоӣ расидааст, берун аз он хатари мустақим ба саломатии ҷисмонӣ ва генетикии аҳолӣ, таркиби намудҳои олами набототу ҳайвонот ва кам шудани захираҳои табиии барқароршаванда вуҷуд дорад, дохил мебошад.

Озмоишҳои яроқи ядроӣ, ки дар тӯли 40 сол дар майдони озмоишии атомии Семипалатинск гузаронида шудаанд, ба саломатии инсон ва муҳити зист зарари ҷуброннопазир расонида, боиси зиёд шудани беморӣ ва марг гардиданд. Тамоми қаламрави Семипалатинск ва минтақаҳои ҳамшаҳрии вилоятҳои Павлодар, Қазоқистони Шарқӣ ва Қарағанда ба сифати минтақаи офатҳои экологӣ эътироф карда шудаанд.

Оқибатҳои дарозмуддати озмоишҳои ҳастаӣ, ки аз насл ба насл мегузаранд, торафт бадтар шуда истодаанд. Дар айни замон, барои барқарор кардани захираҳои ҳаётан муҳим кӯшишҳои зиёд ба харҷ дода мешаванд. Дар аксар минтақаҳои Ҷумҳурии Қазоқистон вазъияти экологӣ на танҳо номусоид,

балки нигаронкунанда аст. Сарчашмаҳои асосии вайроншавии муҳити атроф ва коҳиш ёфтани ҳолати табиӣ дар Қазоқистон инҳо маҳсуб меёбанд: саноат, нақлиёти автомобилӣ, кишоварзӣ, ва дигар омилҳои антропогенӣ. Аз ҳама ҷузъҳои таркибии биосфера ва муҳити зист, атмосфера ҳассостарин аст, на танҳо газҳо, балки ифлоскунандаҳои моеъ низ ба атмосфера дохил мешаванд.

Инсон кайҳо боз ба муҳити атроф таъсир кардааст. Дар натиҷаи фаъолияти гуногунҷанбаи бисёрасраи инсонӣ дар қабати болоии хок, растаниҳо, муҳити ҳаво, об ва олами ҳайвонот таъсири манфӣ расонидааст. Одам захираҳои табиии барқарорнашавандаро аз байн мебарад ва истеҳсоли ин унсурҳоро, ки метавонистанд таҷдид шаванд, зери хатар мегузорад. Вай муҳити табиатро, ки аз мавҷудияти ҷисмонӣ ва рӯҳии ӯ вобаста аст, ҳамчун падидаи биологӣ ва иҷтимоӣ иваз мекунад. Ифлосшавии муҳити зист шадидтар ва ташвишовар аст. Экология илми табиӣ ва гуманитарӣ мебошад. Ҳамчун илми табиӣ, наметавонад инсонро истисно кунад, аммо ҳамчун илми инсонӣ наметавонад аз табиат ҷудо шавад. Дар барномаҳои иҷтимоию иқтисодии кишварҳои тараққикарда ва рӯ ба тараққӣ мушкилиҳои экологӣ ва идоракунии табиӣ мавқеи муҳим доранд.

Ҷумҳурии Қазоқистон аз ин ҷиҳат истисно нест. Муносибати дағалона ба табиат ва муҳити зист дар ин кишвар низ дар замони Иттиҳоди Шуравӣ рост омада, солҳои 70-90-уми асри гузашта, он ба нуқтаи шаддидтарин расида, буҳрони экологиро ба вуҷуд меорад.

Имрӯзҳо, минтақаҳои баҳри Арал ва озмоишгоҳи Семипалатинск ҳамчунон минтақаҳои офатҳои экологӣ дар Ҷумҳурии Қазоқистон мебошанд, ки дар он ҷо системаҳои табиии экологӣ хароб шуда, олами наботот ва ҳайвонот таназзул ёфтааст ва бо сабаби шароити номусоиди муҳити зист ба саломатии аҳолии минтақаҳои зикргардида, ҳамасола таъсири зиёди манфӣ мерасад. Дар ҳудуди Семипалатинск 85 нуқтаи аҳолинишин бо тақрибан 72 ҳазор аҳолӣ ҷойгир мебошад. Бо сабаби вазъи ногувори экологӣ сатҳи баланди гирифторшавӣ ба бемориҳои системаи гардиши хун ва фавт, нуқсонҳо дар байни навзодон ва пиршавии бармаҳали аҳолӣ дар ин минтақа ба қайд гирифта

шудааст. Минтақаи баҳри Арал низ дар чунин вазъи ногувори экологӣ қарор дошта, дар он 178 шаҳраки аҳолинишин бо зиёда аз 186 ҳазор аҳолӣ ҷойгир мебошад. Бо сабаби таъсири манфии ҳолати бади экологӣ ба саломатии аҳолӣ дар ин минтақа низ сатҳи баланди бемориҳои меъдаву рӯда, камхунӣ, хусусан, дар байни занон ва кӯдакон, фавти кӯдакон ва нуқсонҳои модарзод мушоҳида мешавад [74].

Илова ба офатҳои эҳтимолии техногенӣ, бо сабаби ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, хусусиятҳои иқлимӣ ва ҳолати табиӣ, Ҷумҳурии Қазоқистонро офатҳои дигари табиӣ ба монанди хушксолиҳои тӯлонӣ, тӯфони барфӣ ва хокӣ низ таҳдид мекунанд. Ин офатҳои табиӣ, асосан, хоси минтақаҳои қисми Миёна ва шимолу шарқии Қазоқистон мебошад. Қисми шимолу шарқии ин кишварро бошад, обхезии зиёд ва заминҷунбӣ бештар таҳдид мекунад. Ҳамзамон мушкилиҳои азими экологии сатҳи ҷаҳонӣ низ ба ҳолати экологии Қазоқистон таъсири зиёди манфӣ дошта, офатҳои мухталифи табииро ба вуҷуд меорад. Мушкилоти гармшавии иқлим метавонад дар Қазоқистон мушкилоти мураккаби экологӣ ба монанди обшавии пиряххо, баландшавии сатҳи оби уқёнусҳо, баландшавии бошиддати биёбоншавии заминҳо ва хушксолиҳои тӯлониро ба вуҷуд биёрад. Дар ин ҳолат минтақаҳои наздикӯҳии ҷануби Қазоқистон, ки сераҳолитарин маҳсуб меёбанд, зери хатари ҷиддии сел ва маркази кишвар бошад, зери хатари хушксолии тӯлонӣ қарор мегирад. Дар ин самт зарфияти Қазоқистон дар он ифода меёбад, ки дар баробари таъсири масоили экологии глобалӣ ин кишварро хатари таназзули экосистемаҳо низ таҳдид мекунад.

Тибқи рейтинги ҷаҳонии экологӣ Қазоқистон ба минтақаи хатарноки экологӣ ворид гардидааст, ки дар он бадшавии ҳолати экологӣ ба дараҷаи баланди худ расида, таҳдид ба саломатии ҷисмонӣ ва генетикии аҳолӣ, гуногунии биологию ботаникӣ ва нобудшавии сарватҳои табиии барқарорнашаванда ба мушоҳида мерасад. Ин ҳолат тақозо менамояд, ки сиёсати густурдаи миллии экологӣ бо инобати ҷанбаҳои минтақавии масоили экологӣ таҳия ва дар сатҳи баланд татбиқ карда шавад.

Яке аз мушкилоти мубрами экологӣ дар марҳилаи кунунӣ вазъи захираҳои об дар Ҷумҳурии Қазоқистон мебошад. Дастрасӣ ва ҳолати захираҳои об омили муҳимест, ки ба рушди иқтисодии кишвар таъсири ҳалкунанда мерасонад. Дар айни замон, ҳолати умумӣ ва сифати захираҳои об дар Ҷумҳурии Қазоқистон ба таври назаррас бад шуда истодааст ва ифлосшавии шадиди онҳо метавонад ба муҳити зист таъсири харобиовар расонад. Дар зери таъсири фаъолияти иқтисодӣ, режими гидрохимиявӣ, санитарии гидробиологии тақрибан ҳамаи дарёҳои Қазоқистон ба таври назаррас тағйир ёфт. Агар ба назар гирем, ки Қазоқистон бо захираҳои оби тоза кам таъмин аст, пас ин боиси нигаронии ҷиддӣ мегардад.

Дар айни замон, бояд диққати ҷиддӣ ба вазъи захираҳои асосии оби Қазоқистон, дарёҳои Сирдарё, Иртиш, Илӣ, мушкилоти баҳрҳои Арал, Каспий, кӯлҳои Балхаш ва Зайсан нигаронида шавад. Муҳимтарин мушкилоти экологӣ дар ин минтақа ифлосшавии обҳои рӯизаминӣ ва сатҳи пасти об дар резишгоҳҳои дарёҳои фаромарзии кишварҳои ҳамсоя Қирғизистон, Ӯзбекистон ва Чин мебошанд.

Мушкилоти шадиди экологии Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон афзоиши доимии истифодаи оби дарёи Сирдарё дар Ӯзбекистон мебошад. Коҳиш додани истифодаи ғайриоқилонаи об дар Ӯзбекистон имкон медиҳад, ки як қатор мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ ва экологӣ, аз қабили таназзули олами наботот ва ҳайвонот, афзоиши бемориҳо миёни аҳолӣ, ки бо системаи нафаскашӣ алоқаманданд, ҳал гарданд, ҳамзамон миқдори бештари об то баҳри Арал расад.

Мушкилоти минтақаи Каспийи Қазоқистон инчунин як қисми мушкилоти умдаи бахши Каспий мебошад. Барои ҳалли онҳо тадбирҳои муосир оид ба истифодаи мутавозини захираҳои биологӣ ва ашёи хоми карбогидрид заруранд. Қазоқистон яке аз 5 қисми мушкилоти байналмилалии экологии Каспий мебошад. Ҳадафи ин барномаи дарозмуддат барқарорсозӣ ва ҳифзи системаи ҳассоси экологии Каспий мебошад. Мавқеи фаъоли Ҷумҳурии

Қазоқистон дар таъини масъулият дар назди Қазоқистон барои фаъолияти кумита инъикос мешавад.

Таҳдидҳои нисбатан васеи мавҷуда ба амнияти экологӣ тақозои қатъӣ ба механизми ягонаи системаи тадбирҳои миллӣ, минтақавӣ ва дар оянда ҷаҳонии глобалиро, ки ба саривақт ошкор, пешгирӣ ва саркӯб кардани таҳдидҳои экологӣ равона шудаанд, тақозо мекунад.

Аммо бо вуҷуди пешрафтҳо дар самти такмили сиёсати экологӣ, ба ин дастовард тамоюлҳои ҷории истеҳсолоти саноатӣ ва кишоварзӣ муқобилият мекунанд. Ҳаҷми захираҳои табиии истифодашаванда мунтаззам меафзояд, ҳарчӣ бештар моддаҳои ифлоскунанда истеҳсол карда мешаванд. Ин номувофиқии модели муосири рушди ҷомеаро ошкор месозад - зарурати рушди саноатӣ ва иқтисодӣ аксар вақт бо талаботи муҳити атроф мухолифат мекунад, шароити амнияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар на ҳамеша ба шароити амнияти экологӣ мувофиқат мекунад.

Тавре ки таърихи ҷаҳонӣ нишон дод, мушкилоти ҳалношудаи экологӣ ва сатҳи пасти таъмини амнияти экологӣ сабаби муноқишаҳои ҷиддии сиёсӣ, иҷтимоӣ ва мусаллаҳона шудаанд. Дар айни замон, минтақаҳои эҳтимолии байни Қазоқистон, Ӯзбакистон ва Қирғизистон дар робита ба захираҳои маҳдуди об мавҷуданд. Ғайр аз он, минтақаи Каспий инчунин нигарониҳоро ба миён меорад, ки офати техногении экологӣ бо айби ҳар яке аз панҷ давлати Каспий метавонад боиси низои ҷиддии байнидавлатӣ гардад.

Секторҳои амниятии дар боло барои Қазоқистон пешниҳодшуда нишон доданд, ки дар ин минтақа кадом заминаҳои таҳдидҳои анъанавӣ ва замонавӣ вуҷуд дошта метавонанд ва омилҳои беруна ва дохилии давлат ба ин чӣ гуна таъсир мерасонанд.

Дар маҷмуъ, хулоса намудан мумкин аст, ки масоили умдаи миллии экологии Ҷумҳурии Қазоқистон, асосан, характери минтақавӣ доранд ва аз ҳар ҷиҳат ба фазои минтақавии экологӣ таъсири бевосита мерасонанд.

Дар баробари Ҷумҳурии Қазоқистон Ҷумҳурии Ӯзбекистон низ дорои мушкилотҳои миллии экологие мебошад, ки фазои маъмурии ин кишварро убур намуда, ба фазои минтақавии экологӣ таъсиргузор мебошанд.

Вазъи экологии Ҷумҳурии Ӯзбекистон бениҳоят нигаронкунанда аст. Дар ҳифзи муҳити табиӣ ва ҳалли мушкилоти экологӣ сатҳи фарҳанги экологии тамоми ҷомеа нақши муҳим мебозад. Барои ташаккул ва рушди фарҳанги экологӣ дар байни аҳолӣ, бояд методологияи махсуси таълими экологӣ эҷод карда шавад, ки дар асоси он одамон амалҳои худро нисбат ба табиат назорат карда тавонанд ва фарҳанги экологии худро ташаккул диҳанд. Дар шароити кунунӣ рушди устувори иқтисодии Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз ҳалли масоили экологӣ вобаста аст. Рушди босуръати истихроҷ ва истифодаи номуназзами захираҳои табиӣ ба монанди нафт, газ, металлҳои ранга ва нодир дар минтақаҳои гуногуни ин кишвар боиси таназзули захираҳои замин ва об, инчунин ифлосшавии ҳаво гардидаанд.

Имрӯз вазъи экологии бисёр минтақаҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон нигаронкунанда ва ташвишовар мебошад. Махсусан, вилояти Тошканд бо сабабу омилҳои гуногун ҳолати муътадили экологии худро аз даст дода, як қатор мушкилиҳои экологии ҷиддӣ ба ҳаёт ва фаъолияти ҳамарӯзаи аҳолӣ монеаҳо эҷод мекунанд. Аз партовҳои саноатии корхонаи кӯҳӣ-металлургии Олмалик, ки дар таркибашон моддаҳои химиявии селен, кадмий, фосфатҳо доранд ба ҳолати экологии ин минтақа таъсири зиёди манфӣ расонидаанд. Кони ангишти Ангрен, ки дар ин минтақа ҷойгир аст муҳити атрофро бо металлҳои вазнин (Cu, Pb, Zn, Fe, Ni) олуда намудааст. Сарчашмаи дигари ифлосшавии экологӣ дар ин минтақа кони металлҳои рангаи Олмалик мебошад. Дар ин баробар дар масофаи начандон дуртар аз Янгиобод дар ҳаҷми ниҳоят калон зиёда аз 500 ҳазор метри мукааб партовҳои радиоактивӣ мавҷуд мебошанд, ки шиддатнокии радиатсияи он аз 60 то 1500 гамма мкР/соатро ташкил менамояд [140, с. 78]. Ҳолати мазкур дар минтақаҳои Красногорск, Навоӣ ва Зафаробод низ ҳамингуна мебошад.

Тибқи гузоришҳои миллӣ доир ба вазъи муҳити зист дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон дарҷ гардидааст, ки истихроҷи бенизом ва барзиёди маъдан, уран ва тилло боиси ифлосшавии обҳои зеризаминии маҳаллӣ дар шаҳрҳои Ғиждувон, Зафаробод ва дигар ноҳияҳои наздик ба онҳо гардидааст. Дар ин минтақа сатҳи минерализатсияи оби нӯшокӣ ба 10-11 г/л расидааст [151, с. 94]. Ҳолати мазкур ба афзоиши бемориҳои саратон ва эндокринологӣ дар байни аҳолӣ оварда расонидааст. Дар минтақаи Навоӣ ҳамзамон сатҳи баланди радиатсия ва афзоиши минерализатсияи обҳои зеризаминӣ бо афзоиши консентратсияи ионҳои SO4, хлор, оҳан, селен ва марган 0ба қайд гирифта шудааст, ки ҳолати мазкур бисёр нигаронкунанда мебошад.

Дар минтақаи Учқудуқ анбори тавозуни уран иборат аз 3 миллион тонна мавҷуд мебошад, ки таъсири радиатсионии он ба 10-400 мкР / соат баробар мебошад [140, с. 78]. Ин ҳолат зиндагии осудаи мардумро дар минтақаи мазкур халалдор сохта, мушкилоти бартарафнашавандаи иҷтимоиро ба вуҷуд овардааст.

Мушкилоти ба ин монанд дар вилояти Қашқадарё низ мавҷуд буда, ҳалли саривақтии онҳо андешидани тадбирҳои ҷиддӣ ва ҷавобгӯ ба шароити муосирро тақозо менамояд.

Ба таври интенсивӣ аз худ кардани конҳои газ ва нафт дар ин вилоят боиси он гардидааст, ки масоҳати зиёди заминҳо корношоям гардида, аз гардиши кишоварзӣ боз мондаанд. Чунин ҳолат муҳити зисти вилоятро ба кулли тағйир дода, табиати пластикиро ба вуҷуд овардааст.

Яке аз мушкилоти ҷиддитарини ҳам экологӣ ва ҳам иҷтимоию иқтисодии ин вилоят таъмини нокифояи аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокӣ мебошад. Маълумот доир ба фенолҳо ва маҳсулоти нефтӣ, ифлосшавии обҳои зеризаминии ин минтақа мавҷуданд. Тибқи маълумоти мавҷуда сатҳи шӯршавии оби дарёи Қашқадарё то 1220 мг /л. расида, меъёри газ 1,2 маротиба дар он зиёд буда, маҳсулоти нафтӣ дар он ба 0,41 мг /л. мерасад. Ин ҳолат таъсири зиёди манфӣ дошта, мушкилоти зиёди иҷтимоиро дар пай дорад [179, №2, с. 23].

Дар вилояти Бухоро низ яке аз масъалаҳои муҳимми экологӣ ва ҳам иҷтимоию иқтисодӣ, норасоӣ ва ифлосшавии захираҳои об мебошад. Илова бар ин, дар ин минтақа олудашавии хок бо маҳсулоти нафтӣ, сатҳи баланди минерализатсияи об, миқдори зиёди партовҳо, зиёд гардидани заҳрхимикатҳо дар майдонҳои кишоварзӣ дар ҳолати инкишофёбӣ қарор доранд, ки пайомадҳои мураккаб ва ногувори кишоварзиро дар пай доранд.

Норасоии оби тозаи нӯшокӣ вилояти Самарқандро низ таҳдид менамояд. Дар ин вилоят миқдори партовҳо дар дарёи Зарафшон зиёд ба мушоҳида расида, миқдори сурб, рӯҳ, нитратҳо, пеститсидҳо дар об ва хок аз меъёри муқаррарӣ 4-6 маротиба зиёд мебошад.

Мураккабтарин мушкилиҳои муҳити зист ва ҳаёти аҳолӣ дар вилояти Ҷиззах ин нокифоя будани миқдори оби тозаи нӯшокӣ, ботлоқшавӣ, таназзули замин, ифлосшавии хок бо нитратҳо ва пестисидҳо мебошад. Норасоии оби тозаи нӯшокӣ ба сатҳу сифати зиндагии аҳолии ин вилоят, ки асосан, аз обҳои рӯдҳо ва обҳои рӯйизаминӣ истифода мекунанд, боиси зиёдшавии бемориҳои рӯдаю меъда дар ин минтақа гардидааст.

Сокинони минтақаи Бахмали Ҷиззах аз норасоии оби тозаи нӯшокӣ танқисии ҷиддӣ мекашанд, ки ин мушкилот ба сатҳу сифати зиндагии аҳолии ин минтақа таъсири манфии зиёд расонидааст [114, с. 146].

Тибқи маълумоти мавҷуда дар ноҳияи Фориш дар майдони панҷ гектар партовҳои пеститсидҳои заҳрнок ва кимиёвӣ мавҷуд мебошанд, ки хатари ҷиддии экологиро дар пай доранд ва ба муҳити зист, махсусан, ба саломатии аҳолии минтақа таъсири манфии зиёд дорад.

Вобаста ба мушкилоти мураккабтарини экологӣ водии Фарғона, махсусан, вилоятҳои Андиҷон, Намангон ва Фарғона бештар осебпазир гардидаанд. Ин минтақа аз рӯйи нишондодҳои мушкилоти экологӣ мавқеи пешсафро ишғол менамояд. Ин минтақа аз ҳисоби захира, истихроҷ ва коркарди нафту газ яке аз ҷойҳои аввалро дар кишвар ишғол менамояд. Аммо бо сабаби фарсудаю кухна будани инфрасохтори соҳа ва дар ин замина ба

вуҷуд омадани партовҳои зиёд ба ифлосшавии бошиддати муҳити зист ва ҳавои атмосфера таъсири манфӣ расонидааст.

Дар пайи фаъолияти бенизом ва бо технологияи кухна кор кардани корхонаҳои калони саноатӣ ба монанди корхонаи суперфосфати Қӯқанд ва корхонаи “УзОлмосОлтин”, мушкилиҳои зиёди экологӣ ба вуҷуд омадаанд [179, №2, с. 24].

Мушкилоти дигари то ҳанӯз ҳалнашудаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки ба бадшавии ҳолати муҳити зист таъсири худро расонида истодааст, ин истифодаи бардавоми роҳу усулҳои куҳнашуда ва аз замони шуравӣ боқимондаи кишоварзӣ, махсусан, обёрии заминҳои кишт мебошад. Ин масъала дар соҳаи пахтакории ин кишвар бисёр ташвишовар боқӣ мемонад. Системаи обёрии соҳаи кишоварзӣ, махсусан, дар самти пахтапарварӣ ва шоликорӣ аз замони шуравӣ боқӣ монда, навсозӣ ва бо технологияҳои каммасрафи обӣ таъмин нагардидааст. Истифодаи ғайриоқилонаи захираҳои об ва аз меъёр зиёд ҷорӣ гардидани об дар майдонҳои кишт аз як ҷиҳат боиси шӯсташавии қабати ҳосилдеҳи хок, шӯршавии заминҳои корам ва ботлоқшавӣ оварда расонад, аз ҷиҳати дигар ҷорӣ нагардидани об ба баҳри Арал мегардад.

Мушкилоти дигари экологии Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки мушкилиҳои тамоми кишварҳои минтақа низ мебошад, ин масъалаи хушкшавии баҳри Арал аст. Барои ҳалли мушкилоти баҳри Арал Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз ҳар кишвари дигари минтақа дида масъулияти бештар дорад, чунки ин кишвар дар минтақа аз ҳама бештар дида захираҳои оби минтақа, махсусан, миқдори азими оби дарёҳои фаромарзиро истифода менамояд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки дар сурати сари вақт бартараф нагардидани масоили экологӣ ва махсусан, масоили экологии аҳамияти минтақавию ҷаҳонидошта, боиси ба вуҷуд омадани мушкилоти дигар гардида, масъала печидаю мураккаб мегардад. Мушкилоти экологӣ хусусияти иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсӣ дошта, он метавонад ба мушкилоти иқтисодӣ ва ё иҷтимоию сиёсӣ табдил ёбад. Масалан, мушкилоти баҳри Арал имрӯз аз марзҳои экологӣ берун баромада, ба масъалаи баррасишавандаи доираҳои олии сиёсӣ ва

иқтисодӣ табдил ёфтааст ва ба он на танҳо ҳамчун мушкилоти экологӣ ва муҳити зист, балки ҳамчун масъалаи таъмини амнияти минтақавӣ, устувор нигоҳ доштани муносибатҳои байнидавлатии минтақавӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллии ҳар як субъекти минтақа назар мекунанд.

Дар маҷмуъ, масоили миллии экологии Ҷумҳурии Ӯзбекистон нисбат ба ҳар кишвари дигари минтақа мураккабтару печидатар аст. Рушди босуръати демографӣ, таназзули заминҳои кишоварзӣ, куҳнаю фарсуда будани қисми аксари пойгоҳҳои обёрӣ ва вобастагии он аз захираҳои оби кишварҳои болооб (Тоҷикистон ва Қирғизистон) онро аз ҷиҳати экологӣ осебпазир гардонидааст.

Тибқи маълумоти мавҷуда, имрӯз дар водии Фарғонаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон зичии аҳолӣ нисбатан баланд буда, ба 1 километри квадратӣ ба ҳисоби миёна 500 – 600 нафар рост меояд [114, с. 125], ки ин баробар бо зичии аҳолӣ дар кишварҳои ба мисли Ҷумҳурии Халқии Хитой, Ҳиндустон ва Бангладеш мебошад.

Бо назардошти мушкилоти бавуҷудомада, дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон "Нақшаи миллии чорабиниҳо оид ба ҳифзи табиати Ҷумҳурии Ӯзбекистон" [142, с. 47] қабул гардидааст, ки тибқи он самтҳои афзалиятноки сиёсати экологии ин кишвар ба таври зайл муайян карда шудаанд:

1. Фароҳам овардани шароити мусоиди зист барои аҳолӣ;
2. Истифодаи оқилона ва идоракунии захираҳои табиӣ;
3. Ҳифзи гуногунии биологӣ дар қаламрави Ӯзбекистон.

Татбиқи нақшаи чорабиниҳои пешбинишуда, танҳо дар сурате имконпазир аст, ки шабакаи истгоҳҳои назоратии кишвар, ки ба шабакаи ягонаи истгоҳҳои Осиёи Марказӣ дохил карда шудаанд, назорати доимии сатҳи ифлосшавии об, хок, ҳаво инчунин пешниҳоди далелҳо дар бораи тағйирёбии ҷанбаҳои мухталифи муҳити зистро ба таври доимӣ ва дақиқ манзур намояд ва хатарҳои экологӣ пешгирӣ карда шаванд.

Зарур аст, ки фазои иттилоотӣ бо мубодилаи маълумот байни иштирокчиён ва истифодабарандагони системаи мониторинги муҳити зист дар минтақа тақвият бахшида шавад.

Нақшаи мазкур иттилоотонии саривақтии аҳолиро доир ба масоили экологӣ ва таъмини иштироки фаъолонаи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳалли мушкилоти муҳити зист, ҳамзамон назорати ҷамъиятӣ аз болои сарфи маблағҳои барои беҳсозии муҳити зист ҷудошуда самтҳои афзалиятнок муайян кардааст.

Дар баробари дигар давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ Ҷумҳурии Туркманистон низ дорои як қатор мушкилоти миллии экологӣ ва миллии экологии аҳамияти минтақавидошта мебошад. “Мушкилоти ҷиддитарини экологии ин давлат биёбоншавӣ, аз гардиши кишоварзӣ баромадани заминҳои кишоварзӣ, норасоии оби тозаи нӯшокӣ ва кишоварзӣ, тағйирёбии ҳарорати ҳаво ва иқлим, масоили экологии вобаста ба баҳри Арал мебошанд” [236].

Мушкилоти зикргардидаи экологӣ дар Ҷумҳурии Туркманистон ба сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ таъсири зиёди манфӣ расонида, монеаи ҷиддӣ дар роҳи рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсии давлат гардидааст.

Мушкилоти экологие, ки дар пайи истифодаи ғайриоқилонаи захираҳои оби минтақавӣ ба вуҷуд омадаанд, Ҷумҳурии Туркманистонро бештар азият медиҳанд. Ин масъала ба олами наботот ва ҳайвоноти он таъсири манфӣ расонида, ба шароити зиндагии одамони зиёде, ки дар ҳавзаи баҳри Арал зиндагӣ мекунанд, таъсир расонидааст. Дар робита ба ин, имрӯз барои Ҷумҳурии Туркманистон муҳимтарин вазифа коҳиш додани таъсири манфии баҳри Арал ба муҳити зист ва саломатии аҳолии он мебошад.

Дар ин росто, Ҷумҳурии Туркманистон ташаббусҳои зиёдеро ҳам дар сатҳи минтақавӣ ва ҳам байналмилалӣ анҷом додааст. Махсусан, дар давраи солҳои 2017 – 2019 раёсати Хазинаи байналмилалии наҷоти Аралро ба уҳда доштан бо мақсади муҳокимаи қадамҳои амалӣ барои татбиқи ҳадафҳо ҷиҳати коҳиш додани масоили экологии баҳри Арал, иштироки фаъолонаи намояндагони Барномаи Рушди СММ, Маркази минтақавии СММ оид ба дипломатияи пешгирикунанда барои Осиёи Марказӣ, Бонки Ҷаҳонӣ, Ҷамъияти Олмон барои ҳамкории байналмилалӣ (GIZ), Агентии Швейтсария оид ба рушд ва ҳамкорӣ таъмин карда шудаанд. Ҷалби ниҳодҳои ҷаҳонӣ

ҷиҳати дарёфти роҳи ҳалли масоили экологии минтақа, ки дар ин давра бо ташаббуси ҷониби Туркманистон сурат гирифт, тавонист диққати ҷомеаи ҷаҳониро ба масоили экологӣ ва ҳифзи муҳити зист бештар гардонад.

Масъалаи хушкшавии баҳри Арал барои Ҷумҳурии Туркманистон мушкилоти экологии асосӣ ба ҳисоб меравад. Нисбат ба дигар кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ин мушкилот Ҷумҳурии Туркманистонро бештар таҳдид менамояд ва оқибатҳои ногувори иқтисодию иҷтимоиро ба миён овардааст.

Бо назардошти ин, масъалаи баҳри Арал яке аз самтҳои асосии сиёсати экологии Ҷумҳурии Туркманистонро ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам минтақавию байналмилалӣ ташкил менамояд. Бо мақсади дастёбӣ ба ҳадафҳои гузошташуда, Ҷумҳурии Туркманистон дар давраи раисии худ дар Хазинаи байналмилалии наҷоти Арал солҳои 2017 – 2018 ҷаласаҳои Раёсати Фонд, Комиссияи байнидавлатии он оид ба ҳамоҳангсозии об ва Комиссияи байнидавлатии рушди устуворро баргузор намуд. 5-уми июни соли 2017 дар шаҳри Ашқобод Форуми серӯзаи байналмилалии экологии Осиёи Марказӣ таҳти шиори “Ташаббуси ҳамкорӣ дар соҳаи муҳити зист ва рушди устувор дар Осиёи Марказӣ” баргузор карда шуд. (ФБЭОМ аз ҷониби ҳукуматҳои панҷ кишвари Осиёи Марказӣ, яъне Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон, Ӯзбекистон, инчунин Иттиҳоди Аврупо ва БРСММ тибқи қарор Конфронси IV-уми умумиевропоӣ соли 1998 дар Орхуси Дания таъсис дода шудааст.) Мавзуи форум «Тағйирёбии иқлим ва ҳамкорӣ дар соҳаи об дар шароити рушди устувор дар Осиёи Марказӣ» буд, ки ҳадафи асосӣ мусоидат ба таҳкими муколамаи байни мақомоти давлатӣ, ҷомеаи байналмилалии рушд, донишгоҳҳо, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва сохторҳои тиҷории кишварҳои Осиёи Марказӣ оид ба масъалаҳои экологӣ ва якҷоя ташаккул додани биниши стратегияи рушди устувор барои минтақа мебошад.

Ҷумҳурии Туркманистон раёсати Хазинаи байналмилалии наҷоти Аралро дар асоси Консепсияи махсус таҳияшуда, ки ба такмил ва баланд бардоштани самаранокии Хазина, таҳкими шарикии созандаи кишварҳои ҳавзаи баҳри

Арал бо мақсади оянда равона шудааст, гузаронида, муносибати ҷиддитаринро ба иҷрои ин рисолати муҳим нишон дод. Мубрамияти масъалаҳои баҳри Арал марзҳои Осиёи Марказиро убур намуда, ба мушкилоти байналмилалӣ табдил ёфтааст. Аз ин рӯ, яке аз самтҳои фаъолияти экологии Ҷумҳурии Туркманистон ба мустаҳкам намудани заминаҳо барои ҳамкории системавии байнидавлатӣ бо ҳамкории фаъол бо ташкилотҳои бонуфуз, пеш аз ҳама СММ мебошад.

Аз ҷумла дар Конфронси рушди устувор дар Рио-де-Жанейро (RIO + 20) моҳи июни соли 2012 ҷониби Туркманистон рушди соҳаи алоҳидаи фаъолияти СММ-ро пешниҳод кард ва онро Барномаи махсуси СММ оид ба баҳри Арал номид, ки нақшаҳои мушаххаси ба эътидол овардан ва беҳтар кардани вазъро дар ҳавзаи баҳри Арал дар бар мегирад.

Ҳадафи асосии Барномаи дар боло овардашуда, тақвият бахшидани ҳамкориҳои байни Хазинаи байналмилалии наҷоти Арал ва Созмони Милали Муттаҳид оид ба татбиқи ҳадафҳои рушди устувор дар минтақаи мазкур мебошад. Аз ҷумлаи ташаббусҳои ҷониби Туркманистон пешниҳодҳо оид ба кушодани Маркази минтақавии технологияҳои марбут ба тағйирёбии иқлим дар Осиёи Марказӣ, инчунин таҳияи Барномаи махсуси СММ оид ба наҷоти Арал ва Стратегияи оби СММ мебошанд.

Мавқеи Туркманистонро дар ин самт ҷомеаи ҷаҳонӣ низ дастгирии ҳамаҷониба менамояд. Махсусан, санаи 12-уми апрели соли 2018 дар ҷаласаи 85-уми пленуми 73-юми Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид қатъномаи “Ҳамкории Созмони Милали Муттаҳид ва Фонди байналмилалии наҷоти Арал”, ки бо ташаббуси ҷониби Туркманистон оғоз ёфта буд, тамоми давлатҳои аъзо якдилона дастгирӣ намуданд.

Муқаррароти асосии Қатънома таҳияи Барномаи махсуси СММ оид ба ҳавзаи баҳри Арал буд. Аҳамияти таҳияи барномаҳои минтақавии ҳифзи муҳити зист ва расонидани кӯмак ба кишварҳои ҳавзаи баҳри Арал дар татбиқи самараноки онҳо қайд карда шуд.

Қатъномаи мазкур ба муассисаҳои махсусгардонидашуда ва дигар ниҳодҳо, инститиутҳо, барномаҳо ва хазинаҳои сохтори Созмони Милали Муттаҳид, инчунин ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ тавсия медиҳад, ки бо Хазинаи байналмилалии наҷоти Арал ҳамкориҳоро дуруст ба роҳ монда, рушд диҳанд. Дар ин замина самтҳои ҳамкориҳои мутақобила дар соҳаи экологияи минтақа ҳангоми Саммити сарони давлатҳои муассисони Хазинаи байналмилалии наҷоти Арал, ки 24-уми августи соли 2018 дар Минтақаи миллии туристии Аваза баргузор гардид, муайян карда шуданд.

Масъалаи дигари баррасишаванда, дар доираи фаъолияти экологии ҷониби Туркманистон дар Саммити мазкур муҳокимаи ҳамаҷонибаи амалҳои муштараки кишварҳои Осиёи Марказӣ оид ба беҳтар намудани ҳолати экологӣ ва истифодаи комплексии захираҳои об дар ҳавзаи баҳри Арал дар шароити тағйирёбии иқлим, таҳкими минбаъдаи шарикӣ дар ҳалли масъалаҳои идоракунии об, масъалаҳои экологӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ, ҳамкорӣ бо созмонҳои бонуфуз буданд.

Яке аз натиҷаҳои асосии ҳамоиш далели он буд, ки роҳбарони панҷ кишвар уҳдадории худро ба қарорҳои қаблан қабулшуда, дар бораи идоракунии муштарак ва системавӣ, инчунин истифодаи оқилонаи захираҳои об ва ҳифзи муҳити зист дар ҳавзаи баҳри Арал бо назардошти манфиатҳои ҳамаи ҷонибҳо дар принсипҳои ҳамсоягии нек ва эҳтироми тарафайн тасдиқ карда, зарурати рушди минбаъда ва таҳкими муносибатҳои ҳамкории баробарҳуқуқ ва судмандро ҷонибдорӣ намуданд.

Ҷумҳурии Туркманистон ҳамкориҳоро дар ҳалли чунин масъалаҳои муҳим, аз қабили беҳтар намудани вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва экологии минтақаи баҳри Арал, истифодаи оқилонаи об, ҳифзи муҳити зист ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим фаъолона пеш мебарад.

Бо татбиқи барномаҳо ва лоиҳаҳои миқёси калони миллӣ дар соҳаҳои мухталиф, Ҷумҳурии Туркманистон онҳоро бо ҷузъи экологии ҳадафҳои рушди устувор мувофиқ кунонида, саъй менамояд, ки таҷрибаи мавҷуда ва

иқтидори эҷодӣ барои манфиати умум ва ҳалли саривақтии мушкилоти миллию минтақавии экологӣ амалӣ карда шавад.

Ҳамзамон, Ҷумҳурии Туркманистон бо бисёр созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла ЮНИСЕФ, ҳамкории зич намуда, барои бартарафсозии масоили экологӣ ва хубу беҳтар намудани муҳити зист ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам минтақавӣ кӯшишҳои зиёде намуда, бо ҷомеаи ҷаҳонӣ муносибати тарафайни судмандро бобати татбиқи натиҷабахши ҳадафҳои дар соҳаи экология пешбинишуда ба роҳ мондааст.

Тибқи санадҳои меъёрию ҳуқуқии қабулгардида, яке аз самтҳои муҳимтарини сиёсати экологии Ҷумҳурии Туркманистонро беҳтар намудани шароити муҳити зист ҷиҳати беҳдошти саломатии аҳолӣ ташкил менамояд. Ҳифзи саломатии аҳолӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии ин давлатро ташкил медиҳад, ки татбиқи босамари он аз татбиқи босамари сиёсати экологӣ ва беҳдошти ҳолати муҳити зист вобаста аст. Рушди соҳаи тандурустӣ ва тарбияи насли наврас аз ҷиҳати ҷисмонӣ танҳо дар шароити мусоиди муҳити зист ва орӣ аз мушкилоти экологӣ имконпазир аст.

Бо ин мақсад, дар Ҷумҳурии Туркманистон Қонунҳо “Дар бораи ҳифзи саломатии аҳолӣ” [10], “Дар бораи таъмини бехатарӣ ва сифати хӯрок” [9] қабул гардидаанд, ки ҳадаф аз онҳо фароҳам овардани шароити мусоиди инкишофи ҷисмонию ақлонӣ ва ҳифзи муҳити экологии табиат мебошад.

Тавре маълум аст, мушкилиҳои экологӣ, махсусан, мушкилоти имрӯзаи баҳри Арал пеш аз ҳама ба сатҳу сифати саломатии аҳолӣ таъсири зиёди манфӣ расонида, пайомадҳои ногувори иҷтимоиро дар худ дорад.

Дар маҷмуъ, мушкилоти мураккабтарини экологии Ҷумҳурии Туркманистон тавъам ба масоили об буда, дурнамои рушди устувори он аз ҳалли масоили муҳити зист вобастагии ҳамаҷониба дорад.

Масъалаи биёбоншавии заминҳои кишт, норасоии оби тозаи нӯшокӣ, оби кишоварзӣ, хушкшавии баҳри Арал, ки дар маҷмуъ ба сатҳ ва сифати зиндагии аҳолии ин кишвар таъсири зиёди манфӣ расонида истодаанд, тавъам ба масоили об мебошанд. Ҳалли онҳо аз ҳалли масоили об дар минтақа вобаста

аст. Яъне, масоили миллии экологии Ҷумҳурии Туркманистон ҳамбаста ба масоили экологии минтақа мебошанд ва ҳалли онҳо бештар аз ҳамгироии минтақавӣ вобаста аст, на аз талошҳои бевоситаи ҷониби Туркманистон.

Дар қатори дигар кишварҳои минтақа Ҷумҳурии Қирғизистон низ дорои мушкилоти хосаи миллии экологӣ буда, ҷиҳати бартараф сохтани онҳо сиёсати густурдаи экологиро таҳия ва татбиқ намуда истодааст.

Мушкилоти асосии экологӣ дар Қирғизистон дар Консепсияи амнияти экологии Ҷумҳурии Қирғизистон аз соли 2007 ва дар дигар ҳуҷҷатҳои фарогири сиёсати экологӣ, ба монанди “Ҳисоботи миллии Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи татбиқи Конвенсияи СММ оид ба мубориза бо биёбоншавӣ” [198], “Стратегияи рушди кишвар барои солҳои 2018-2040” [49], “Стратегия гуногунии биологӣ” (2002), инъикоси худро ёфтаанд. Санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ фарогири сиёсати экологии Ҷумҳурии Қирғизистон дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ мебошанд. Имрӯз Ҷумҳурии Қирғизистонро мушкилоти гуногуни экологӣ, махсусан, тағйирёбии ҷаҳонии иқлим, биёбоншавӣ, аз гардиши кишоварзӣ баромадани заминҳои кишт, аз даст додани гуногунии биологӣ фаро гирифтаанд: “Қирғизистон мушкилоти тағйирёбии ҷаҳонии иқлимро эътироф кард ва соли 2003 Протоколи Киото ва Конвенсияи Чаҳорчӯби СММ оид ба тағйирёбии иқлимро ба тасвиб расонд Тахмин мекунанд, ки бахши энергетикии кишвар, тақрибан, аз се ду ҳиссаи ҳаҷми умумии партови гази карбонатро бар уҳда дорад ва дар эҳтимол аст, ки ин микдор дар натиҷаи зиёд гардидани ҳаҷми истеҳсоли нерӯи барқ афзоиш ёбад” [49].

Дар “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Қирғизистон”, ки барои солҳои 2018 – 2040 қайд гардидааст, ки: “дар робита бо тағйирёбии ҷаҳонии иқлим дар Қирғизистон, мушкилиҳои мураккаб ба вуҷуд омада истодаанд. Масоҳати ишғолкардаи пиряххо вақтҳои охир 20% коҳиш ёфтааст ва пешгӯйӣ карда мешавад, ки пиряххо дар ин кишвар то соли 2100 нобуд мешаванд. Қирғизистон мушкилоти умумиҷаҳонии коҳиши қабати озонро эътироф кард

ва соли 2000 Протоколи Монреал оид ба моддаҳои қабати озонро ба Конвенсияи Вена оид ба ҳифзи қабати озон ба тасвиб расонд” [49].

Ҳамзамон Ҷумҳурии Қирғизистон ба мушкилоти шадиди биёбоншавӣ рӯ ба рӯ гардида, соли 1999 ба Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба мубориза бо биёбоншавӣ ҳамроҳ гардид. Биёбоншавӣ таҳдиди воқеӣ барои Қирғизистон аст. “Тибқи Стратегияи рушди кишвар барои солҳои 2018-2040, аз 10,6 миллион гектар замини кишоварзӣ, зиёда аз 88% таназзул ёфта, ба биёбон мубаддал гашта истодаанд. Майдонҳои шӯршавии хокҳо афзуда, 75%-и тамоми заминҳои корамро фаро гирифтаанд ва тақрибан нисфи чарогоҳҳо сифати худро аз даст додаанд” [49].

Дар стратегияи мазкур чунин оварда шудааст: “Аз ҷиҳати гуногунии биологӣ, Қирғизистон дар ҷаҳон мавқеи намоёнро ишғол мекунад: он тақрибан 1% намудҳои маълумро дар бар мегирад, дар ҳоле ки масоҳати он танҳо 0,13% масоҳати заминро ташкил медиҳад” [49]. Тибқи ҳамин Стратегия ва Нақшаи чорабиниҳо оид ба ҳифзи гуногунии биологӣ, таҳдидҳо ба гуногунии биологӣ бо фаъолиятҳои антропогенӣ алоқаманданд ба мушоҳида мерасад. Талафоти гуногунии биологӣ ва тағйирёбии онҳо, пароკандагии ҷамоаҳои табиӣ дар натиҷаи истифодаи аз ҳад зиёди ҷамъоварӣ, фавти мустақим, ҷорӣ намудани намудҳои ғайримоддӣ, ифлосшавии муҳити зист ва иқлимро дар бар мегиранд.

Дар Консепсияи амнияти экологии ин кишвар дарҷ гардидааст, ки: “сабабҳои табиии нестшавии гуногунии биологӣ дар Қирғизистон биёбоншавӣ ва тағйирёбии иқлим мебошанд. Қирғизистон мушкилоти гуногунии биологиро эътироф кард ва соли 1996 ба Конвенсия оид ба гуногунии биологӣ пайваст” [255, с. 4]. Мушкилоти дигари экологии аҳамияти минтақавидоштаи Қирғизистон партовҳо аз саноати маъдан мебошанд: “Партовҳои саноати кӯҳӣ ба муҳити зисти ҳам Қирғизистон ва ҳам кишварҳои ҳамсоя таҳдиди мустақим доранд. Саноати истихроҷи маъдан, ки дар баландиҳои дар муҳити нозуки табиати кӯҳҳо ҷойгир аст, садҳо миллион тонна партовҳоро ба муҳити зист мепартоянд, ки манбаи доимо ифлос кардани муҳити атроф бо металлҳои

вазнин, маводи радиоактивӣ ва сианидҳо мебошанд. Қисми зиёди партовҳои саноатии истихроҷи маъдан дар ҳавзаҳои дарёҳо ҷойгиранд ва азбаски Қирғизистон як минтақаи дорои офатҳои табиӣ, аз қабили заминҷунбиҳо ва ярчҳо мебошад, хавфи ифлосшавии марзӣ онро таҳдид мекунад. Аҳолии эҳтимолан осебдида дар Қирғизистон ва минтақаҳои наздисарҳадии Қазоқистон, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон 5 миллион арзёбӣ мегардад” [225, с. 57].

Солҳои охир ифлосшавии ҳаво ҳамчун як мушкили асосии маркази шаҳрҳо афзоиш ёфтааст. Манбаъҳои асосии ифлосшавии ҳаво дар Ҷумҳурии Қирғизистон тибқи манбаъҳои муътамад инҳо ба шумор меравад: “...бахши энергетика ва масолеҳи сохтмонӣ, саноати маъдан ва коркарди маъдан, истифодаи ангишт ва нақлиёт мебошанд. Бад шудани сифати ҳаво бо истифодаи бештари ангишт дар нерӯгоҳҳои барқӣ ба ҷойи гази табиӣ, истифодаи сӯзишвории пастсифат дар хонаводаҳо ва афзоиши шумораи нақлиёт, махсусан, шумораи зиёди нақлиёти куҳна алоқаманд аст. Дар баробари ифлосшавии ҳаво дар ин кишвар ифлосшавии об низ ба мушоҳида мерасад, ки бо назардошти аз ҷиҳати захираҳои об бой будани Қирғизистон ин ҳолат таҳдиди ҷиддии экологӣ натанҳо барои вай, балки барои тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ маҳсуб меёбад. “Манбаъҳои асосии ифлосшавии об партовҳои истеҳсолӣ, оби ифлос аз соҳаи кишоварзӣ, оби партови хонагӣ, шустушӯи партовҳо ва истихроҷи маъдан мебошанд. Системаҳои ҷамъоварии обҳои шаҳрӣ танҳо тақрибан 70%-и тамоми оби партови шаҳрро ҷамъ мекунанд. Танҳо 20%-и оби ифлос ба иншооти тозакунӣ партофта мешавад. Мушкилоти дигар ин паст будани сатҳи шабакаи мониторинги обҳои рӯйизаминӣ мебошад, ки дар давоми 20-25 соли охир ба таври назаррас таназзул ёфтааст” [49].

Ҷумҳурии Қирғизистонро инчунин мушкилоти экологии таназзули системаҳои экологии кӯҳҳо таҳдид менамояд. Қирғизистон як кишвари кӯҳист, ки 90% қаламрави он дар баландии зиёда аз 1500 метр ҷойгир аст [248]. Фишори бузурги техногенӣ ба экосистемаҳои нозуки кӯҳҳо аз лоиҳаҳои

истихроҷ ва инфрасохтор, инчунин бахши кишоварзӣ як қатор офатҳои табииро номутаносиб суръат бахшид.

Мушкилоти дигар ва нисбатан мураккаби экологӣ идоракунии партовҳои сахти саноатӣ дар ин кишвар мебошад. “Дар Қирғизистон 92 корхонаи истихроҷи маъдан мавҷуданд, ки дорои 250 миллион метри мукааб партовҳои заҳролуд ва радиоактив мебошанд” [255]. Аз соли 1999 то 2007 масоҳати ин мавзеъҳо аз 189,3 гектар ба 381 гектар афзоиш ёфт. Ҳамзамон идоракунии партовҳои маишӣ низ ба талаботи санитарию экологӣ ҷавобгӯ нест ва партовгоҳҳои дурусти партовпартоӣ вуҷуд надоранд. Масалан, дар партовгоҳи шаҳри Бишкек, ки барои 3,3 миллион метри мукааб пешбинӣ шудааст, дар ҳоли ҳозир 24 миллион метри мукааб партовҳои маишӣ мавҷуданд [256].

Бисёре аз мушкилиҳои экологие, ки таъкидашон дар Ҷумҳурии Қирғизистон рафт, хоси Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мебошанд.

Сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ба таъмини бартариҳои манфиатҳои экологии ҷамъиятӣ бо назардошти пайвастагии илман асосноки инкишофи фаъолияти хоҷагӣ ва муносибатҳои он, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва ҳифзи кафолатноки ҳуқуқи инсон барои муҳити солиму мусоиди зиндагӣ нигаронида шудааст” “Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати ҳамкории васею самарабахши байналхалқиро бо мақсади эмин доштани табиати замин ва муқаррар намудани амнияти умумӣ ва пурраи экологии ҷомеаи ҷаҳонӣ ба асос мегирад” [185, с. 103].

Дар баробари мушкилоти экологие, ки омили асосии онҳо фаъолияти бевоситаи инсон ва муносибати нодурусти он ба табиат мебошад, инчунин мушкилоти дигари табиӣ низ ба монанди заминҷунбӣ, ярч, тарма, обхезӣ, сел ва ғайра таҳдид мекунад, ки ҳамасола ба саломатии одамон таҳдид намуда, зарари зиёди моддӣ расонида, талафоти ҷониро низ дар пай доранд.

Мушкилоти дигари экологӣ офатҳои табии марбут ба об мебошанд, ки тибқи маълумоти мавҷуда дар Тоҷикистон солона тақрибан 50000 ярч ба қайд гирифта мешавад [93]. Ба асари чунин ҳодисаҳо дар минтақаҳои осебпазири кишвар талафоти ҷонӣ ба қайд гирифта шуда, миллионҳо сомонӣ хисороти

иқтисодию молиявӣ ҳам ба сокинон ва ҳам ба давлат мерасад. Дар баробари ин муҳити табиӣ вайрон гардида, зарурати кӯчонидан ва бунёди маҳалҳои нави аҳолинишин ба вуҷуд меояд. Дар таърихи даҳсолаи охир бар асари селу ярч даҳҳо маҳаллаҳои аҳолинишин, махсусан, дар ноҳияҳои Хуросон, Ҳамадонӣ, Фархор, Панҷ, Айнӣ, Ҷомӣ, шаҳри Кӯлоб, Ишкошим ва дигар маҳаллаҳои аҳолинишин ба пуррагӣ аз байн рафта, барои осебдидагон маҳаллаҳои нав бунёд карда шудаанд, ки ин ҳолат хароҷоти азими молиявиро ба миён овард.

Масъалаи дигари мураккаби экологӣ биёбоншавӣ ва коҳишёбии гуногунии биологӣ дар кишвар мебошад, ки ин мушкилот низ вазъи экологӣ ва муҳити зистро печида гардонидааст.

Бо назардошти ин, саҳми Давлати Тоҷикистон дар ҳалли мушкилоти экологӣ назаррас аст. Муҳимтарин ташаббусҳои байналмилалии Кишвари Тоҷикистон аз замони соҳибистиқлол гаштан то кунунро метавон ба қисмҳои зерин ҷудо кард, ки аксарияти онҳо дар соҳаи об мебошанд. Баҳромзода, М.З. дар китоби худ “Ташабусҳои глобалии Тоҷикистон оид ба масоили об” [108] ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистонро чунин овардааст:

•“Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Иҷлосияи 54-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид (1 октябри 1999)-эълон намудани соли 2003-Соли оби тоза. Дар асоси ин ташаббус 20 сентябри соли 2000 дар Иҷлосияи 55-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид соли 2003 ҳамчун соли байналмилалии оби тоза эълон карда шуд.

•Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба эълон намудани солҳои 2005-2015 ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои ҳаёт”. 23 декабри соли 2003 Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид дар асоси Эъломияи Душанбе Қатъномаи дахлдорро қабул карда, солҳои 2005-2015-ро ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои ҳаёт” эълон кард.

•Пешниҳод оид ба таъмин намудани кишварҳои Осиёи Марказӣ бо оби тоза тавассути таъсис додани Консортсиуми байналмилалӣ доир ба истифодаи оби кӯли Сарез.

•Ташаббус оид ба Бунёди байналмилалии ҳифзи пиряхҳо. Ин масъала аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Форуми 3 - юми Ҷаҳонӣ доир ба иқлим 31 август - 4 сентябри соли 2009 дар шаҳри Женева, сипас дар Конфронси 15-уми ҷонибҳои Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйироти иқлим дар Копенгаген 7 - 8 декабри соли 2009 пешниҳод гардида буд;

•Эълон намудани соли 2013 – Соли байналмилалии ҳамкориҳо дар соҳаи об;

•Пешниҳоди даҳсолаи байналмилалии амал "Об дар бораи рушди устувор", солҳои 2018 – 2028" [108, с. 41-42];

Ин пешниҳодҳо ва ташабусҳои глобалии Тоҷикистон аз тарафи ҷомеаи башарӣ дастгирии ҳамаҷониба ёфтааст. Пешнҳоди дигари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин самт чунин аст: "3 – юми марти соли 2021 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқоти якуми Панели сатҳи баланд оид ба масъалаҳои об ва иқлим, ки тариқи видеоконференсия баргузор гардид, иштирок карда, доир ба масъалаҳои об ва иқлим суханронӣ намуданд. Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод карданд, ки соли 2025-ум Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо эълон гардида, санаи "Рӯзи ҷаҳонии ҳифзи пиряхҳо" муайян карда шавад" [257].

"14 декабри соли 2022 Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид ташаббуси панҷуми Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи об якдилона бо қабули қатъномаи махсуси худ тасдиқ намуд.

Тибқи ин санади муҳим, аввалан, соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо эълон карда шуд.

Дуввум ин, ки аз оғози соли 2025 минбаъд ҳар сол рӯзи 21 март ҳамчун Рӯзи ҷаҳонии пиряхҳо таҷлил карда мешавад" [74].

Давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон барои расидан ба ҳадафҳои ҳамоҳангшудаи ҷомеаи байналмилалӣ дар масъалаи тағйири иқлим ва ҳифзи пиряхҳо бо дарназардошти имкониятҳои молиявию иқтисодии худ ва

дастгирии ҷомеаи ҷаҳонӣ минбаъд низ саҳми бевоситаи худро дар самти кам кардани оқибатҳои манфии тағйирёбии иқлим хоҳад гузошт.

Хулоса, таснифоти сиёсати миллии экологии кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ нишон дод, ки бисёре аз масоили миллии экологии давлатҳо ҷанбаи минтақавӣ доранд ва натанҳо марзҳои миллӣ, инчунин марзҳои минтақаро низ убур менамоянд.

Дар маҷмуъ, масъалаҳои миллии экологии давлатҳо ба муҳити зисти ҳамдигар дар ҳар ҳолат таъсири зиёд мерасонанд ва мақсаду ҳадафҳои кишварҳои минтақа ба ҳам монанд буда, ҳамранганд.

Ин ҳолат ҷиҳати таҳияи стратегияи ягонаи амал дар соҳаи экология ва ҳифзи муҳити зистро осон ва содда намуда, ҳамоҳангӣ ва мураттабии таҳия ва пешбурду татбиқи сиёсати минтақавии экологиро натиҷабахш месозад. Бо назардошти ин, иҷрои амалҳои зеринро зарур мешуморем:

1. Ташкил намудани стратегияи ягонаи минтақавии экологӣ бо назардошти заминаи сиёсати миллии экологии кишварҳои минтақа;

2. Ба инобат гирифтани зарфиятҳо ва ягонагии масоили миллии экологии кишварҳои минтақа;

3. Инъикос ва омӯзишу татбиқи таҷрибаҳои муваффақи сиёсати миллии экологии кишварҳо дар сатҳи минтақа;

4. Муайян кардани манбаъҳои таҳдидҳои миллӣ ва минтақавии экологӣ ва пешбинӣ намудани роҳҳои пешгирии хатарҳо дар стратегияи минтақавии экологӣ;

5. Ҳамоҳангсозии сиёсати миллии экологӣ бо ҳадафҳои сиёсати минтақавии экологӣ.

## 2.2. Моҳият ва хусусиятҳои сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Марказӣ

Дар ҷаҳони муосир масъалаҳои экологӣ аз ҳаёти фарҳангию иҷтимоии ҷомеа то сатҳи амнияти давлатӣ ва пойдории сулҳу субот таъсири бевосита мерасонад. Дар Осиёи Марказӣ масоили экологӣ ба масоили ҳаётӣ иртиботи

қавӣ дошта, сулҳу субот, амният ва ваҳдату ягонагӣ аз ҳалли мушкилоти экологӣ пайвастагии ногусастанӣ доранд. Амнияти миллӣ ва минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ бо амнияти минтақавии экологӣ бевосита алоқамананд ва кӯшишу талоши якҷояи тамоми давлатҳои минтақаро тақозо менамояд. Мушкилоти ҳифзи муҳити зист ва фароҳам овардани шароити мусоиди зист барои аҳолии минтақа ҳоло андешидани чораҳои пешгирикунанда ва эҷоди заминаи устувори ҳуқуқии ҳамкориҳои кишварҳои Осиёи Марказиро талаб менамояд.

Дар замони ҳозира ҳамкориҳои минтақавӣ ва байналмилалии кишварҳои Осиёи Марказӣ вобаста ба масоили экологӣ ва ҳифзи муҳити зист дар асоси санадҳои меъёрию ҳуқуқии зиёде сурат мегирад, ки онҳо заминаи воқеии ташаккули сиёсати минтақавии экологии ин давлатҳоро ташкил менамоянд. Раванди таҳия ва қабули санадҳои меъёрию ҳуқуқии инъикоскунандаи сиёсати ягонаи минтақавии экологӣ, миёни давлатҳои Осиёи Марказӣ, асосан аз солҳои 90-уми асри XX сурат гирифта, то ҳанӯз идома дорад. Номгӯйи ин санадҳо чунин мебошад: Созишнома байни ҳукуматҳои давлатҳои аъзои ИДМ "Дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи гидрометеорология" [69]; Созишнома байни Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркманистон "Дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи идоракунии муштараки истифода ва ҳифзи манбаъҳои обии байнидавлатӣ" [62]; Созишнома байни Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Туркманистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон "Дар бораи амалиёти муштарак оид ба ҳалли мушкилоти баҳри Арал ва минтақаи баҳри Арал, барқарорсозии муҳити зист ва таъмини рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаи Арал" [60]; Эъломияи Нексус "Дар бораи кишварҳои Осиёи Марказӣ ва созмонҳои байналмилалии рушди устувори ҳавзаи баҳри Арал" [73]; Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҳукумати Ҷумҳурияти Ӯзбекистон "Дар бораи фаъолияти муштарак оид ба барқароркунии қитъаҳои партовҳо ва партовгоҳҳои ҷинсҳои кӯҳӣ, ки таъсири фаромарзӣ доранд" [64]; Созишнома

“Дар бораи назорати гардиши байнисарҳадии партовҳои хатарнок ва дигар партовҳо” [53]; Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон “Дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи табиат” [66]; Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон “Дар бораи истифодаи захираҳои обию энергетикии ҳавзаи Сирдарё” [65]; Созишнома “Дар бораи принсипҳои асосии ҳамкорӣ дар соҳаи истифодаи оқилона ва ҳифзи обанборҳои сарҳадии кишварҳои узви ИДМ”; Қарори сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ “Дар бораи тасдиқи Низомномаи Фонди байналмилалии наҷоти Арал ва Созишнома дар бораи мақоми ФБНА ва ташкилотҳои он” [14]; Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон “Дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи гидрометеорология” [67]; Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон “Дар бораи фаъолияти мувозии системаҳои энергетикии кишварҳои Осиёи Марказӣ” [68]; Созишнома “Дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи мониторинги экологӣ” [56]” Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон “Оид ба истифодаи иншооти обӣ барои истифодаи байнидавлатӣ дар дарёҳои Чу ва Талас” [63]; Созишнома “Дар бораи шароити кории Маркази минтақавии экологии Осиёи Марказӣ” [59]; Созишнома “Дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи таъсири фаъол ба равандҳои метеорологӣ ва геофизикӣ” [58]; Созишнома байни Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи таъсиси Созмони “Ҳамкории Осиёи Марказӣ” [61]; Созишномаи байналмилалӣ “Дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зисти давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил” [70]; Созишнома “Дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои фалокатҳои табиӣ ва техногенӣ” [57]; Созишнома “Дар бораи ҳамкории иттилоотӣ дар соҳаи экология ва ҳифзи

муҳити зист” [54]; Созишнома “Дар бораи ҳамкориҳои сарҳадӣ дар соҳаи омӯзиш, азхудкунӣ ва ҳифзи сарватҳои зеризаминӣ” [55] ва ғайраҳо.

Тавре маълум гардид, барои роҳандозӣ ва татбиқи босамари сиёсати минтақавии экологӣ дар Осиёи Марказӣ тамоми заминаҳои меъёрию ҳуқуқӣ фароҳам оварда шуда, дар ин баробар ниҳодҳо ва субъектҳои пешбаранда ва амалисозандаи сиёсати экологӣ дар минтақа ба таври комил фаъолият намуда истодаанд. Бо назардошти шароит ва вазъи экологии ҷаҳони муосир фароҳам овардани заминаҳои ҳуқуқӣ ин танҳо аввали кор аст. Барои ноил гардидан ба натиҷаҳои назаррас ва ҳалли пурраи мушкилоти экологӣ дарёфти роҳу воситаҳо ва заминаҳои дигар низ лозим аст:

1. Таҳияи механизмҳои самарабахши санадҳои меъёрию ҳуқуқии зикргардида;

2. Фароҳам овардани заминаҳои молиявию маблағгузорӣ;

3. Равона намудани сарчашмаҳои молиявӣ бевосита ба ҳалли масоили экологӣ, на ба “воситаҳо”-и ҳалли мушкилоти экологӣ;

4. Ҷалби бештари институтҳои илмӣ – таҳқиқотӣ;

5. Беҳтар сохтани заминаҳои техникӣ барои пешгӯйии паёмадҳои ногувори мушкилоти экологӣ ва сар задани мушкилоти нави экологӣ;

6. Танзими масъалаҳои демографӣ, обёрӣ, кишоварзӣ;

7. Коркарди роҳу усулҳои огоҳӣ ва таъсиррасонӣ ҳангоми риоя нагардидани талаботи санадҳои меъёрию ҳуқуқии қабулгардида.

Хусусияти аввалиндараҷаи масоили экологии давлатҳои Осиёи Марказӣ дар он ифода меёбанд, ки онҳо тавъам ба тамоми минтақа мебошанд ва таҳияи сиёсати ягонаи экологиро тақозо менамоянд. Бисёре аз мушкилоти экологии минтақаро наметавон дар доираи сарҳадҳои маъмурӣ ҳаллу фасл намуд, чунки онҳо сарҳади минтақавӣ доранд. Минтақаро таҳдидҳои якхела, ягона ва умумии экологӣ таҳдид мекунад:

1. Нобудшавии тадриҷии олами ҳайвонот;

2. Тамоюли хатари аз байн рафтани олами набототот;

3. Аз ҳад зиёд заҳролудшавии кимёвии заминҳои ҳосилхез ва хориҷ кардани онҳо аз ҳисоби заминҳои кишт;

4. Истифодаи ғайриоқилонаи захираҳои об;

5. Ифлосшавии захираҳои обҳои рӯизаминӣ ва зеризаминӣ;

6. Ифлосшавии фазои ҳавоӣ;

7. Хушкшавии баҳри Арал;

8. Обшавии пиряххо ва камшавии оби дарёҳо;

9. Зиёдшавии талабот ба об ва маводи озуқаворӣ.

Барои татбиқи сиёсати босамар ва бехатар дар соҳаи экология талошҳои давлатҳо ҳам дар шакли дуҷониба ва ҳам бисёрҷониба оид ба масъалаҳои ҳамоҳангсозии сиёсати гидроэнергетикӣ ва аграрию обёрӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои оби тоза муҳим мебошанд. Дар ин ҳолат, истифодаи технологияҳои муосири обёрии қатрагӣ, истифодаи системаҳои махсуси обёрӣ, қубурҳо барои обёрии саҳроӣ ба ҷойи рахнашавии канал ва ғайра муҳим аст. Дар шароити ҷаҳонишавӣ, масъалаи шадид тадриҷан аз байн рафтани экосистемаи таърихӣ ва этнографӣ, ки дар онҳо фарҳанги анъанавии халқҳои минтақа ташаккул ёфтааст, нақши тақсимоти таърихии меҳнат дар шароити иқлими Осиёи Марказӣ коҳиш ёфт. Минтақаи махсуси хавф барои суботи минтақа водии Фарғона мебошад, ки дар он шумораи зиёди аҳолӣ, норасогии замин ва ҷойи зист, об, маводи озуқаворӣ дар баробари мушкилоти экологӣ инкишоф ёфта истодаанд, ки ҳамаи он дар пайи фаъолияти бенизоми хоҷагидорӣ ба вуҷуд омадаанд. Мисли тамоми минтақаҳои дигари ҷаҳон, экосистемаи минтақаи Осиёи Марказӣ низ аз ифлосшавии атмосфера дар пайи партовҳои ифлоскунандаҳои зараровар (оксиди карбон, метан ва ғайра), ки қабати озонро хароб мекунад ва боиси зуҳури таъсири гармхонаӣ ва гармшавии иқлим мегарданд, ранҷ мебарад. Коршиносон ва муҳаққиқони соҳаи экология ва дигар соҳаҳои ба он алоқаманд ба он назаранд, ки ин партовҳо бевосита бо обшавии пиряхҳо, хушксолии шадид, биёбоншавӣ, нест шудани гуногунии биологӣ, кам шудани ҷараёни дарёҳо, аз ҳад зиёд шудани боришот ва ба вуҷуд омадани тӯфони хок ва ғайра оварда мерасонанд.

Пешбинӣ шудааст, ки то солҳои 2030-2050 дар Осиёи Марказӣ ҳарорат 1-3 дарача боло хоҳад рафт. Тавре ки маълум аст, бо гармшавӣ ҷараёни бухоршавӣ аз сатҳи обҳои уқёнусҳо, баҳрҳо, кӯлҳо ва обанборҳо ногузир меафзояд. Ин метавонад боришоти аллакай муқарраршуда дар кӯҳҳоро зиёд кунад. Эрозияи нишебиҳои кӯҳӣ меафзояд, хамидани ярчҳо зиёд мегардад. Шиддати таҳшиншавии обанборҳо афзоиш меёбад. Барои ҷамъоварии ҷараёни афзояндаи ҷинсҳои моеъ ва сахт, олимон пешниҳод мекунанд, ки бо мақсади пешгирии ин раванд ҳаҷми обанборҳои калон зиёд карда шаванд [163].

Масъалаи таъсири газҳои гулхонаӣ бо тамоюли интиқоли "технологияҳои ифлос" ба Осиёи Марказӣ зич алоқаманд аст, ки бо сабабҳои молиявию иқтисодӣ давлатҳои минтақа ҳанӯз барои истифодаи технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ безарар имконияти комил надоранд. Дар чунин шароит, таҳия ва татбиқи сиёсати густурдаи минтақавии экологӣ лозим аст, ки андешидани чораҳои пешгирикунандаро оид ба коҳиш додани пайомадҳои манфии мушкилоти экологӣ ва пешгӯии онҳо дар бар гирад. Масъалаи муҳимми экологӣ дар Осиёи Марказӣ мушкилоти партовҳои радиоактивӣ мебошад, ки аз замони Иттиҳоди Шуравӣ ба мерос мондааст. Тавре маълум аст, бисёре аз иншоотҳои саноатӣ ва соҳаи кишоварзӣ дар минтақа ба коркарди ашёи хом нигаронида шуда буданд, ки дар пайи он аз асри гузашта дар Осиёи Марказӣ тибқи маълумоти мавҷуда тақрибан 22 миллиард тонна партовҳои сахти ҷинсҳои кӯҳӣ мавҷуданд [250], ки баъзеи онҳо ба монанди партовҳои коркарди маъдани уран хавфноканд. Чуноне ки маълум аст: "...дар давоми солҳои мавҷудияти ИҶШС дар соҳаи саноати истихроҷу истеҳсолот ва коркарди маъданҳои кӯҳӣ миқдори аз ҳад зиёди канданиҳои зеризаминӣ ва ҷинсҳои кӯҳиро истихроҷ мекарданд, ки танҳо як қисми кам 5-10% -и он ҳамчун ашёи хоми фоиданок истифода мегардид ва қисми асосии он дар партовгоҳҳо ва майдонҳои кушод боқӣ мемонданд" [250]. Дар замони ҳозира, бо вуҷуди тадбирҳои андешидашуда, партовгоҳҳои корхонаҳои саноатии истихроҷкунӣ ва коркарди маъданҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати вазнин қарор дошта, дар онҳо партовҳои асосии ифлоскунандаи радионуклидҳо - уран,

радий, полоний, торий, сурма ва симоб мавҷуд мебошанд. Бо дарназардошти он, ки Тоҷикистон дар минтақаи фаъоли сейсмикӣ ҷойгир мебошад, инчунин бо сабаби боридани боронҳои тӯлонӣ, обхезию сел, тармафарой, равандҳои ярч, хатари ифлосшавии муҳити зист бо оқибатҳои манфӣ хеле баланд аст. Имрӯзҳо дар қаламрави Тоҷикистон зиёда аз 22 партовгоҳҳои ҷинсҳои кӯҳӣ мавҷуд аст [250], ки онҳо унсурҳои радиоактивӣ доранд. Ин партовгоҳҳо бо миқдори беш аз 210 миллион тонна партовҳо, ки аз онҳо 55 миллион тонна партовҳои радиоактивӣ, масоҳати зиёда аз ҳазор гектарро фаро мегиранд [250]. Нигоҳдории манбаҳои радиоактивӣ дар иншоотҳо дар анборҳои махсуси нигоҳдорӣ бо назардошти фаъолияти онҳо сурат мегирад. Аз сабаби мушкилоти иқтисодӣ тадбирҳои ҳифзи муҳити зист кифоя нестанд ва ба талаботи санитарӣ ҷавобгӯ нестанд. Дар ин ҷо барои азнавсозии иншооти ҷумҳуриявии партовҳои радиоактивӣ, воқеъ дар ноҳияи Файзобод, дар наздикии шаҳри Душанбе, кӯмаки донорӣ лозим аст. Ин иншоот соли 1962 ба истифода дода шудааст [250]. Соли 2004 бо кӯмаки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико сохтмони бинои партовҳо ба охир расид.

Мувофиқи маълумоти кормандони Агентии амнияти ядрой ва радиатсионии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои барқарорсозӣ ва фаъолияти пурраи иншооти ҷумҳуриявии партовҳои радиоактивӣ маблағи калон лозим аст. Корҳо оид ба барқароркунии партовгоҳҳои уран ва кӯчонидани сокинон аз минтақаи хатарнок вуҷуд надоранд. Моддаҳои радиоактивӣ доимо берун меоянд ва консентратсияи онҳо дар хок ва оби вилояти Суғд бо суръат меафзоянд. Ғайр аз он, ин иншоотҳо дар наздикии обанборҳо - обанбори Қайроққум ва дарёи Сир ҷойгир буда, ба истиснои Тоҷикистон, ба қаламрави Ӯзбекистон, Туркманистон ва Қазоқистон ҷорӣ мешаванд. Вазъияти мавҷуда аз он ҷиҳат шиддат мегирад, ки партовҳо дар вилояти Суғд манбаи хориҷшавии гази радиоактивӣ - радион мебошанд.

Ҳамасола танҳо дар вилояти Суғд шумораи беморони саратон, ки қисми зиёди онҳо кӯдакон ва наврасон мебошанд, ба таври назаррас меафзояд. Бисёре аз сокинон аз бемориҳои гепатит ва сил азият мекашанд. Шабеҳи ин

ҳолат партовгоҳҳо дар наздикии деҳаи Адрасмони шаҳри Табошар дар вилояти Суғд низ мебошанд. Ин манбаъҳои радиатсионӣ боиси нигаронии махсус мебошанд, зеро онҳо дар наздикии нуқтаҳои аҳолинишин ва инчунин дарёҳои хурд ҷойгир шудаанд. Дар ин минтақа оби нӯшокӣ ва саноатӣ қариб ки вуҷуд надорад ва аҳолӣ оби ифлосшударо барои обёрӣ ва нӯшокӣ истифода мебаранд. Тақрибан 70%-и тамоми аҳолии шаҳри Табошар аз бемориҳои сипаршакл ранҷ бурда, фавти кӯдакон, иллатҳои модарзодӣ ва исқоти ҳамл дар байни сокинони деҳаҳои кӯҳнаи Табошар, Иззали, Каттаоличичи ноҳияи Ғафурови вилояти Суғд босуръат меафзоянд [226].

Чунин ҳолат дар кишварҳои дигари Осиёи Марказӣ низ ба назар расида, то ҳол талошҳои давлатҳои абарқудрат дар бораи тарҳрезии заминаҳои техникӣ ҷиҳати фаъолият дар соҳаи яроқи ҳастаӣ идома дорад. Тибқи маълумоти мавҷуда, баъзе аз чунин озмоишгоҳҳо дар шаҳри Алмаато таъсис ёфтааст. Дар Ӯзбекистон азнавсозии як қатор лабораторияҳои ташхисӣ ва илмӣ аз ҷониби давлатҳои дигар маблағгузорӣ гардидааст. Дар Қирғизистон Иёлоти Муттаҳидаи Амрико борҳо масъалаи ташкили биолабораторияро бардоштааст, аммо натиҷаҳои дилхоҳ ба даст наомадаанд.

Тамоюли кушодани лабораторияҳои биологӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ барои анҷом додани коркардҳои манъшудаи низомӣ - биологӣ вуҷуд доранд [204].

Дар шароити имрӯза дар баробари мушкилоти экологии қайдгардида, масоили дигари экологӣ низ давлатҳои минтақаро ба ташвиши ҷиддӣ овардааст, ки аксари онҳо ба истифодаи захираҳои об ва масоили обёрии заминҳои кишоварзӣ вобастаанд.

Бо назардошти зарурияҳои зикргардида ва мавқеи ҷойгиршавии географӣ, иқлим ва шароитҳои табиӣ, имрӯз кишварҳои Осиёи Марказӣ низ сиёсати густурдаи экологиро роҳандозӣ намудаанд.

Осиёи Марказӣ аҳамияти баланди кишоварзӣ, саноатӣ, ҳарбӣ ва геополитикиро доро буда, гуногунии иқлим ва табиат, фарҳанг, расму

анъанаҳо, забон, таърих ва хусусиятҳои хоси дигари он таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ҷалб намудааст.

Осиёи Марказӣ дар маркази қитъаи Авруосиё ҷойгир буда, дорои 3,882 ҳазор километри мураббаъ масоҳат ва зиёда аз 53 миллион нафар аҳолӣ мебошад [192]. Дар Осиёи Марказӣ давлатҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон ҷойгир мебошанд.

Айни замон, Осиёи Марказӣ нақши бузурги геополитикиро дар ҷаҳони муосир бозида, ҳамчун минтақаи занҷиравӣ Аврупо ва Осиёро ба ҳам пайваст намуда, аҳамияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва экологӣ дорад. Мавқеи марказии он дар қитъа ва ғояи он ҳамчун роҳи қадимаи "Роҳи Абрешим", ки мавқеи ҷуғрофии онро дар чорроҳаи ду фарҳанги пурқувват инъикос мекунад, ифода меёбад.

Осиёи Марказӣ бо як қатор экосистемаҳои гуногун, аз ҷумла қаторкӯҳҳои Помир, Олтой ва Тян-Шан, биёбонҳо ва даштҳои васеъ, рӯдҳои қадимӣ - Амударё, Сирдарё, Иртиш ва Или, инчунин кӯлҳои сершумор, аз ҷумла яке аз кӯлҳои калонтарини ҷаҳон Балхаш ва кӯли беназири Иссиқкӯл аз дигар гушаҳои дунё фарқ мекунад.

Осиёи Марказӣ аз захираҳои табиӣ аз ҷумла нафту газ, маъдани оҳану мис, фосфатҳо ва уран бой мебошад. Туркманистон аз рӯйи таъминоти газ дар ҷаҳон дар ҷойи сеюм аст. Ӯзбекистон бошад аз ҷиҳати коркард ва истеҳсоли тилло дар ҷаҳон ҷойи сеюмро ишғол мекунад. Кӯҳҳои Қирғизистон ва Тоҷикистон дорои захираҳои бойи оби тозаи нӯшокӣ мебошанд. Қазоқистон низ бо захираҳои бойи табиии худ маъруф аст. Ҳанӯз манзараҳои зебо, оламии набототу ҳайвонот, расму анъанаҳо, таъриху фарҳанг ва дигар гуногуниҳои фарҳангии минтақа ба таври зарурӣ омӯхта нашудааст.

Тавре сарчашмаҳои таърихӣ нишон медиҳанд, сатҳи зиндагии сокинони Осиёи Марказӣ ҳамеша аз обу замин вобаста будааст. Аммо минтақа дорои захираҳои обӣ ва табиати осебпазир мебошад. Тибқи маълумоти мавҷуда, ҳанӯз дар асри VII пеш аз мелод дар минтақа обёрӣ рушд карда, дар охири асри XIX беш аз 3,5 миллион гектар замин дар минтақа обёрӣ карда шудааст [52].

Дар тӯли таърихи худ, кишварҳои Осиёи Марказӣ дар фазои ягонаи экологии ҳавзаи баҳри Каспий ва Арал, кӯлҳои Иссиқкӯл ва Балхаш, бидуни дастрасӣ ба уқёнуси ҷаҳонӣ арзи ҳастӣ доранд. Аз солҳои 90-уми асри XX Осиёи Марказӣ бо дастгирии созмонҳои байналмилалии ташаббускор ва амаликунандаи як қатор барномаҳо, ки барои ҳалли мушкилоти муҳимми экологӣ нигаронида шудаанд, мебошад. Бисёре аз ин барномаҳо муваффақона амалӣ шудаанд, аммо бо сабаби кӯтоҳмуддат будани муҳлати амали онҳо натиҷаҳои назаррас ба даст наомад. Ба ҳама маълум аст, ки барои ҳалли масоили экологӣ таҳия ва амалӣ намудани барномаҳо ва лоиҳаҳои дарозмуддат ва роҳу усулҳои муассиру устувори ҳалли масоили экологӣ, инчунин таъсиси ниҳодҳои пуриқтидор дар ин самт зарур мебошад. Бо назардошти ин зарурат, аз ҷониби ҳукуматҳои панҷ кишвари Осиёи Марказӣ – "Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Туркманистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, инчунин Иттиҳоди Аврупо ва БРСММ, бо қарори Конфронси 4-уми умумиаврупоӣ дар соли 1998 дар Орхус (Дания) Маркази минтақавии экологии Осиёи Марказӣ таъсис дода мешавад" [246].

Маркази минтақавии экологии Осиёи Марказӣ (ММЭОМ) як созмони мустақил, ғайритиҷоратӣ, ғайрисиёсӣ ва ғайридавлатӣ буда, ба кишварҳои Осиёи Марказӣ, шарикони минтақавӣ ва байналмилалӣ дар ҳалли масъалаҳои ҳифзи муҳити зист ва рушди устувор дар минтақаи Осиёи Марказӣ мусоидат менамояд.

Имрӯз, Маркази минтақавии экологии Осиёи Марказӣ институти пешбари минтақавии донишҳо дар самти муҳити зист ва рушди устувор мебошад, ки ин марказ аз ҷониби шарикони миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ эътироф гардидааст.

Маркази минтақавии экологии Осиёи Марказӣ аз давраи оғози фаъолият тавассути идораи марказии худ воқеъ дар шаҳри Алмаатои Қазоқистон ва шабакаи хуб бароҳмондашудаи дафтарҳои кишварии ММЭОМ, ки дар пойтахти панҷ давлати Осиёи Марказӣ бомуваффақият амал мекунанд, ба

роҳбари воқеӣ дар ҳамкориҳои экологӣ дар минтақа табдил ёфтааст [241]. Дар доираи фаъолияти маркази зикргардида натиҷаҳои назаррас дар самти таъмини рушди ҳамкории минтақавӣ ба даст омада, дар ин замина бисёре аз масоили экологии минтақавӣ ҳалли худро ёфта истодаанд. Ин марказ дар таъмини ҳамоҳангии фаъолияти экологии кишварҳои минтақа ва дар ин замина тақвият ёфтани сиёсати минтақавии экологӣ нақши бориз гузошта истодааст.

Аз соли 2002 инҷониб намояндагии ММЭОМ дар Тоҷикистон фаъолияти пурсамар дорад. Самтҳои асосии фаъолият онро мусоидат ба Ҳукумати Тоҷикистон дар ҳалли масъалаҳои экологӣ ва рушди устувор, мусоидат ба ҳамкориҳои минтақавӣ ва татбиқи ташаббусҳои муштараки экологӣ ташкил менамояд. Имрӯз самтҳои афзалиятноки фаъолият маркази мазкурро дар Тоҷикистон пешбурди ислоҳоти соҳаи об ва такмили қонунгузорӣ, таҳкими ҳамкориҳои минтақавӣ барои амалисозии Ҳадафҳои Рушди Устувор, дастгирии таҳсилоти экологӣ ва инчунин баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии аҳолӣ доир ба ташаббусҳои минтақавӣ дар соҳаи экология ташкил медиҳад.

Маркази минтақавии экологии Осиёи Марказӣ имрӯз дар панҷ самти асосӣ кор мекунад:

1. Самти масоили тағйирёбии иқлим ва истифодаи самарноку сарфакоронаи нерӯ;
2. Самти ҳифз ва барқарорсозии муҳити зист;
3. Самти таҳсилот ва баланд бардоштани фарҳанги экологӣ;
4. Самти ташаккули ҳамкорӣ дар соҳаи об;
5. Самти таъсири муҳити зист ба саломатӣ.

Дар ин самтҳои нишондодашуда, Маркази минтақавии экологии Осиёи Марказӣ тайи солҳои тӯлонӣ кор мебарад ва лоиҳаҳои зиёдеро амалӣ намудааст.

Лоиҳаи аввалини татбиқнамудаи Маркази минтақавии экологии Осиёи Марказӣ ин лоиҳаи “Нексус – алоқамандии об, энергетика ва озуқаворӣ” буд,

ки аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ гардидааст. Тибқи лоиҳаи зикргардида, об ҳамчун як пайванди байни фаъолиятҳо дар соҳаи кишоварзӣ, амнияти озуқаворӣ, энергетика ва ҳифзи муҳити зист баррасӣ гардидааст. Бе об ҳеҷ яке аз ин соҳаҳо дар Осиёи Марказӣ ва умуман дар ҷаҳон вуҷуд дошта наметавонад. Байни худи бахшҳо низ робита вуҷуд дорад. Агар кишварҳои Осиёи Марказӣ тавонанд, амнияти озуқавории худро тавассути истифодаи устувору самараноки об ва замин таъмин кунанд, пас муҳити зист камтар зарар мебинад. Ин масъала яке аз самтҳои асосӣ ва афзалиятноки сиёсати экологии ҳамаи давлатҳои Осиёи Марказиро дарбар мегирад. Аксари мушкилоти экологии минтақавӣ ва миллии ин кишварҳо маҳз ба соҳаи обистифодабарӣ ва кишоварзӣ алоқаманд мебошанд.

Лоиҳаи дигаре, ки Маркази минтақавии экологии Осиёи Марказӣ дар ҳамкорӣ бо яке аз муассисаҳои Ҳукумати ИМА USAID татбиқ намудааст, ин “Smart Waters – об, таҳсилот ва ҳамкорӣ” мебошад.

Мазмуни асосии лоиҳаи мазкур аз он иборат мебошад, ки аҳолӣ доир ба масоили экология ва ҳифзи муҳити зист маълумот гиранд. Тарбия ва омодасозии мутахассисони муосир, олимон ва коршиносони соҳаи экология, ки тавонанд дар доираи ба роҳ мондани ҳамкориҳои самарабахш мушкилоти минтақавии экологиро дар Осиёи Марказӣ ҳал намоянд. Самти дигари амали лоиҳаро дастгирии шарикони миллӣ ҷиҳати амалисозии ислоҳот дар соҳаи об, барқарорсозии иншооти гидротехникӣ ва ғайра ташкил менамояд.

Дар баробари ин, Маркази минтақавии экологии Осиёи Марказӣ лоиҳаҳои дигарро низ татбиқ намуда, дар таҳияи сиёсати минтақавии экологӣ саҳми назаррас дорад.

Бо назардошти ҳолати ҳассоси масоили экологӣ дар минтақа ҳамкории минтақавӣ дар масъалаҳои экологӣ, об ва ҳатто масъалаҳои иқтисодӣ танҳо як платформаи муайянро талаб мекунад. Солҳои тӯлонӣ миёни кишварҳои минтақа дар масъалаҳои обу беҳдошт ва кишоварзию обёрӣ бо сабаби мувофиқат накардани манфиатҳои миллии давлатҳои болооб ва поёноб ҳамдигарфаҳмӣ вуҷуд надошт, ки боиси ташаккулёбии мушкилоти экологӣ

гардида буд. Аз ин нуқтаи назар, платформаи экологӣ муддати дароз вуҷуд надошт. Албатта, вохӯриҳои алоҳида баргузор мешуданд, аммо то соли 2017 кишварҳои Осиёи Марказӣ, шарикони байналмилалии онҳо ва ҷомеаҳои илмӣ мунтаззам мулоқот намекарданд. Соли 2017 ММЭОМ бо ташаббус ва дар якҷоягӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ аввалин Форуми байналмилалии экологии Осиёи Марказиро (ФБЭОМ) дар шаҳри Ашқободи Туркманистон доир намуд, ки замина ва фазои мусоидро барои муҳокимаи масоили экологӣ ба вуҷуд овард [246].

Форуми мазкур дар ташаккули сиёсати минтақавии экологӣ аҳамияти бузург дошта, дар самтҳои гуногун мубрамияти он зоҳир мегардад:

1. Маблағгузорӣ ва баргузории ин нишаст далели он аст, ки давлатҳои минтақа ҳалли масоили экологиро дар ҳамгирой ва ҳамкорӣ мебинанд;

2. Дар доираи Форум баргузории вохӯрии экспертҳои байналмилалие, ки дар минтақа фаъолият мекунанд сурат мегирад. Онҳо мавқеи худро иброз намуда, дар ин замина системаи ҷаҳонии кор бо мушкилоти экологиро ба вуҷуд меоранд. Дар ин раванд фаҳмиши масъалаҳои глобалӣ ва минтақавӣ ба воқеият наздик мегарданд.

3. Ҳангоми баргузории Форум бисёр вохӯриҳои дуҷонибаи намояндагони кишварҳо сурат мегирад, ки дар онҳо меморандумҳо ба имзо расида, шартномаҳо оид ба ҳамкории минбаъда баста мешаванд ва мубодилаи иттилоот ба вуҷуд меояд. Дар кори Форум олимону донишмандон ҷалб гардида, шароити мусоид барои шарикӣ ва платформа эҷод карда мешавад.

Дар Форуми байналмилалии экологии Осиёи Марказӣ таваҷҷуҳи зиёд ба масоили нигоҳдории гуногунии биологӣ, рушди минтақаҳои табиии ҳифзшаванда, идоракунии партовҳои сахти маишӣ, энергияи барқароршаванда ва истифодаи самараноки энергия, инчунин масъалаҳои ҳамкорӣ дар соҳаи об, тағйирёбии иқлим, ки муҳимтарин ва мубрамтарин масоили экологӣ ва муҳити зист дар минтақа маҳсуб меёбанд, зоҳир карда мешавад.

Бо назардошти рушди муназзами иқтисодӣ ва саноатии кишварҳои минтақа, онҳо бояд масоили экологиро дар madди аввал гузошта, аз таҷрибаи талхи зарари ба муҳити зист расонидаи давлатҳои пешрафтаи саноатӣ сабақ гиранд. Тавре маълум аст, аксари кишварҳои тараққикардаи саноатӣ садсолаҳо ба таъмини рушди иқтисодию саноатии худ машғул гардида, талаботи табиат ва муҳити зистро ба инобат нагирифтаанд, ки боиси ба вуҷуд омадани мушкилоти ҷиддии экологӣ гардид. Имрӯз ин кишварҳоро зарур аст, ки садҳо миллион доллар харҷ намуда, зарари ба муҳити зист расонидаи худро барқарор созанд. Мутаассифона, бисёре аз зарари расонидаи онҳо ба муҳити зист барқарорнашаванда мебошанд. Давлатҳои Осиёи Марказиро зарур аст, ки дар раванди таъмини рушди иқтисодию саноатии худ ба ин хатоиҳо роҳ надиҳанд.

Барои роҳандозии ин ҳадаф заминаҳои воқеӣ мавҷуданд. Пеш аз ҳама мавҷудияти технологияҳои каммасраф ва безарар, истифодаи роҳу усулҳо ва равишҳои муосир, ки рушди босуръати иқтисодиро таъмин намуда, ба табиат зарар намерасонад. Аммо раванди таърихии рушди иқтисодию саноатии кишварҳои тараққикарда нишон дод, ки дар аксари мавридҳо масоили иқтисодӣ назар ба масоили экологӣ авлавияти бештар доранд. Ин маънои онро дорад, ки мо аввал ба табиат зарари зиёд ва ҳатто барқарорнашаванда мерасонем ва баъдан кӯшиш менамоем, ки онро барқарор созем. Маҳз ҳамин хатоии инсоният буд, ки имрӯз мо аз мушкилоти экологӣ азияти зиёд мекашем. Бо назардошти ин кишварҳои Осиёи Марказиро зарур аст, ки аз аввал хатоҳои дигаронро ба назар гирифта, аз технологияҳои безарар истифода намоянд ва ба масоили экологӣ беш аз ҳар масъалаи дигар таваҷҷуҳи бештар дошта бошем.

Аммо дар айни замон, минтақаро раванди бошиддати харобшавии экологӣ фаро гирифтааст, ки кишварҳоро муваззаф месозад, то дар ин самт эҳтиёткор ва масъулиятшинос бошанд. Албатта, сатҳи харобшавӣ ва зарари расида ба табиат дар баъзе минтақаҳо назар ба минтақаи Осиёи Марказӣ шаддидтар аст. Аммо кишварҳои минтақаро зарур аст, ки ба давлатҳое мисли

Аврупои Шимолӣ такия кунанд ва аз таҷрибаи онҳо бештар истифода намоянд. Истифодаи технологияҳои безарару каммасраф арзиши гарон доранд, аммо арзиши онҳо нисбат ба хароҷоти барқарорсозии табиат садҳо маротиба камтар аст.

Дар ҳама фаъолиятҳои иқтисодӣ, ҳифзи захираҳои табиӣ бояд афзалият дошта бошанд. Корбурди шиори “истифодаи камтар - маҳсулоти бештар”, ки имрӯз ба таври васеъ мавриди амалия қарор дорад, ифлосшавии муҳити атрофро коҳиш медиҳад. Дар ин раванд, иродаи қавию мустаҳкам ва тавонмандии ҳамаи давлатҳои Осиёи Марказӣ зарур аст. Иқтисодиёти кишварҳои минтақа хуб рушд карда истодааст, аммо дар мавриди масоили экологӣ ва табиат мушкилоти умдае мавҷуданд, ки вазъро дар минтақа беш аз пеш бадтар сохта истодаанд. Гузариш ба истифодаи самараноку оқилонаи захираҳои табиӣ, тадриҷан гузаштан ба “иқтисоди сабз” имконият фароҳам меоварад, ки масоили экологӣ авлавият пайдо намуда, партовҳо коҳиш дода шаванд, истифодаи технологияи бепартов ва тоза бештар гардад, коркард ва истифодаи дубораи обу партовҳо ба роҳ монда шавад. Ҳанӯз, ки дер нашудаст, мо бояд кӯшиш ба он кунем, то аз худ табиати валангор ба мерос нагузорем. Ин амал таҳдид ба ҷони наслҳои оянда мебошад. Бо назардошти ин, кишварҳои минтақаро зарур аст, ки тамоми қудрату тавоноии худро ба он равона созанд, ки ҳарчӣ бештар аз сарчашмаҳои барқароршавандаи энергия истифода намуда, табиати минтақаро аз будаш хароботар насозанд.

Шароити табиии Осиёи Марказӣ имконият медиҳад, ки аз сарчашмаҳои боэътимодтарини нерӯи барқ, ба монанди обу офтоб ва бод ба таври васеъ истифода намуд. Истифодаи ин сарчашмаҳо имконият медиҳад, ки таъсири манфии инсон ба табиат коҳиш дода шавад ва гузариш ба “иқтисоди сабз” таъмин гардад. Тавре дар боло қайд гардид, кишварҳои минтақа дар ҳоли рушд қарор доранд ва талаботи нерӯи барқ ҳар лаҳза зиёд мегардад. Имрӯзҳо дар баробари рушди бошиддати демографӣ садҳо корхонаю коргоҳҳои истеҳсолӣ ба кор шуруъ намуда истодаанд, ки ҳар кадоми онҳо талаботро ба нерӯи барқ зиёд мегардонанд. Талаботи аксари чунин корхонаҳо ва аҳолӣ дар айни замон

аз ҳисоби нерӯгоҳҳои ҳароратии бо ангишту газ ва нафт фаъолияткунанда таъмин гардида истодааст, ки таъсири манфии онҳо ба табиати минтақа хеле зиёд мебошад. Сабаби асосии чунин ҳолат дар он аст, ки новобаста аз имкониятҳои бузурги сарчашмаҳои барқароршавандаи нерӯи барқи мавҷуда дар минтақа, ҳанӯз кишварҳои Осиёи Марказӣ ба стратегияи ягонаи минтақавӣ дар ин самт дастёб нагардидаанд ва сарчашмаҳои барқароршавандаи нерӯи барқ қудрати иваз намудани ҷойи нерӯгоҳҳои ҳароратиро надоранд. Кишварҳои болооби минтақа пай дар пай ба рушди соҳаи гидроэнергетика дастёб гардида истодаанд. Ин раванд метавонад дар солҳои наздиктарин имкониятҳои дастрасии тамоми давлатҳои Осиёи Марказиро ба "нерӯи сабз" зиёд гардонад ва аз паёмадҳои ногувори навбатии экологӣ пешгирӣ намояд.

Аммо новобаста аз он, дар бисёри мавридҳо барои ҳалли масоили экологии минтақавӣ мо ба таври васеъ аз таҷрибаи минтақаҳои дигар ва ё умуман таҷрибаи ҷаҳонӣ истифода менамоем. Нусхабардорӣ намудани таҷрибаи ҷаҳонӣ ва роҳандозӣ намудани он дар минтақа натиҷабахш нест. "Бояд дар минтақа мутахассисони сатҳи баланди маҳаллӣ дар соҳаи экология омода карда шаванд, ки роҳҳои наву муосири ҳалли мушкилотро бо назардошти хусусиятҳои хоси табиати Осиёи Марказӣ пайдо карда тавонанд" [242]. Сипас, бо назардошти шароити мавҷуда ва вазъи иқтисодию сиёсӣ, мо метавонем масоили экологиро ба таври зуд, устувор ва дарозмуддат ҳаллу фасл намоем. Ҳолати зудтағйирёбандаи экологӣ ва умуман иқтисодию иҷтимоии ҷомеаи муосир ба мо имконият намедиҳанд, ки барномаю стратегияҳои экологии нисбатан дарозмуддат қабул намоем. Имрӯз зарурат пеш омадааст, ки бо ҷалби мутахассисон, коршиносон ва таҳлилгарони асили соҳаи экология мо ба таври фаврӣ ва мунтаззам лоиҳаҳои ҷадидро дар соҳаи экология ва ҳифзи муҳити зист таҳияву татбиқ намуда, бо назардошти паёмадҳои нав ба нави масоили экологӣ онро навсозӣ намоем.

Тавре маълум аст, Осиёи Марказӣ дорои муҳити зист ва экосистемаҳои хосаи худ мебошад. Ин минтақа таҳияи сиёсати экологии хосаро тақозо намуда, масоили экологии он фарққунандаву гуногун буда, бештар ба обу

замин рабт доранд. Масоили экологии минтақа аз сабаби таъсири фаъоли инсон ба табиат ба вуҷуд омадаанд. Дар ин ҷо беш аз сад сол қабл ба рушди босуръати азхудкунии захираҳои табиӣ, рушди иқтисод, кишоварзӣ ва энергетика шуруъ кардаанд, ки дар пайи он мушкилоти хосаи экологии минтақавӣ ба вуҷуд омадаанд. Дар ин раванд масъалаи экологии баҳри Арал яке аз мушкилоти мураккабтарини ҳалношуда дар назди кишварҳои минтақа мебошад. Илова ба мушкилоти экологии хушкшавии баҳри Арал, дар минтақа масоили дигари экологӣ ба мисли паст гардидани сатҳи гуногунии биологӣ ва бойигарии табиӣ, коҳишёбӣ ва нестшавии олами набототу ҳайвонот ба вуҷуд омадааст.

Ҳамзамон таназзули бошиддати замин ба амал омада истодааст. Тибқи сарчашмаҳои таърихӣ мардуми Осиёи Марказӣ зиёда аз 5 ҳазор сол пеш инҷониб ба обёрӣ ва кишту кор машғул мебошанд [238]. Бо рушди соҳаи кишоварзӣ, на танҳо ба хок дар минтақаҳои обёришаванда, балки ба дашту экосистемаҳои кӯҳӣ низ то як андоза таъсири манфӣ расонида мешавад. Дар ин замина, раванди эрозия, шӯршавӣ ва ботлоқшавии замин меафзояд.

Масъалаи мураккабтарини экологии минтақавӣ камшавии худи захираҳои об мебошад, ки дар пайи омилҳои гуногун ба вуҷуд омадааст ва оқибатҳои маргборро дар худ дорад. Дар пайи коҳишёбӣ ҳамзамон сифати об низ паст шуда истодааст.

Масъалаи дигари мураккаб, ки хоси тамоми башарият мебошад, тағйирёбии иқлим аст. Ҳолати табиии минтақа тағйир ёфта, рӯзҳои гарм ва хушк зиёд гардида, офатҳои табиӣ - хушксолӣ, обхезӣ ва сел афзоиш ёфтаанд. Мушкилиҳое ҳастанд, ки бояд бештар зери таваҷҷуҳ бошанд, чунки онҳо ҳар лаҳза зиёдтар ва шиддатёбанда мебошанд. Аз ҷиҳати иҷтимоӣ барои аҳолӣ мутобиқ шудан ба раванди тағйирёбии иқлим душвор буда, аз ҷиҳати иқтисодӣ бошад барои ба даст овардани ҳосил ба миқдори пештара хароҷоти нисбатан зиёдро дар шароити хушксолӣ ва норасоии захираҳои об тақозо менамояд. Аз ин рӯ, ин барои тамоми минтақа мушкилии ҷиддӣ ба ҳисоб меравад.

Бо назардошти омилҳои зикргардида, дар минтақа метавонад роҳи ҳалли масъала гуногун бошад. Дар ин замина, мутобиқшавӣ яке аз роҳҳо ва шартҳои асосӣ арзёбӣ мегардад. Дар ин раванд мо бояд ба шароити хушксолӣ, таназзули замин мутобиқ шавем. Аммо роҳи зикргардида дарозмуддат ва устувор нест. Роҳи нисбатан боэътимодтару устувор он аст, ки мо – аҳолии минтақаи Осиёи Марказӣ бештар ба он кӯшем, ки бо муҳити зист ҳамоҳанг бошем, вазифаҳои онро барқарор намоем, таъсири манфии фаъолиятамонро бо табиат кам кунем. Ҳамзамон, мо бояд дарк кунем, ки ҳифз ва барқароркунии табиат аз ҷиҳати иқтисодӣ манфиати бузург дорад. Албатта, ин кор муддати тӯлонӣ вақтро тақозо месозад.

Имрӯз кишварҳои Осиёи Марказӣ нақшаҳои дарозмуддати рушди миллии худро таҳия намуда, амалӣ карда истодаанд. Ин нақшаҳо барои ҳалли мушкилоти дар боло зикршудаи экологӣ низ нигаронида шудаанд. Саъю талошҳо пеш аз ҳама барои гузариш ба “иқтисоди сабз”, “нерӯи сабз”, саноати бепартов ва соҳаи кишоварзӣ бо технологияи муосири обёрӣ равона гардидааст. Дар ин асно, ҷустуҷӯйи роҳи ҳалли масъала дар низоми таълиму тарбия ва соҳаи маориф низ натиҷабахш хоҳад буд. Мо бояд қадамҳои нахустинро дар роҳи расидан ба рушди устувор маҳз аз ҳамин соҳа оғоз кунем. Тарбияи одамон, таҳсилот ва фаъолияти онҳо мушкилиҳои бештареро ҳал мекунад, назар ба оне ки мо ба хотири ҳифзи муҳити зист соҳаҳои муайяни истеҳсолоту саноат ва корхонаҳоро ба таври фавқулода боз медорем. Маҳз фарҳанги волои экологӣ метавонад натиҷаҳои назарраси мусбиро ба бор орад, чунки дар ниҳоят, албатта, одамон ҳама чизро ҳал мекунанд. Аз ин рӯ, масъалаи таълиму тарбияи экологии ҷомеа бояд самти афзалиятнок дониста шуда, дар мадди аввал гузошта шавад ва барои татбиқи самарабахши он заминаҳои моддию молиявӣ фароҳам оварда шавад. Пешгирии мушкилоти экологӣ беҳтар аз он аст, ки мо бо қаҳрамонӣ ба он мубориза барем.

Хулоса, метавон арзёбӣ намуд, ки сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Марказӣ ҳамбаста бо якдигар буда, сабабу омил, таркиб, хусусият ва роҳи ҳалли ягонаи минтақавӣ доранд. Таҳлили сабабу омилҳои сар задани

мушкилоти экологии минтақавӣ, раванди таҳия ва татбиқи сиёсати экологӣ, инчунин сарчашмаҳои таърихӣ дар минтақа нишон медиҳанд, ки бо назардошти шароити ягонаи табиӣ, фаъолияти якҷояи хоҷагидорӣ дар замони Иттиҳоди Шуравӣ, ҳавзаи ягонаи обӣ ва мувофиқат накардани ҳадафҳои стратегию манфиатҳои миллӣ дар замони соҳибихтиёрӣ боиси пайдоиш, ташаккул ва фароминтақавӣ гардидани мушкилоти экологӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ гардид. Дар ин замина, хусусиятҳои хоси сиёсати экологии кишварҳои Осиёи Марказиро метавон ба таври зайл арзёбӣ кард:

1. Мушкилоти экологии марбут ба партовҳои кимиёвӣ, ки аз замони Иттиҳоди Шуравӣ дар минтақа боқӣ мондаанд, ҳамкории кишварҳои Осиёи Марказиро бо давлатҳои абарқудрати дар ин самт таҷрибадор талаб менамояд;

2. Асоси мушкилоти экологии минтақавӣ бо масоили ҳавзаи ягонаи обӣ вобаста аст;

3. Заминаи пайдоиши мушкилоти экологии минтақавӣ, ки ба фаъолияти бенизоми хоҷагидорию кишоварзӣ вобастаанд, аз замони Иттиҳоди Шуравӣ ба мерос монда, истифодаи технологияи муосири кишоварзӣ ва обёриро дар минтақа тақозо менамояд;

4. Ҳамоҳангсозии фаъолияти хоҷагидорию кишоварзӣ бо фаъолияти гидроэнергетикӣ зарур буда, таҳия ва роҳандозии консепсияи ягонаи минтақавиро талаб менамояд;

5. Фаъолияти асосии сокинони минтақа ба обу замин вобаста буда, мушкилоти асосии экологии минтақавӣ низ тавъам ба ҳамин ду самт мебошанд;

Арзёбии нуқтаҳои зикргардида, далели онанд, ки мушкилоти экологии Осиёи Марказӣ ягона ва ҷудонашванда буда, таҳия ва амалисозии сиёсати ягонаи минтақавии экологиро талаб менамоянд.

# БОБИ III. ДУРНАМОИ РУШДИ СИЁСАТИ МИНТАҚАВИИ ЭКОЛОГӢ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

## 3.1. Мушкилоти экологии вобаста ба об дар Осиёи Марказӣ

Қаламрави кишварҳои Осиёи Марказӣ - Ӯзбекистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон, Қазоқистон ба минтақаи Арал, ки имрӯз минтақаи офатҳои экологӣ ба ҳисоб меравад, дохил карда мешаванд. Сабаби пайдоиши фалокати экологӣ дар ин ҷо, асосан, амалҳои дағалонаи инсон дар ҷараёни истифодаи захираҳои табиӣ мебошад.

Маълум аст, ки давлатҳои Осиёи Марказӣ дорои захираҳои азими табиӣ ва минералӣ мебошанд, ки рушди босуръати тамоми соҳаҳоро таъмин мекунанд. Аз ин лиҳоз, масъалаи идоракунии оқилонаи табиат ва баланд бардоштани ҳосилнокии ландшафтҳои вайроншуда вазифаи аввалиндараҷа мебошад. Сохтори табиии ландшафтии давлатҳои Осиёи Марказӣ ба таври возеҳ ҷудо карда шудааст ва фрагментатсияи ландшафт дар навбати худ, дар самти минтақавӣ самтҳои асосии мубориза бо таназзули заминро муайян мекунад.

Аз таҳлилҳои боло бармеояд, ки бисёре аз мушкилоти минтақавии экологӣ дар Осиёи Марказӣ ба истифодаи нодуруст ва ғайриоқилонаи захираҳои обии аҳамияти минтақавидошта вобастагии амиқ дорад. Давлатҳои Осиёи Марказӣ аз захираҳои оби ду дарёи бузург – Амударё, Сирдарё ва ҳамчунин як силсила рӯдҳои хурди сарҳадгузар истифода мебаранд.

Бо назардошти он ки дар ин минтақа ҳавзаи ягонаи обӣ ҷой дорад, дар рафти истифодаи он ҳар як давлати минтақа манфиатҳои обии худро аз манфиатҳои умумиминтақавӣ боло гузошта, ҳатто манфиати табиатро сарфи назар мекунанд, ки оқибат боиси сар задани мушкилоти мураккаби экологӣ мегардад.

Дар чунин раванд масоили дастёбӣ ба амнияти минтақавии обӣ ва пешгирӣ кардани мушкилоти экологии марбут ба истифодаи об барои

давлатҳои Осиёи Марказӣ аз шароитҳои табииву иқлимӣ, сиёсӣ, иродаи сиёсӣ, вазъи иқтисодӣ ва ғайра вобаста аст.

Дар ин минтақа ҳалли масъалаҳои вобаста ба обу экология аз омилҳои зерин вобастаанд:

“1. Нобаробар тақсимшавии захираҳои об дар ҳудуди минтақаи Осиёи Марказӣ;

2. Дурнамои эҳтимоли аз ҳад зиёд кам шудани захираҳои об дар ояндаи миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат бо сабаби таъсири раванди тағйирёбии иқлим;

3. Зиёд шудани истифодабарандагони об бинобар афзоиши шумораи аҳолӣ ва рушди иқтисодӣ;

4. Бештар шудани офатҳои табиии вобаста ба об ва идомаи раванди нобудшавии баҳри Арал;

5. Ҳамкории ғайрикофии давлатҳои Осиёи Марказӣ барои ҳалли масъалаҳои мубрами экологӣ” [128, с. 34].

Тибқи маълумоти мавҷуда, “зиёда аз 80 фоизи захираҳои обии Осиёи Марказӣ дар қаламрави Тоҷикистон ва Қирғизистон ташаккул меёбанд, аммо истеъмоли бештари об бошад ба кишварҳои дигари минтақа Ӯзбекистон, Туркманистон ва Қазоқистон рост меояд, ки 85 фоизи захираҳои оби дар минтақа ташаккулёбандаро истифода мебаранд. Тоҷикистон ва Қирғизистон новобаста ба оне, ки сарчашмаи тавлиди захираҳои об маҳсуб меёбанд, ҳамагӣ 15 фоизи ин захираҳои обро истифода мебаранд” [191].

Чуноне ки маълум аст: “...манфиатҳои кишварҳои болообу поёноб дар масъалаи истифодаи мавсимии захираҳои об на ҳама вақт бо ҳам мувофиқат мекунанд. Ин омил боиси сар задани ихтилофоти муайян миёни давлатҳои минтақа мегардад ва дар пайи ба инобат нагирифтани “ҳаққи табиат” мушкилоти экологии вобаста ба об ва обистифодабарӣ сар мезананд.

Вазъияти мавҷуда дар раванди таъсири тағйирёбии иқлим боз ҳам мураккабтар шуда истодааст, захираҳои обии пиряххо дар минтақа аллакай ба таври назаррас кам гардидаанд. Кофӣ аст ба он ишора намоем, ки тайи 30 соли охир аз 14 ҳазор пиряхҳои Тоҷикистон ҳазортояш нобуд шудааст. Дурнамои

эҳтимолии дар ояндаи миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат кам шудани оби дарёҳо низ ба масъала шиддати бештар мебахшад...” [93]. Камшавии захираҳои об ва ҳаҷми об дар дарёҳои фаромарзӣ ҳолати экологии минтақаро боз ҳам мураккаб гардонида, мушкилоти нави экологии минтақавии вобаста ба обро ба вуҷуд меорад.

Рушди босуръати демографӣ дар минтақа, ки аз ҳама нишондиҳандаи баландтарин дар ҷаҳон арзёбӣ мегардад, дар раванди камшавии захираҳои оби минтақа метавонад ҳолати имрӯзаи мушкилоти экологиро дар ин ҳудуд боз ҳам шиддат бахшида, паёмадҳои наву ногувори экологиро барҷо гузорад.

Зиёдшавии аҳолӣ боиси афзоиши истифода ва истеъмоли об аз ҷониби сокинон ва иқтисоди кишварҳои минтақа гардидааст: “Афзоиши демографӣ боиси зиёд гардидани талабот ба маводи озуқа мегардад. Табиист, ки дар чунин ҳолат зарурати зиёд кардани майдони кишт ва обёрии заминҳои нави корам ба миён меояд. Ин ҳолат талаботро ба захираҳои об боз ҳам зиёд менамояд” [83]. Тибқи маълумоти мавҷуда, масоҳати заминҳои обёришаванда дар Осиёи Марказӣ, ки дар оғози асри XX - ум баробар ба 2,5 – 3 миллион гектар буд, дар сад соли охир ба 8,5 миллион гектар расид. Шумораи аҳолии минтақа дар соли 1956 бештар аз 20 миллион нафар буд, имрӯз қариб ба 65 миллион нафар расидааст [83].

“Агар дар солҳои 1960 - ум минтақа дар як сол тақрибан 60 километри мукааб обро истеъмол мекард, пас имрӯз ин нишондиҳанда дар як сол беш аз 110 километри мукаабро ташкил медиҳад. Мувофиқи арзёбиҳои муътамад то соли 2030 - ум афзоиши истеъмоли об дар Осиёи Марказӣ дар ҳаҷми 15 - 20 фоиз зиёд мегардад” [83].

Истифодаи об, асосан, дар Осиёи Марказӣ ба соҳаи кишоварзӣ рост омада, барои истеҳсоли пахта нигаронида шудааст. Дар давлатҳои поёноб, махсусан, Ҷумҳурии Ӯзбекистон зиёда аз 85 обанборҳои ҳаҷмашон бузург барои захираи оби кишоварзӣ сохта шудааст, ки боиси аз меъёр кам гардидани ҳаҷми маҷрои дарёҳои фаромарзӣ ва пайдоиши мушкилиҳои зиёди экологӣ гардидааст. Дар ин раванд бисёре аз системаҳои экологӣ ва ландшафтҳои

табиӣ, ҳамзамон мавҷудоти зериобӣ несту нобуд гардида, ба табиат зарари ҷиддӣ расонида, омили асосии хушкшавии баҳри Арал гардидааст.

Мушкилоти дигар дар истифодаи ғайриоқилонаи об ва истифодаи роҳу усулҳои куҳнашудаю серхароҷоти обёрӣ дар минтақа мебошад. Ин ҳолат боиси шӯршавӣ ва эрозияи масоҳати калони заминҳои аҳамияти кишоварзидошта шудааст. Дар баробари ин, истифода аз роҳу усулҳои обёрии сермасраф боиси паст гардидани сатҳи ҳосилнокии заминҳо ва шӯсташавии қабати ҳосилдеҳи заминҳои корам мешавад. Яъне, танҳо як масъалаи обёрии нодурусти кишоварзӣ дар минтақа сабабгори пайдоиши мушкилоти зерини экологии вобаста ба об гардидааст:

1. Аз меъёри муқарраргӣ зиёд истифода гардидани оби дарёҳои фаромарзӣ аз ҷониби давлатҳои алоҳида;
2. Риоя нагардидани санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти обистифодабарӣ дар дарёҳои аҳамияти минтақавидошта ва фаромарзӣ;
3. Пайдоиши нофаҳмоиҳо ва гуногунандешиҳо дар соҳаи истифодаи оби дарёҳои фаромарзӣ ва сар задани низоъҳои вобаста ба об;
4. Нестшавии экосистемаҳо, ландшафтҳои табиӣ ва мавҷудоти зериобӣ дар минтақа;
5. Мушкилоти баҳри Арал;
6. Шӯршавӣ ва эрозияи заминҳои аҳамияти кишоварзидошта;
7. Шӯсташавии қабати ҳосилдеҳи хок ва аз гардиши кишоварзӣ баромадани масоҳати зиёди заминҳои кишт.

Ин ҳолат аз кишварҳои минтақа тақозо менамояд, ки ҷиҳати рафъи саривақтии мушкилоти зикргардида, чораҳои таъхирнопазир андешида, системаи ирригатсионии худро модернизатсия намуда, аз технологияи муосири каммасрафи обёрӣ дар соҳаи кишоварзӣ истифода намоянд ва гузариш аз сохти анъанавӣ ва сермасрафи об ба сохти муосир, махсусан обёрии қатрагиро таъмин созанд.

Агар ба мушкилоти зикргардида, мушкилоти демографиро зам кунем, дурнамои ҳалли масъала хеле мураккаб ба назар мерасад. Дар чунин маврид андешидани чораҳои иловагӣ, махсусан, истифодаи заминаҳои илмии соҳавӣ ва маблағгузории иловагӣ тақозо карда мешавад.

Дар баробари рушди демографӣ минтақаи Осиёи Марказӣ дар ҳоли рушди иқтисодӣ ва саноатӣ низ қарор дорад, ки дар ин соҳаҳо низ талаботи рӯзафзун ба об мушоҳида мегардад ва ин ҳолат низ омили асосӣ дар зиёдшавии мушкилоти вобаста ба об арзёбӣ мегардад. Соҳаи саноат дар ҷаҳон яке аз соҳаҳои асосии обистеъмолкунанда маҳсуб меёбад.

Дар Осиёи Марказӣ масоили муҳимтарини ҳастии ҳаёт ба монанди дастрасӣ ба об, нерӯи барқ, маводи озуқаворӣ ва муҳити тозаи экологӣ ба ҳам алоқамандии ногусастанӣ доранд. Дар меҳвари ҳамаи ин масъалаҳои зикргардида таъминот бо об дар ҷойи аввал меистад. Ҳалли ин масъалаҳо, махсусан, ҳалли масъалаҳои экологӣ ва амнияти экологӣ дар минтақа, пеш аз ҳама ҳалли масоили вобаста ба обро талаб менамояд. Дар ин самт, вазъият дар пайи мураккабшавии масоили экологӣ дар ҷаҳон боз ҳам печидатар гардида истодааст.

Тағйирёбии босуръати иқлим ҳолатро боз ҳам мураккабтар намуда истодааст. Тавре қайд кардем, ҳалли масоили об асоси ҳалли мушкилоти экологӣ дар минтақа мебошад, аммо дар пайи тағйирёбии иқлим кам шудани миқдори захираҳои оби аҳамияти умумиминтақавидошта, ҳаҷму масоҳати пиряхҳо ва барфтӯдаҳо, ки манбаи асосии захираҳои об мебошанд, ба мушоҳида мерасанд. Ин ҳолат дар даҳсолаҳои наздиктарин боиси аз меъёри муқаррарӣ кам гардидани ҳаҷми оби дарёҳои фаромарзӣ аст, ки боиси шиддатёбии мушкилоти экологии вобаста ба об дар минтақа мегардад: “Обшавии босуръати пиряхҳо бар асари тағйири иқлим ба раванди таъмини шароити мусоиди зиндагии аҳолӣ ва ҳифзи захираҳои об таҳдиди ҷиддӣ дорад. Тавре дар боло низ ишора гардид, аз 14 ҳазор пиряхҳои Тоҷикистон, ки барои тамоми минтақа аҳаммияти ҳаётӣ доранд, дар давоми 30 соли охир беш аз 1000 пирях ба нобудӣ расидааст” [93].

Пиряхҳо дар баробари сарчашмаи тавлиди захираҳои об будан, инчунин воситаи асосии ҳифз ва нигоҳдошти захираҳои об мебошанд. Дар сурати обшавии бошиддати он дар мавсимҳои муайян зиёдшавии аз меъёр зиёди оби дарёҳо ва сар задани офатҳои табиӣ ба монанди обхезӣ, сел, тармафароӣ ва ярч гардад, дар мавсимҳои дигар боиси хушксолӣ ва норасогии об, махсусан, дар давраи кишт мегардад.

Ҳамзамон обшавии аз меъёр зиёди пиряхҳо боиси афзоиши бесобиқаи офатҳои табиӣ ва таназзули экосистемаи обӣ шуда истодааст. Ин падида ҳар сол сабабгори хароб гаштани иншооти зиёди иқтисоди миллӣ ва ворид шудани хисороти бузурги моддӣ ба аҳолӣ мегардад.

Тибқи маълумоти мавҷуда, “танҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол ҳодисаҳои табиӣ ва геологиву гидрологӣ, аз қабили боронгариҳои тӯлониву обхезӣ, омадани селу ярч, боридани барфи зиёду фаромадани тарма, заминларза ба амал омада, ба аҳолӣ ва иқтисодиёти кишвар зарари ҷиддӣ мерасонанд.

Танҳо дар моҳи январи соли 2017 дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон 244 ҳолати тармафароӣ ба қайд гирифта шудааст, ки дар пайи онҳо 13 нафар сокинони кишвар ба ҳалокат расидаанд” [235]. Офатҳои табиӣ хисороти ҷонию моддӣ расонида, “шумораи ҳалокшудагон бар асари офатҳои табиии марбут ба об дар давоми солҳои 2012 – 2020 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 197 нафарро ташкил менамояд. Аз шумораи зикргардида, 23 нафар дар пайи тармафароӣ ва 38 нафар бо омадани сел ба ҳалокат расидаанд” [235].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаад, ки: “...аз ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ бештар сел ба қайд гирифта шудааст, ки 34 фоизи ҳолатҳои фавқулодаро ташкил медиҳад. Аз рӯйи хисороти иқтисодӣ низ мавқеи аввалро ҳолатҳои сел ишғол менамоянд ва беш аз 63 фоизи хисороти иқтисодии аз ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ба иқтисодиёти мамлакат расида ба оқибатҳои харобиовари сел рост меояд” [78].

Дар пайи ин ҳодисаҳои фавқулодаи табиии марбут ба об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳоҷирони экологӣ ба вуҷуд омадаанд. Ҷиҳати бартарафсозии ин

ҳолат, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ду маротиба Нақшаи миёнамуҳлати кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ ба минтақаҳои бехавф ба тасвиб расидааст. Дар заминаи амалигардонии ин Нақша “... 1650 хоҷагии муҳоҷирони экологӣ ба ҷойҳои бехавф кӯчонида шудаанд. Аз ҷумла, аз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 217 хоҷагӣ, вилояти Суғд 278, вилояти Хатлон 705 ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ - 450 хоҷагӣ” [76].

Тибқи маълумотҳои мавҷуда “дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 381 мавзеъҳои хатарноки дараҷаи аввал муайян карда шудаанд, ки аз онҳо 186 мавзеи таҳти хатари сел, 47 мавзеи хавфи ярч, 90 мавзеи обхезӣ, 25 мавзеи эрозияи замин, 14 мавзеи хавфи тарма, 11 мавзеии хавфи баландшавии сатҳи обҳои зеризаминӣ ва 8 мавзеи хавфи сангрезӣ мебошанд” [195].

Тавре зикр гардид, раванди бештар хатарнок дар миқёси Ҷумҳурии Тоҷикистон сел ба ҳисоб рафта, мавсими рӯйдоди он аз моҳи март оғоз ёфта, то моҳи август идома меёбад. Дар ҳудуди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон хавфи ин ҳодиса то моҳҳои июл - октябр ҷой дорад.

Инчунин, “мавсими рӯйдоди обхезиҳо дар дарёҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моҳи апрел оғоз ёфта, дар ҳудуди вилояти Хатлон, водиҳои Рашту Ҳисор ва вилояти Суғд то охири моҳи май ва даҳаи якуми моҳи июн идома меёбад. Дар ҳудуди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бошад ин хавф бар асари обшавии пиряххо ва баландшавии сатҳи оби дарёҳо аз моҳи август то даҳаи дуюми моҳи сентябр эҳтимол дорад” [76].

Тайи даҳсолаи охир паёмадҳои манфии тағйироти иқлим, ки ба андозаи муайян ба фаъолияти инсон иртибот дорад, ҳарчӣ бештар аз худ дарак медиҳад.

Пажӯҳиши чандинсолаи мутахассисон аз тақвияти таъсири тағйироти иқлим ба табиат ва вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ дар минтақа гувоҳӣ медиҳад. Тибқи мушоҳидаҳо, тайи 60 соли охир ба ҳисоби миёна ҳарорати солонаи ҳаво дар минтақа, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон ба андозаи 1 дараҷа аз рӯйи Селсия баланд шудааст; теъдоди рӯзҳои сербориш зиёд гардидааст ва ҳодисаҳои ғайриоддии гидрометеорологӣ бештару шадидтар рух медиҳанд.

Таъсири манфии тағйироти иқлим ба ҳаҷм ва сифати захираҳои оби тозаи нӯшокӣ низ рӯз ба рӯз возеҳтар мегардад.

Эмомалӣ Раҳмон дар Форуми дуюми об барои кишварҳои минтақаи Осиё ва уқёнуси Ором дар мавзуи “Амнияти вобаста ба об ва таҳдидҳои офатҳои табиии марбут ба об” [93] баромад намуда, таъкид карданд, ки: “Кишварҳои минтақа захираҳои обро чун унсури асосии рушди устувор эътироф намуда, тағйири даври гидрологиро бо эҳсоси нигаронӣ арзёбӣ менамоянд, зеро он ба амнияти обӣ, энергетикӣ ва озуқаворӣ таъсири манфӣ расонида, эҳтимоли обхезиҳо ва хушксолиҳои шадидро афзун мегардонад. Пӯшида нест, ки Осиёи Марказӣ аз ҷумлаи минтақаҳое мебошад, ки дар паҳнои он тағйироти иқлим аллакай ба паёмадҳои муайяни манфӣ сабаб шудааст” [93].

Тибқи маълумоти маҷуда, “радабандии кишварҳои ҷаҳон нишон медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи партовҳои қиёсии гази карбонат дар ҷаҳон ҷойи 135-умро ишғол менамояд. Партовҳои газ дар Тоҷикистон дар як сол андаке бештар аз як тоннаро ба сари одам ташкил дода, ҳиссаи партовҳои дахлдори кишвар дар миқёси минтақаи Осиёи Марказӣ ҳамагӣ тақрибан ба 3 фоиз баробар аст. Истифодаи васеи манбаъҳои таҷдидшавандаи нерӯ, асосан, гидроэнергетика ба он мусоидат мекунад, ки рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат ҳамзамон бо нишондиҳандаҳои пасттарини партовҳои зарарнок ба ҳаво сурат мегирад” [234]. Аммо новобаста аз он ки ҳиссаи Тоҷикистон дар сатҳи минтақаи Осиёи Марказӣ ва умуман, ҷаҳон аз рӯйи партовҳои гази карбонат ночиз мебошад, зарари ба муҳити зисти Тоҷикистон, махсусан, ба захираҳои оби он аз ин ҳисоб расида хеле бузург аст. Нисбат ба дигар кишварҳои минтақа Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муҳити табиию экологии он дар раванди тағйирёбии иқлим осебпазир мебошад. Чунки раванди тағйирёбии иқлим таъсири аввалини худро ба сарчашмаҳои тавлиди об ва дарёҳо – пиряхҳои калон мерасонад. Аммо зарари тағйирёбии иқлим ба захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон маънои зарар танҳо ба кишвари моро надорад. Ин ҳолат зарар ба тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ мебошад. Чунки манбаъҳои оби Тоҷикистонро, аслан, кишварҳои дигари минтақа истифода мекунанд, на худи

Тоҷикистон. Дар ин сурат, зарари тағйирёбии иқлим боз ҳам ба тамоми минтақа, махсусан, ба кишварҳои вобастаи оби дарёҳои фаромарзӣ мерасад.

Мушкилоти махсусан мураккаби экологии минтақавӣ, ки ба сатҳу сифати зиндагии аҳолии минтақаи Осиёи Марказӣ таъсири зиёди манфӣ расонида, ҷиҳати таъмини амнияти озуқаворӣ дар минтақа монеаҳои сангин эҷод месозад ин аз истифодаи кишоварзӣ баромадан, шӯршавӣ ва эрозияи заминҳои аҳамияти истеҳсолидошта мебошад.

Ин масъала бо назардошти таъсири ҷиддии манфӣ ба рушди устувори иқтисодии кишварҳо доштанаш инъикоси худро дар санади байналмилалии “Рӯзномаи 21” –и Созмони Милали Муттаҳид ёфтааст. Тибқи ин санади байналмилалӣ сатҳи биёбоншавӣ дар ҷаҳон тақрибан 52 миллион километри мураббаъро ишғол мекунанд ва зарари молиявии он ҳар сол 42 миллиард доллари амрикоиро ташкил медиҳад [236].

Тибқи маълумоти мавҷуда раванди биёбоншавӣ, асосан, дар натиҷаи истифодаи ғайриоқилонаи заминҳои обёришавандаи кишт ба амал меояд. Тибқи Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба мубориза бо биёбоншавӣ (1994), “биёбоншавӣ” ба таназзули замин дар минтақаҳои хушк ва нимхушк бо сабаби омилҳои гуногун, аз ҷумла тағйирёбии иқлим ва фаъолияти инсон, яъне омилҳои антропогенӣ ба вуҷуд меояд.

Давлатҳои Осиёи Марказӣ ба суботи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ ҳавасманданд ва ба мушкилоти биёбоншавӣ аҳамияти хоса медиҳанд, ки ҷузъи таркибии он деградатсияи замин мебошад. “Деградатсияи замин” маънои коҳиш ё талафи маҳсулнокии биологӣ, заминҳои корам ё чарогоҳ ва ҷангалҳоро зери таъсири омилҳои табиӣ ва антропогенӣ дорад.

Миёни ниҳодҳои захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зисти кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ Ёддошти ҳусни тафоҳум ба имзо расидааст ва амал мекунад [242]. Он ба таҳияи Стратегияи миллӣ ва Нақшаи амал оид ба мубориза бо биёбоншавӣ ва Барномаи миллии амал оид ба ҳифзи муҳити зист асос ёфтааст, ки ба эҳтиёҷоти минтақавӣ барои мубориза бо деградатсияи замин нигаронида шудааст.

Гарчанде ки шароити табиии кишварҳои Осиёи Марказӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд, аммо мушкилии биёбоншавӣ ва ҳалли афзалиятноки он яксон боқӣ мемонад. Солҳои охир дар пайи бошиддат обшавии пиряххо дар қаторкӯҳҳои Тян-Шан ва Помир-Олой ва камшавии оби дарёҳову хушкшавии баҳри Арал тағйирёбии ҷиддии шароити табии Осиёи Марказӣ ба назар мерасад. Нарасидани об барои обёрии соҳаи кишоварзӣ, чарогоҳҳо ва қонеъ гардонидани талаботи худи табиат мушкилоти мураккаб гардидааст, ки дар пайи он эрозия ва шӯршавии замин ва паст гардидани сатҳи ҳосилнокӣ ба миён омадааст.

Таназзули замин нарасидани маҳсулоти озуқаворӣ, намудҳои мухталифи бемориҳо, коҳиши давомнокии умри инсон ва дигар масъалаҳои тиббӣ ва иҷтимоиро дар пай дорад.

Дар Қазоқистон, Ӯзбекистон ва Туркманистон эрозияи бодӣ ва чарогоҳҳо, аз ҷумла шӯршавии дуюмдараҷа дар заминҳои обёришаванда бештар ба назар расида, дар Қирғизистон ва Тоҷикистон - эрозияи вобаста ба об рӯ ба афзоиш дошта, биёбоншавӣ ва дигар намудҳои таназзули замин, махсусан, заминҳои аҳамияти асосии кишоварзидошта низ зиёд гардида истодааст. Дар солҳои охир, дар зери таъсири омилҳои табиӣ ва антропогенӣ, сарбории чарогоҳҳо нисбат ба меъёри мавҷуда зиёд шуда, дар пайи обёрии нодуруст ва боронҳои шиддатнок элементҳои ҳосилдеҳи таркиби хок кам гардида, ҳосилнокии заминҳои киштшаванда ба маротиб кам шуда, ҳаҷми обҳои ифлос зиёд шуда истодааст.

Ин вазъ моро ҳушдор месозад, ки самти асосии таҳияи тадбирҳои раванди биёбоншавӣ муайян карда шавад. Мушкилоти деградатсияи замин аз ду ҷанбаи консептуалӣ иборат аст:

- паҳншавии он;

- зарари калони табиӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба иқтисодиёти кишварҳои минтақа.

Дар ин гуна вазъ, андешидани чораҳои зерин ба манфиат хоҳад буд:

- ба таври мунтаззам назорат кардани чараёни шӯрашавии заминҳои аҳамияти кишоварзидошта ва пешгирии он, махсусан, гузариш ба системаи обёрии қатрагӣ;

- назорати доимии ҳолати сифати об, эрозияи обӣ ва обёрӣ, дефлятсияи заминҳои хокӣ;

- андешидани чораҳои илмӣ, техникӣ ва молиявӣ барои рафъи онҳо.

Бояд қайд кард, ки аз сабаби истифодаи ғайриоқилонаи оби кишоварзӣ дар кишварҳои минтақа, майдонҳои зиёди заминҳои кишт ба шӯразамин ва ботлоқ табдил ёфта, ҳолати вазнину мураккаби экологиро ба миён оварда, заминҳои ҳосилхез аз гардиши кишоварзӣ баромадаанд. Масъалаи истифодаи об ва чарогоҳҳо аз кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳалли фаврии ҳамоҳангшудаи байнидавлатиро талаб мекунад. Захираҳои об ва замин то андозае таназзул ёфта, бо партовҳои маишӣ, кимиёвӣ, саноатӣ, инчунин пестисидҳо, ки барои ҳифзи растаниҳо аз ҳашароти зараррасон (пестисидҳо, нуриҳои минералӣ) дар соҳаи кишоварзӣ истифода мешаванд, заҳролуд гардидааст, ки ба саломатии аҳолии кишварҳои митақа зарари зиёд мерасонанд.

Тибқи маълумоти мавҷуда "...масоҳати умумии заминҳои кишоварзӣ дар Осиёи Марказӣ 294,2 миллион гектарро ташкил медиҳад, ки аз он 43,4 миллион гектар замини кишт мебошад. Масоҳати алафзорҳо ва чарогоҳҳо 220,1 миллион гектар ва майдони заминҳои обёришаванда 10,08 миллион гектар аст..." [260].

Дар Қазоқистон масоҳати заминҳои кишоварзӣ 226,6 миллион гектарро ташкил медиҳад, ки аз он 2,3 миллион гектараш обёрӣ мешавад.

Дар Ҷумҳурии Қирғизистон масоҳати умумии заминҳои барои фаъолияти кишоварзӣ мувофиқ 1062,0 ҳазор гектар, аз ҷумла 1308,9 ҳазор гектар заминҳои кишт мебошанд. Аз ҳаҷми умумии 1308,9 ҳазор гектар масоҳати замини кишт дар Қирғизистон 836,6 ҳазор гектар обёрӣ мешавад.

Мувофиқи маълумоти мавҷуда, "...дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фонди замин 14,31 миллион гектарро ташкил медиҳад, аз он ҷумла заминҳои кишоварзӣ - 4,3 миллион гектар, аз ҷумла 0,69 миллион гектари он

обёришаванда мебошад. Дар Тоҷикистон ба ҳар сари аҳолӣ 1,3 гектар ва тақрибан 0,12 гектар замини корам рост меояд” [236].

Дар Туркманистон масоҳати умумии заминҳои ҳамаи категорияҳо 49,4 миллион гектарро ташкил медиҳад, ки аз он заминҳои кишоварзӣ 40,54 миллион гектар ва заминҳои барои обёрӣ мувофиқ 7 миллион гектар мебошанд. Айни замон тақрибан 2 миллион гектар обёрӣ карда мешавад. Тибқи маълумотҳо аз масоҳати зикргардида, 70%-и ҳудудро қум, 7%-ро кӯҳҳои санглох, 5%-ро батракҳои намак ва 5%-ро заминҳои гил ташкил медиҳад.

Дар Ӯзбекистон “масоҳати умумии заминҳои кишоварзӣ 26,75 миллион гектарро ташкил медиҳад, ки аз онҳо 4,227 миллион гектар обёрӣ мешавад. Дар 30 соли охир масоҳати заминҳои обёришаванда 1,6 маротиба зиёд шудааст. Захираҳои замин, ки барои обёрӣ мувофиқанд, аз рӯйи ҳисобҳои гуногун, аз 7 то 10 миллион гектарро ташкил менамоянд” [236].

Ҷиҳати таҳлили боз ҳам дақиқтари ҳолати экологии кишварҳои минтақа баъзе рақамҳои дигарро дар муқоиса баррасӣ менамоем.

Дар Ҷумҳурии Қазоқистон бо сабаби нодуруст ва ғайриоқилона ба роҳ мондани фаъолият дар соҳаи об масоҳати умумии 21 миллион гектар замин эрозияи обӣ шудааст, ки аз ин 1,8 миллион гектараш заминҳои обёришаванда мебошад ва албатта, ҳолати ногувори экологиро низ ба миён овардааст. Илова бар ин 11,2 миллион гектар эрозияи хушкшавии хок, 181,3 ҳазор гектар биёбоншавӣ бо сабаби омилҳои техногенӣ, 376,7 ҳазор гектар шӯршавии (ботлоқшавӣ) заминҳои аҳамияти кишоварзидошта ба қайд гирифта шудааст [245].

Дар Ҷумҳурии Туркманистон ҳолат боз ҳам мураккабтар аст. Зиёда аз 60 фоизи масоҳати заминҳои киштшавандаро шӯршавии сатҳи миёна, баланд ва аз ҳад баланд фаро гирифтааст. Сатҳи эрозияи замин низ вобаста ба намуди заминҳо аз 53 то 87 фоизро ташкил менамояд. Қариб дар ҳудуди 60 фоизи заминҳои обёришаванда баландшавии сатҳи обҳои зеризаминӣ мавҷуд аст [236].

Ҷумҳурии Қирғизистонро низ мушкилоти экологӣ азият медиҳанд. Тибқи маълумоти мавҷуда 3,8 миллион гектар заминҳо, аз ҷумла 774 ҳазор гектар заминҳои хоҷагидорӣ ва 3 миллион гектар чарогоҳҳо шӯразамин гардидаанд. Аз масоҳати 1,36 миллион гектар замини корам 60 фоизи он ба эрозияи обӣ ва бодӣ табдил ёфта, 0,3 миллион гектар замини дигар ботлоқзор гардидааст, ки ҳолати ногувори экологӣ ба миён омадааст. Заминҳои аз эрозия хатарнок бошад зиёда аз 85 фоизи масоҳати Қирғизистонро ташкил медиҳад [236].

Яке аз мушкилоти экологии вобаста ба об, ки роҳи ҳаллаш хеле мураккаб мебошад, ин обхезӣ ва баландшавии сатҳи обҳои зеризаминӣ дар минтақа мебошад, ки боиси бад гардидани ҳолати муҳити зист шудааст. Обхезӣ дар натиҷаи болоравии сатҳи обҳои зеризаминӣ (1-1,5м), зери таъсири омилҳои табиӣ ва антропогенӣ ба амал меояд. Болоравии сатҳи обҳои зеризаминӣ аз сабаби фарсудаю корношоям будани инфрасохтори обёрӣ, заҳбур ва обҳои партов сар мезанад. Ин ҳолат бо сабаби ба вуҷуд овардани намии аз ҳад зиёд дар решаи растаниҳо, ботлоқшавӣ ва шӯршавии сатҳи ҳосилнокии заминҳои киштро ба маротиб коҳиш дода, муҳити зистро корношоям мегардонад. Дар Тоҷикистон минтақаи обхезӣ тақрибан 30-35 ҳазор гектарро ишғол мекунад [252]. Дар Қирғизистон бошад, тақрибан 133 нуқтаи аҳолинишин дар минтақаи зери об қарор дорад.

Дар Ӯзбекистон минтақаи зериобшуда 20% қаламравро ишғол мекунад, ки дар он тақрибан 5 миллион аҳолӣ зиндагӣ мекунанд [252]. Дар Туркманистон вилоятҳои Лебап, Дашоғуз ба обхезӣ бештар дучор меоянд (10% майдони обёришаванда). Ин ҳолат дар минтақаи Мурғоб ва Теҷен, ҳамвории доманакӯҳи Копетдаг, дар соҳили дарёи Қаракум, ки каналҳои Аму-Бухоро, Қаршӣ ва системаҳои бузурги коллекторӣ ҷой дорад.

Ин вазъ мушкилоти зиёди экологӣ ба монанди ифлосшавии муҳити зист, пайдоиши бемориҳои гуногуни сироятӣ, зиёдшавии ҳашаротҳои паҳнкунандаи бемориҳои сироятӣ ва ҳолати бисёр ҳузнангези ландшафтҳои табииро ба вуҷд овардаанд, ки мисли захм дар тани табиат ба назар мерасад.

Таҳлилу баррасии масоили экологии вобаста ба об ва вазъи имрӯзаи муҳити зисти минтақа дар нишондоду рақамҳо инъикосгари онанд, ки дар минтақа як қатор мушкилоти ҷиддии экологии рӯ ба инкишофе мавҷуданд, ки аз ҳалли саривақтии онҳо сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ва дурнамои ҳаёти осоиштаю муътадили наслҳои оянда вобастагии амиқ доранд.

Маҷмуи мушкилоти экологии минтақавии дар боло зикргардида, пеш аз ҳама ба паст шудани ҳосилнокии заминҳои аҳамияти кишоварзидошта, паст шудани даромади аҳолӣ, афзоиши бемориҳо, фавт, кам шудани давомнокии умр, таваллуди кӯдакон бо патологияҳои гуногун ва ғайра мегардад. Ин мушкилот ҳамзамон пайомадҳои зиёди манфии иҷтимоиро ба монанди аз даст додани минтақаҳои истироҳатӣ ва туристӣ, аз даст додани эътимоду боварии аҳолӣ ба сиёсати иқтисодию иҷтимоии давлату ҳукумат ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ғайра бо худ доранд.

Масалан, танҳо зарари иқтисодӣ аз биёбоншавии заминҳо, аз ҷумла заминҳои чарогоҳ аз якчанд нишондиҳандаҳо иборат аст, ки зарари мустақим (даромадҳои аз даст рафта) ва зарари ғайримустақимро (барқароркунии қобилияти истеҳсолии заминҳо) ташкил медиҳанд. Дар соҳаи чорводорӣ талафи маҳсулот дар натиҷаи кам шудани захираҳои хӯрок танҳо дар мисоли Туркманистон, ҳамасола 160,6 ҳазор доллари ИМА - ро ташкил медиҳад. Тибқи ҳисоби коршиносон хароҷоти барқарорсозии чарогоҳҳои таназзулёфтаи Туркманистон 156,780.0 ҳазор доллари ИМА –ро ташкил менамояд. Зарари иқтисодӣ аз шӯршавии дуюмдараҷаи заминҳо танҳо дар соҳаи пахтапарварӣ бо сабаби паст шудани ҳосилнокӣ ҳамасола дар Туркманистон 112713,7 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил медиҳад [236].

Мушкилоти бисёр мураккаби минтақавии экологии вобаста ба об дар Осиёи Марказӣ ин раванди шӯршавии заминҳо, махсусан, заминҳои аҳамияти кишоварзидошта мебошад.

Раванди шуршавӣ омили марказӣ ва асосии аз гардиши кишоварзӣ баромадани заминҳои кишт мебошад, ки заминҳои кишт хусусияти табиии худро аз даст медиҳанд. Омили асосии ташаккулёбии раванди шуршавии

заминҳо, махсусан, заминҳои дар гардиши кишоварзӣ қарордошта, ин сатҳи обҳои зеризаминӣ ва минерализатсияи онҳо мебошад. Аммо раванди шуршавии замин танҳо ба омилҳои кишоварзӣ алоқаманд нест. Тамоми заминҳои кӯҳӣ ва наздикӯҳӣ ин хусусиятро доранд ва дар онҳо раванди шӯсташавӣ ва шуршавӣ падидаи табиӣ мебошад. Тибқи арзёбии олимон сатҳи чуқурии обҳои зеризаминӣ дар шароити заминҳои кишти пахтаи Осиёи Марказӣ, ки ба шуршавӣ оварда мерасонад 2,0-2,5 метр мебошад [252] ва набояд сатҳи обҳои зеризаминӣ аз ин меъёр баланд гардад. Раванди шуршавӣ хосияти физикию химиявии хокро паст карда, самаранокии нуриҳои минералиро коҳиш дода, барои афзоиши растаниҳои киштшаванда монеа мешавад. Ғайр аз он, хлорид ва сулфат-хлорид, инчунин хлориди натрий, хлорид-магний, пайвастагиҳои карбонати натрий бо миқдори ками онҳо дар алоҳидагӣ ба рушди растаниҳои кишоварзӣ таъсири манфӣ расонида, боиси хушкшавии онҳо мегарданд. Афзоиши миқдори намак дар сатҳи 0.3-0.5% функсияи физиологии растаниҳои киштшавандаро халалдор сохта, ҳосилнокӣ ва сифати маҳсулотро ба маротиб коҳиш медиҳад.

Олимон чор шакли шӯршавии дуюмдарачаи заминҳои обёришавандаи аҳамияти гардиши кишоварзидоштаро муайян кардаанд, ки дар натиҷаи он дар замин доғҳо ба вуҷуд меоянд: шӯршавии пайдоиши доғҳои хурд, доғдор, доғҳои калон ва доғҳои яклухт. Ҳамаи шаклҳои шӯршавии заминҳо хоси заминҳои аҳамияти кишоварзидоштаи обёришавандаи Осиёи Марказӣ мебошад. Раванди шӯршавии заминҳо дар ин минтақа таърихи тӯлонӣ дошта, тибқи арзёбии олимон зиёда аз 8 ҳазор солро ташкил медиҳад. Яъне, ин ҳолат дар минтақа падидаи нав набуда, мувофиқи баъзе маълумотҳои археологӣ ин ҳолат дар давраҳои муайяни таърихӣ низ рӯй дода, ҳатто боиси ба кулли тағйир ёфтани тамаддун ва ҷомеаҳо дар Осиёи Марказӣ гардидааст. Дар пайи шӯршавии заминҳои кишт ва чарогоҳҳо нарасидани маҳсулоти хӯрокворӣ сокинони минтақа борҳо маҷбур шудаанд, ки низоми кори кишоварзиро ба куллӣ тағйир диҳанд ва ё кӯч баста, ба дигар маҳалҳо муҳоҷир шаванд. Ҳолати

имрӯза низ идомаи ҳамон раванди таърихӣ буда, маҷмуи мушкилоти истеҳсолиро дар пай дорад, ки дар натиҷаи он бухрони озуқаворӣ ногузир аст.

Раванди шӯршавии замин, асосан, дар водиҳо ба вуҷуд омада, дар он ҷо хок аз ҷинсҳои кӯҳии сахт таркиб ёфта, нишебиҳои сатҳи замин нисбатан хурд мебошанд. Дар водиҳо обҳои зеризаминӣ қариб, ки ягон маҷрои минтақавӣ надоранд ва ба сатҳи хок наздиканд. Динамикаи обҳои зеризаминӣ тавассути бухоршавӣ ва транспиратсия ба танзим даровард мешавад. Ҳатто дар мавсими кишт 35% обе, ки барои обёрии пахта дода мешавад, бухор мешавад, ки дар натиҷа намакҳои ҳалшаванда дар об аз қабатҳои амиқ ба сатҳи хок ҳаракат мекунанд.

Ҳассосияти заминҳои обёришаванда ба шӯршавии дуюмдараҷа, пеш аз ҳама бо зичии сатҳи обҳои зеризаминӣ алоқаманд аст.

Тибқи пешниҳоди олимони соҳаи экология ва кишоварзӣ нишондодҳои сатҳи обҳои зеризаминӣ ва пайдоиши мушкилоти экологӣ чунин аст:

- то сатҳи 1 метр бисёр хатарнок;

- то 1 - 2 метр хатарнок;

- то 2 – 3 метр каме хатарнок;

-то 3- 5 метр бехатар;

- аз 5 метр чуқур тамоман бехатар.

Тибқи маълумоти сатҳи обҳои зеризаминии аз 1 то 2 метр, яъне нишондоди хатарнок нисбат ба дигар кишварҳои минтақа дар Ҷумҳурии Туркманистон мавҷуд буда, зиёда аз 60% -и заминҳои обёришавандаро фаро гирифтааст. Ин ҳолат бештар дар минтақаҳои Лебап, Дашоғуз ва Мурғоби вилояти Марям ба қайд гирифта шудааст [236].

Раванди бошиддати шӯршавии дуюмдараҷа инчунин дар поёноби дарёҳои Аму ва Сир ба қайд гирифта шудааст, ки мувофиқи нишондодҳо аз 900 ҳазор гектар замини тадқиқшуда дар ин минтақа 413 ҳазор гектар замин дар ҳолати шӯршавии миёна ва 140 ҳазор гектар дар ҳолати шӯршавии баланд ва аз ҳад баланд қарор дорад. Ҳамин тавр, дар ҳудуди истгоҳҳои метеорологии

Чимбой ва Тахиаташ сатҳи намак аз 200300 т / га (1982) то 800-1000 т / га афзоиш ёфтааст [236].

Дар Қирғизистон мушкили шӯршавӣ он қадар ҷиддӣ нест. Мутобиқи баъзе маълумотҳо, заминҳои дорои сифати қаноатбахши мелиоративӣ 0,97 миллион гектар (91,5 фоизи масоҳати умумии обёришаванда) ва ғайриқаноатбахш (шӯршавӣ, ботлоқшавӣ ва шӯршавӣ) - 0,09 миллион гектар (8,5 фоиз) – ро ташкил менамояд. Қисмати асосии онҳо дар қаламрави минтақаҳои Чуй (26%), Нарин (15%), Талас (11%) ҷойгиранд [253].

Дар Тоҷикистон заминҳои шӯр нисбатан каманд, аз масоҳати умумии заминҳои обёришаванда - 0,7 миллион гектар 68% -и он дар ҳолати қаноатбахш қарор доранд [250]. Аммо таъсири эрозияи обӣ ва бодӣ ба сатҳи ҳосилнокии хок бештар ба мушоҳида мерасад.

Дар Ӯзбекистон тиибқи маълумоти мавҷуда, “ба ҳисоби миёна тақрибан 50%-и тамоми заминҳои обёришаванда, ба гурӯҳи заминҳои шӯр дохил шуда, масоҳати онҳо дар баъзе минтақаҳо тамоюли афзоиш доранд. Заминҳои шӯр бештар дар минтақаҳои Бухоро, Навоӣ ва Сирдарё ҷойгир мебошанд. Қариб 5% майдони заминҳои обёришаванда дар ин кишвар, ки баробар ба 200 ҳазор гектар мебошад, дар ҳолати шӯршавии баланд қарор доранд” [250].

То имрӯз роҳу воситаҳои гуногун ҷиҳати пешгирии раванди шӯршавии заминҳо, махсусан, заминҳои аҳамияти кишоварзидошта аз ҷониби олимону муҳаққиқон пешниҳод гардидааст, ки муҳимтаринашон чунин аст:

- истифодаи усулҳои агротехникӣ ва агромелиоративии шӯршавии заминҳои обёришаванда бо обёрӣ ва банақшагирии тирамоҳу зимистон;

- такмили усулҳои мавҷуда;

- истифодаи дурусти зироатҳои киштшаванда;

- истифодаи нақшаҳои муассири киштгардон, химияи хок ва ғайра;

- истифодаи усулҳои азхудкунии заминҳои шӯр ва усулҳои пешқадами каммасрафи обёрӣ ва дренажӣ;

- истифодаи самаранок ва оқилонаи заминҳои ҳосилхез;

- таъмини сатҳи коллекторӣ ва заҳбурӣ дар сатҳи муқаррарӣ;

- саҳм гузоштан ба азхудкунии 25-30% -и ҳаҷми умумии об ва ғайра;

- азнавсозии системаҳои обёрӣ ва танзими таъминоти об барои обёрӣ ва идоракунии минбаъдаи корҳои агротехникӣ, гидротехникӣ, мелиоративӣ ва зидди эрозия.

Калиди ҳалли ин масъала интиқоли замин ба моликияти хусусӣ ва иҷораи дарозмуддат мебошад, ки дар кишварҳои минтақа аллакай оғоз ёфтааст ва такмил дода мешавад. Таъсири мусбати ислоҳоти замин аллакай дар минтақа ба мушоҳида расида истодааст. Дар ин замина солҳои охир сатҳи ҳосилнокии умумии пахта, ғалладона ва дигар зироатҳои кишоварзӣ афзудааст.

Бояд қайд кард, ки Осиёи Марказӣ, асосан, минтақаи аграрӣ ба ҳисоб рафта, сатҳу сифати зиндагии мардум ба сифати обу замин вобаста аст. Ҳолати баррасигардида маълум сохт, ки даҳсолаҳо боз инҷониб мушкилоти экологии обу замин дар минтақа афзоиши бошиддат доранд. Дар минтақа аллакай шумораи муайяни муҳоҷирони экологӣ зиндагӣ мекунанд, ки далели дарёфт нагардидани роҳу воситаҳо ва усулҳои муосиру натиҷабахши ҳалли масоили экологӣ дар минтақа мебошад.

Аз таҳлилҳои анҷомдода маълум гардид, ки дар Осиёи Марказӣ якчанд мушкилоти мураккаби минтақавии экологии вобаста ба об ҷой доранд, ки дар сурати дарёфт нагардидани роҳу воситаҳои ҳаллу бартарафсозии онҳо метавонанд ба сатҳу сифати зиндагии сокинони минтақа таъсири зиёди манфӣ расонида, мушкилоти азими иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсиро ба вуҷуд биёранд. Ин мушкилиҳо хеле мураккабанд ва андешидани маҷмуи тадбирҳои байнисоҳавӣ, байнидавлатӣ, минтақавӣ ва байналмилалиро тақозо менамоянд.

1. Тағйирёбии иқлим;
2. Обшавии босуръати пиряххо;
3. Камшавии захираҳои об;
4. Зиёдшавии босуръати талабот ба оби нӯшокӣ ва кишоварзӣ;
5. Рушди босуръати демографӣ;
6. Камшавии масоҳати заминҳои киштшавандаи ҳосилдеҳ;
7. Зиёдшавии эрозияи замин;

8. Зиёдшавии масоҳати шӯршавии заминҳои аҳамияти кишоварзидошта;

9. Рушди бошиддати раванди биёбоншавӣ;

10. Паст гардидани сатҳи ҳосилнокии заминҳои кишт;

11. Бад гардидани ҳолати экологии муҳити зист;

12. Зиёд шудани миқдори офатҳои табиии марбут ба об.

Ин ҳолат дар минтақа парадоксро ба вуҷуд овардааст. Аз як ҷониб рушди аз ҳама босуръати демографӣ дар ҷаҳон маҳз дар ҳамин минтақа ба қайд гирифта шудааст, ки дар ин сурат талабот ба об, замин, маводи озуқа ва дигар маводҳои ниёзи иҷтимоию маишӣ ҳар лаҳза зиёд мегардад. Аммо, дар баробар ин захираҳои обу замин ва сатҳи ҳосилнокии заминҳои кишт торафт кам мегардад. Илова бар ин, мушкилоти зиёди экологии обу замин, ки дар боло зикрашон рафт рӯ ба инкишоф дошта, номуайянӣ ва монеаҳои зиёди иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсиро дар пай доранд.

Хулоса, ин ҳолат андешидани тадбирҳо ва чораҳои муассиру натиҷабахш ва илман асоснокро дар самти сиёсати минтақавии экологӣ талаб менамоянд. Дар ин сурат давлатҳои минтақаро зарур аст, ки ба хотири таъмини амнияти экологӣ, ки қисми таркибии амнияти миллӣ ва минтақавиро ташкил менамояд, чораҳои қатъӣ андешида барномаю стратегияҳои давлатиро дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва сиёсати экологӣ бозбинӣ намуда, ҷиҳати навсозӣ ва ба талаботи вақт мутобиқ таҳия ва амалӣ намудани онҳо аз тамоми роҳу воситаҳои имконпазири сиёсию иқтисодӣ, молиявию ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ кор гиранд.

Аз рӯи таҳлилҳои дар боло қайд шуда, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки андешидани тадбирҳои зерин метавонад то андозае масоили экологии вобаста ба обро дар давлатҳои Осиёи Марказӣ ҳаллу фасл намуда, боиси хубу беҳтар гардидани вазъи экологӣ дар минтақа гардад:

1. Ташаккул додани институти ҳифзи пиряххо аз сатҳи миллӣ ба сатҳи минтақавӣ;

2. Модернизатсияи пурраи тамоми инфрасохтори обрасонии соҳаи кишоварзӣ;

3. Татбиқи роҳу усулҳои муосиру натиҷабахши обёрии соҳаи кишоварзӣ;

4. Истифода аз обёрии қатрагӣ ва ба пуррагӣ даст кашидан аз роҳу усулҳои обёрии куҳнашуда ва сермасраф;

5. Таъмини рушди соҳаи гидроэнергетика ва ба роҳ мондани ҳамкории мутақобилан судманди байнидавлатӣ ва минтақавӣ дар самти бунёди нерӯгоҳҳои барқи обӣ, ки дар навбати худ, дар баробари таъмини танзими боэътимоди бисёрсола ва мавсимии ҷараёни об, ба пешгирии обхезиҳо ва сабуксозии оқибатҳои хушксолӣ мусоидат мекунанд;

6. Ба танзим даровардани ҳаҷми оби дарёҳои фаромарзӣ;

7. Ташкил кардани инфрасохтори нав дар соҳаи обу нерӯи барқ бо истифодаи технологияҳои нав;

8. “Истифодаи оқилонаи иқтидори обию гидроэнергетикии минтақа, ки танзими лозимии мавсимӣ ва дарозмуҳлати захираҳои об таъмин карда шавад. Дар шароити таъсири афзоишёбандаи тағйирёбии иқлим ва дигар чолишҳои минтақавӣ ин амр заминаи мусоиди расидан ба амнияти вобаста ба обро фароҳам оварда, имконияти коркарди нерӯи барқи арзон ва аз лиҳози экологӣ тоза, ҳамчунин паст кардани хатари обхезиҳо, таъсири хушксолиҳо ва камобӣ, маҳдуд кардани партовҳои газҳои карбон ба ҳаво ва солим гардонидани иқлими минтақаро медиҳад. Ҳамаи ин заминаву имкониятҳо ба конвенсияҳои байналхалқӣ ва санадҳои меъёриву ҳуқуқии байналмилалӣ назири Протоколи Киото мутобиқати комил доранд” [93].

9. Истифодаи оқилона ва сарфакоронаи оби дарёҳои фаромарзӣ;

10. Ҳифзи «ҳаққи табиат» ҳангоми истифодаи оби дарёҳои фаромарзӣ;

11. Эътирофи арзиши иқтисодии об;

12. Ҳамкории байнидавлатӣ ва минтақавӣ дар самти пешгирӣ ва бартарафсозии офатҳои табиии марбут ба об;

13. Таҳия ва татбиқи стратегияи ягонаи минтақавии экологӣ;

## 3.2. Мушкилоти экологии баҳри Арал ва дурнамои масоили обӣ – экологӣ дар минтақа

Тавре дар зербоби 3.1. қайд гардид, бисёре аз мушкилоти экологии Осиёи Марказӣ тавъам ба масоили истифодаи обу замин буда, дар пайи истифодаи ғайриоқилона ва бенизом ба вуҷуд омадаанд. Яке аз чунин мушкилиҳои мураккаб масъалаи хушкшавии баҳри Арал мебошад, ки хатари воқеан ҷиддии экологиро дар пай дорад. Дар шароити имрӯза ва бо назардошти паёмадҳои зиёди манфии экологии дар натиҷаи хушкшавии баҳри Арал бавуҷудомада ва атрофи онҳо, ин масъала аллакай аҳамияти байналмилалӣ пайдо кардааст.

Арал маънои ҷазираро дошта, он дар байни биёбонҳои Қарақум ва Қизилилқум ҷойгир шудааст. Дар асл баҳри Арал як кул аст, ки сарчашмаи асосии ҷараёни дарёҳои бузургтарин ва фаромарзии Осиёи Марказӣ дарёи Аму ва дарёи Сир мебошанд. Пеш аз оне, ки ин баҳр ба бухрони обӣ гирифтор гардид, он дар дунё аз ҳисоби сатҳ ва ғунҷоиши об мавқеи чорумро касб менамуд. Чунон ки аз маъхазҳои муътамад малум аст: “...қаъри обаш 66100 $км^2$ ва ҳаҷми об дар он 1064 $км^3$-ро ташкил медиҳад. Дар тӯли 35 ҳазор соли охир сатҳи он ба таври назаррас тағйир ёфтааст. Тавре арзёбӣ гардид, дар солҳои шастуми асри гузашта, сатҳи он тақрибан 53 метр аз сатҳи баҳрро ташкил дода, минерализатсияи об дар он тақрибан 4% –ро ташкил медод. Дар он якчанд намудҳои эндемикии ҳайвонот ва растаниҳои баҳрӣ мавҷуд буданд. Баҳр дорои аҳамияти бузурги нақлиётӣ, моҳидорӣ, иқлимӣ ва иҷтимоӣ буд. Дар миёни биёбонҳои бузург, он ба монанди марворид ва дурдона медурахшид. Мушкилоти баҳри Арал ҳанӯз аз солҳои 1960-1970 дар натиҷаи сохтани обанборҳои бузург дар дарёҳое, ки маҷрои онҳо ба ин баҳр мерехт, оғоз гардидааст” [260].

Ю.Х. Рысбеков чунин мешуморад, ки: “дар давраи пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ, баҳри Арал тақрибан 60%-и ҳаҷми худро аз даст дода, чуқурии он 14 метр коҳиш ёфта, минерализатсияи об дучанд шуда, ба соҳаи моҳидорӣ зарари

ҷиддӣ расида буд. Тӯфонҳои азим садҳо километр дур аз баҳр ба хоҷагиҳо хокаи заҳролудро мерасонданд ва заррахои хурди хокро иборат аз гербисидҳо ва пестисидҳо, ки тӯли даҳсолаҳо дар қаъри баҳр ҷамъ шудаанд, мерасонад” [207, с. 94].

Тибқи маълумоти мавҷудаи демографӣ ва иҷтимоӣ “давомнокии умри аҳолии дар минтақаҳои назди баҳр истиқоматкунанда назар ба дигар минтақаҳо хеле пасттар гардидааст. Дар айни замон, аз ҳаҷми панҷоҳ сол пеш доштаи баҳр аз чор як ҳиссааш боқӣ монда, дар натиҷаи хушкшавӣ он ба ду қисм баҳри Шимолии Арал ва баҳри Ғарбии Арал ҷудо шудааст. Хушкшавии баҳри Арал ба тағйироти амиқи экосистемаи он, рушди равандҳои биёбоншавӣ дар гирду атроф ва оқибатҳои назарраси манфӣ ва иҷтимоию иқтисодии кулли минтақа оварда расонидааст” [169].

Дар давоми солҳои 1920 то 1991 минтақаи Осиёи Марказӣ бевосита аз ҷониби Иттиҳоди Шуравӣ идора карда мешуд. Дар тамоми самтҳо сиёсати кишварҳои Осиёи Марказӣ бо дастури Бюрои сиёсӣ аз Маскав таҳия ва роҳандозӣ мегардид. Тавре маълум аст, иқлим ва хоки ин минтақа барои парвариши пахта мувофиқ буда, ҳосили баланд медиҳад. Хушкшавии баҳри Арал раванди тӯлонӣ буда, даҳсолаҳоро дар бар мегирад. Баҳсҳо доир ба истифодаи оби ин баҳр, ҳанӯз даҳсолаҳо қабл аз оғози раванди хушкшавии он сар шуда буд.

Олими иқлимшинос ва географи рус А.И. Воейков “ҳанӯз соли 1908 ҷиҳати истифодаи оби ин баҳр изҳори назар кардааст” [232, с. 146]. Муҳақиқон М.Х. Гланс ва И.С. Зонн дар масъалаи баҳри Аралро чунин таҳлил намудаанд: “Раванди пастшавии сатҳи оби баҳр ва таъсири он ба ҳаёти ҷомеаи минтақаро вобаста аз ҳаҷми оби дарёҳо таҳия ва пешниҳод менамояд, ки дар айни замон тамоми нигарониҳои ӯ нисбат ба сатҳи пастшавии оби баҳри Арал комилан ба воқеият табдил ёфтаанд. Новобаста аз ин пешниҳод, роҳбарияти вақти Иттиҳоди Шуравӣ солҳои 1950 дар бораи дучанд зиёд намудани майдони кишти пахта дар ҳавзаи баҳри Арал қарори дахлдор қабул менамояд” [259, с. 143].

Пахта зироати асосии парваришшаванда дар Осиёи Марказӣ маҳсуб меёфт, зеро ҳам иқлим ва ҳам хоки минтақа барои парвариши он мутобиқат мекард. Дар ин раванд об ба сарвати камёб ва осебпазир табдил меёбад. Тибқи маълумоти яке муҳақиқони ватанӣ У.И. Муртазаев чунин аст: “...миқдори истеъмоли об, махсусан, дар соҳаи кишоварзӣ то солҳои 1950 дар доираи меъёри муайян буд, ки ба ҳолати экосистемаҳо таъсири манфӣ надошт” [193, с. 144]. Аммо аз ин давра оғоз гардида, миқдори истеъмолу истифодаи об аз ҳад зиёд гардида, маҷрои дарёҳои то баҳр резанда кам гардида, тавозуни гидрологиро таъмин карда натавонист. Илова ба тағйиротҳои камшавии муқаррарии солонаи об дар дарёҳо, дар натиҷаи фаъолияти аз ҳад зиёди хоҷагидорӣ миқдори обе, ки ба баҳр мерезад, аз ҳад зиёд коҳиш меёбад. “...Ин дар навбати худ, афзоиши истифодаи обро аз ду дарёи калонтарини минтақа - Амударё ва Сирдарё талаб мекард. Дар ин раванд аллакай соли 1960 майдони кишти пахта ба 4 миллион гектар расонида шуда, ҳаҷми истифодаи об даҳҳо маротиба зиёд мегардад. Дар оғози солҳои 1990 бошад майдони кишти ин навъи зироати кишоварзӣ ба 8 миллион гектар расонида мешавад...” [207, с. 97]. Аммо, ин ҳам ҳанӯз анҷоми раванди зиёдшавии майдони кишти пахта набуд.

Дар ин давра сарони кишварҳои Осиёи Марказӣ борҳо доир ба нестшавии баҳри Арал ҳамчун мушкилоти глобалӣ ибрози назар намудаанд. Ин маънои онро дошт, ки ҳанӯз дар ҳамон давра ҳалли ин мушкилӣ иштироки фаъоли ҷомеаи ҷаҳониро талаб мекард.

Яке аз муҳаққиқони тоҷик С.З. Қувватзода захираҳои оби минтақаи Осиёи Марказиро чунин таҳлили оморӣ намудааст: “Асоси захираҳои оби минтақаи Осиёи Марказиро дарёҳои Сир ва Ому ташкил менамоянд, ки онҳо аз пиряххҳои кӯҳҳои Помиру Тиёншон сарчашма гирифта, тавассути Тоҷикистон ба Ӯзбекистон ва Қазоқистон ҷорӣ мешавад. Маҷрои миёни солонаи дарёи Сир 37км$^3$-ро ташкил дода, аз он 74 фоиз да Қирғизистон, 14 фоиз дар Ӯзбекистон, 9 фоиз дар Қазоқистонва 3 фоиз дар Тоҷикистон ташаккул меёбад.

Аммо, истфодаи оби дарёи Сир нишондоди тамоман дигар мебошад. Бар асоси маҳдудияти дар замони Шуравӣ ҷудошуда Ӯзбекистон 50,5%, Қазоқистон 42% Тоҷикистон 7% ва Қирғизистон ҳамагӣ ним дарсад аз маҷрои оби дарёи Сирро истифода мебаранд" [221, с. 32]. Гачанде ки сарчашмаи тавлиди дарёи Сир дар қаламрави Қирғизистон мебошад, аммо истифодабарандагони асосии он Ҷумҳурии Узбекистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон мебошанд.

Тибқи маълумоти мавҷуда, "зиёда аз 80%-и маҷрои дарёи Ому, ки ҳаҷми миёнаи дарозмуҳлати он 78 километри мукаабро ташкил медиҳад, дар ҳудуди Тоҷикистон, 6 дар ҳудуи Ӯзбекистон, 2,4 фоиз дар Қирғизистон, 3,5 фоиз дар Туркманистон ва 7,9 фоиз дар Эрону Афғонистон Ташаккул меёбад.

Ҳарчанд қисми мутлақи захираҳои оби дарёи Ому дар қаламрави Тоҷикистон ташаккул меёбанд, аммо истифодабарандаи асосии он давлатҳои дигар, махсусан кишварҳои Ӯзбекистон ва Туркманистон мебошанд. Аз маҷрои умумии оби дарёи Ому Ӯзбекистон 42,2 фоиз, Туркманистон 42,3 фоиз, Тоҷикистон 15,2 фоиз ва Қирғизистон 0,3 фоизистифода менамоянд" [221, с. 32].

Бисёр сабабҳои объективии иштироки ҷомеаи ҷаҳонӣ дар раванди бартарафсозии оқибатҳои ногувору маргбори баҳри Арал мавҷуд аст. Аммо, имрӯз нигаронии ҷомеаи ҷаҳонӣ дар бораи сарнавишти баҳри Арал бештар башардӯстона ва ихтиёрӣ аст ва набояд ҳамчун ҳатмӣ қабул карда шавад. Бояд тазаккур дод, ки хушкшавии ин баҳр пурра омили антропогенӣ ё инсонӣ дорад. Яъне, Ҳукумати вақти Иттиҳоди Шуравӣ хуб дарк мекард, ки раванди зиёдкунии майдони кишт ва истифодаи ғайриоқилонаи обу замин дар пай ҷӣ натиҷаҳои манфӣ дорад. Маълум аст, ки хушкшавии баҳри Арал ягон рабт ба ҷомеаи ҷаҳонӣ надорад. Он дар натиҷаи қабули қарорҳои нодурусти роҳбарияти вақти Иттиҳоди Шуравӣ ба вуҷуд омадааст, ки онҳо дидаву дониста ҳадафҳои муайяни рушди иқтисодро арзишмандтар аз масоили экологӣ дониста, бар зарари муҳити зист ва ҳаёти аҳолии минтақа амал намуданд. Имрӯз ҳамагон хуб медонем, ки зарари расидаи иқтисодию иҷтимоӣ

дар пайи хушкшавии баҳри Арал ба аҳолии минтақа садҳо маротиба зиёдтар аз фоидаи иқтисодии рӯёнидаи Иттиҳоди Шуравӣ дар давоми солҳои 1960-1970 мебошад.

Дар ибтидо, мушкилоти хушкшавии ин баҳр масъалаи маҳаллӣ ва баъдан минтақавӣ аст, на ҷаҳонӣ. Аммо хушкшавӣ ва нестшавии баҳр ҳолати вазнину мураккаби экологӣ ва гуманитариеро ба вуҷуд овард, ки боиси таваҷҷуҳи ҳамаҷонибаи ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор гирифт. Дар хотир бояд дошт, ки таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба минтақаи Арал пас аз он ки ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ҷараёни сиёсати нави шаффофият ба маълумоти ҷомеа расонид, дар бораи харобшавии экологии минтақаи Арал ва таъсири он ба саломатии инсон якбора афзуд. Тақдири мушкили мардум, фарҳанг ва муҳити зист таваҷҷуҳи бисёриҳоро ба худ ҷалб кард, ки он рӯзҳо дар бораи ин минтақа ҳеҷ чиз нашунида буданд [115].

Дар мақолаи маводи электронӣ (National Geographic) чунин оварда шудааст: “Соли 1990 доир ба мушкилоти мураккаби хушкшавии баҳри Арал, паёмадҳои ногувори он ва дар натиҷаи он бад шудани ҳолати зисту зиндагии сокинони наздисоҳилии ин баҳр, махсусан, аҳолии Қарақалпоқистон маҷаллаи амрикоии Географияи Миллӣ мақола ба нашр мерасонад” [228]. Дар мақолаи мазкур аксҳо низ ҷойгир карда мешаванд, ки ба таври амиқу равшан боқимондаҳои зангзадаи қаиқҳои моҳигирон инъикос ёфтааст. Бандари машҳури Мӯнак, ки дар соҳили баҳри Арал ҷойгир буд, айни замон садҳо километр дуртар аз соҳил меистад.

Дар ин замина, таваҷҷуҳи ҷомеаи байналмилалӣ доир ба суботи экологӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ боз ҳам бештар гардида, масъалаи истифодаи оқилонаи захираҳои об ба сархати аввали ҳамкориҳои байнидавлатӣ ва минтақавию байналмилалӣ табдил ёфт.

Дар айни замон, “ҳукуматҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ бояд бори дигар мушкилоти байналмилаливу дохилиро вобаста ба об (сифат ва миқдори он) ва саломатии инсон (беморӣ ва фавт) ҳаллу фасл кунанд. Мутаассифона, хушкшавии баҳри Арал як намунаи олии "оҳиста-оҳиста" ё ҷамъоварии

қабатҳои тағйирёбандаи экологӣ мебошад, ки ба офатҳои экологӣ хотима мебахшанд” [260, с. 94].

Дар назари аввал, ин дигаргуниҳои экологӣ ночизанд ва тадриҷан афзоиш меёбанд ва қобилияти бо мурури замон бузург шуданро доранд ва мо пеш аз он, ки онҳо як ҳадди муайянро “убур” мекунанд, пешгӯӣ карда наметавонем. Чунин тағйирот тақрибан дар тамоми мавридҳо ба офатҳои афзояндаи экологӣ табдил меёбанд, ки таваҷҷуҳи ҳадди аксарро дар ҳама сатҳҳо - аз сатҳи маҳаллӣ то миллӣ талаб мекунад.

Мо ин равандро дар мисоли тамокукашӣ, ки дар ибтидо як амали оддӣ ва “дилхушӣ” ба назар расида, оқибат ба ҳолатҳои вазнини иқтисодию иҷтимоӣ, бад шудани саломатӣ ва ниҳоят ба марг мерасонад, дида метавонем. Пешгӯӣ ва муайян кардани ҳадди ниҳоии тағйироти экологӣ хеле душвор аст. Ин раванд ба тағйироти ҷиддӣ дар саломатии инсон, ки оҳиста – оҳиста ва дар муддати тӯлонӣ ҳангоми сигоркашӣ ба амал меоянд, шабоҳат дорад.

Масалан, агар мо ба хокистардони тамокукашии пур аз хокистари тамоку нигарем, оё мо тахмин ё муайян карда метавонем, ки кадоме аз тамокуи кашидаи мо ҳуҷайраҳои бемории саратонро дар организми мо фаъол кардааст. Ин тамокуи даҳ сол пеш кашидаи мо буд ё тамокуе, ки мо чанд лаҳза пеш кашидем? Ё шояд он яке аз даҳҳо ҳазор тамокуи кашидаи мо бошад? Инро мо ҳеҷ вақт муайян карда наметавонем. Аммо як чиз ба мо комилан маълум аст, ки тамокукашӣ хатари ҷиддии гирифтор шудан ба бемории саратони шушро дорад ва миёни ҳарду алоқамандии зич мавҷуд аст [170, с. 147]. Инро даҳсолаҳо боз ҳамагон хуб медонанд, аммо ба он чашм пӯшида, бо кашидани ҳар як тамоку хатари онро зиёд месозанд ва аз ҷиҳати равонӣ худро гӯё тасалло медиҳанд. Бо вуҷуди ин, на ҳама тамокукашони ашаддӣ бо сабаби гирифтор шудан ба бемории саратони шуш ба ҳалокат мерасанд. Ва ин фарқи асосии байни тамокукашӣ ва тағйирёбии экологӣ мебошад: мо метавонем оқибати чунин тағйироти манфиро бо миқдори муайяни эътимод пешгӯӣ кунем ва ин тағйиротро бо он тағйироте, ки аллакай дар ҷойи дигаре амалӣ шудаанд, муқоиса кунем.

Ҳеҷ як кишвар аз чунин тағйирёбиҳои экологӣ ва мушкилоти вобаста ба онҳо эмин буда наметавонад. Онҳо одатан дар пайи муносибати мутақобилаи инсон бо табиат ба вуҷуд меоянд. Дар бораи мушкилоти экологии ҳар як кишвар фикр кунед: ифлосшавии ҳаво, боронҳои кислотагӣ, газҳои гулхонаӣ, нобудшавии ҷангалҳо, эрозияи хок, биёбоншавӣ, ифлосшавии об, камшавии обҳои зеризаминӣ, обшавии босуръати пиряххо, шикори аз ҳад зиёди моҳӣ ва даҳҳо мушкилоти дигар. Дар ҳар яке аз ин мушкилиҳои арзёбигардида, кори дасти инсон аст.

Имрӯз бо назардошти омилҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва молиявию техникӣ, ҳамзамон мавқеи ҷойгиршавии географӣ танҳо теъдоди ками кишварҳо омодаанд, ки бо мушкилоти зудтағйирёбандаи экологӣ мубориза баранд. Чунки сатҳи чунин мушкилотро пешгӯӣ кардан хеле душвор аст. Тасмимгирандагон бо сабабҳои гуногун аксар вақт ба онҳо рақамҳои мушаххасро тақозо мекунанд, ки мавҷудияти ҳадди тағйироти бебозгашти муҳити зистро тасдиқ мекунанд, аммо қаблан муқаррар намудани чунин ҳадди ниҳоӣ ва инчунин гузаштани онҳо мушкил аст. Дар баробари ин, тағйироти экологӣ ва оқибатҳои он марҳила ба марҳила вазнинтар шуда истодаанд, бартараф кардани онҳо торафт мушкил шуда истодааст ва маблағҳои зиёдтар талаб карда мешаванд. Ин ба кишварҳои сарватманд ва камбизоат, саноатӣ ва кишоварзӣ, новобаста аз режимҳои сиёсии дар онҳо мавҷудбуда (демократӣ ё авторитарӣ) дахл дорад. Далели раднашаванда он аст, ки хатари баланди деградатсияи экологӣ дар ҷойҳое мавҷуд аст, ки таъсири афзояндаи инсон бо муҳити зист ҷой дорад.

Ҳамин тавр, дар маркази мушкилот маҷмуи равандҳои қабули қарорҳо ва оҳиста – оҳиста ба вуҷуд овардани дигаргуниҳои экологӣ меистад. Ба андешаи М.Х. Гланс чунин аст: “Онҳо метавонанд ба мо эътироз кунанд, ки сатҳи баланди чунин тағйирот ташвишовар аст ва шахсони тасмимгирандаро водор мекунанд, ки ба зудӣ ба онҳо вокуниш нишон диҳанд, дар ҳоле ки тағйироти суст ба онҳо муносибати ғайрифаъолро ба бор меоранд. Чи тавре ки одамон одатан арзиши молҳову хадамоти ояндаро коҳиш медиҳанд, онҳо арзиши

ҳамаи молу хидматҳои гузашта, ки аз муҳити зист ба даст меоянд, коҳиш медиҳанд” [169, с. 148].

Маълум аст, ки ҷомеаи инсонӣ ҳамеша дар пайи тағйирот қарор дорад ва дар раванди табиии ивазшавии наслҳо, наслҳои нав ба ҳаёт қадам гузошта, ба воя мерасанд. Ва наслҳои ҳозира танҳо афсонаҳои “рӯзҳои хуби куҳна”-ро мешунаванд. Аммо худи онҳо дар он рӯзҳо зиндагӣ намекарданд, ки ҳаво ва об ифлос намешуданд, ва ҳангоми нарасидани об, масалан, дар поёноби Амударё ва Сирдарё. Имрӯзҳо дар баҳри Арал ду насл зиндагӣ мекунанд - яке калон шуд ва дар соҳили баҳр зиндагӣ кард, дигаре дар биёбон калон шуд ва зиндагӣ мекунад ва танҳо ҳикояҳоро дар бораи баҳр мешунавад. Эҳтимол, онҳо намедонанд, ки пеш аз хушк шудани баҳри Арал чӣ ҳаёт буд, онҳо дар бораи он танҳо аз таърих, филмҳои мустанад, экспонатҳо аз музейҳои маҳаллӣ ва ҳикояҳои пирони рӯзгор мешунаванду мебинанд.

Арзёбии бештари тағйиротҳо ва оқибатҳои ногувор дар пайи хушкшавии баҳри Арал ба саҳми аҳолӣ ва шахсони қарорқабулкунанда метавонад сатҳи масъулиятшиносӣ ва ҷавобгарии онҳоро дар назди наслҳои имрӯзаю оянда баланд бардошта, ҷомеа ва махсусан, шахсони мансабдори воломақом бояд доир ба таъсири манфии ин ҳолат ба саломатӣ, сатҳи некуаҳволӣ ва умуман ҳаёти наслҳои оянда маълумоти мушаххасу доимӣ дошта бошанд.

Муҳаққиқони хориҷӣ назарияҳои илмии худро пешниҳод карда, чунин иброз намудаанд: “...оид ба баҳри Арал новобаста аз мураккабии ҷузъҳои ҷудогонаи он ва таъсири мутақобилаи онҳо комилан фаҳмо ва дастрас мебошанд. Таҳқиқотҳои сершумори дар тӯли панҷоҳ соли охир гузаронидашуда ба муҳаққиқон миқдори зиёди маводи воқеиро дар бораи иқлим, захираҳои об ва хоки минтақа пешниҳод намуд” [263, с. 103]. Тавозуни гидрологии он низ хуб омӯхта шуда, раванди таъсиррасонӣ ва халалдорсозии қарорҳои сиёсӣ ба он муайян гардидааст. Равшан аст, бо сабабҳои бухоршавӣ ва истифодаи бевоситаи об барои эҳтиёҷот дар ҳама ҳолат талафоти об дар баҳр нисбат ба воридшавии он бештар аст.

Омили меҳварии хушкшавии баҳр ва заҳролудшавии обу заминҳои кишоварзӣ дар минтақа усулҳои гидротехникӣ ва агротехникии парвариши пахта буд. Миқдори нуриҳои минералӣ ба монанди гербисидҳо ва пестисидҳо аз ҳад зиёд ба кор бурда мешуд. Андешаи он ҷой дошт, ки агар миқдори муайяни онҳо сатҳи ҳосилнокиро зиёд кунад, пас миқдори зиёди онҳо ҳосилнокиро боз ҳам зиёд мекунад. Ба ҳамин монанд захираҳои обро низ истифода мекарданд. Кор то сатҳе расида буд, ки барои дастёб гардидан ба ҳосили баланд ҳеҷ чизро, махсусан, миқдори аз ҳад зиёди об ва нуриҳои минералиро дареғ намедоштанд.

Бо назардошти ин, ба зарари ба муҳити зист расида, ки оқибатҳои манфии дарозмуддати экологию иҷтимоиро дар пай дошт, диққати зарурӣ дода намешуд. Нақшаҳои истеҳсолии аз ҷониби Марказ – Москва пешниҳодшаванда роҳбарони сиёсии минтақавӣ ва колхозу совхозҳоро маҷбур месохт, ки коргарони оддӣ ва мардуми дар саҳро фаъолияткунандаро зери фишори зиёд кор фармоянд, то ки нақшаҳои ғайривоқеӣ амалӣ шаванд. Маҳз бо ҳамин сабаб бисёре аз нақшаҳо танҳо дар рӯйи қоғаз иҷро мегардид. Сохтакорӣ ва тақаллубкории ҳуҷҷатҳо доир ба барзиёд нишон додани истеҳсоли пахта, ҷиҳати бовар кунонидани Бюрои сиёсӣ дар бораи иҷрои нақшаи истеҳсол низ ҷой дошт.

Роҳбарони вақти Бюрои Марказӣ танҳо дар бораи таъмини пурраи Иттиҳоди Шуравӣ бо пахтаи истеҳсоли худӣ ва баровардани он аз вобастагӣ андеша намуда, аз масофаи ҳазорҳо километр дуртар аз Осиёи Марказӣ нишаста, дар ин бора ба роҳбарияти кишварҳои ин минтақа дастур медоданд. Дар чунин ҳолат чӣ тавр метавон дар бораи вазъияти экологӣ ва ҳолати обу замини минтақа сухан гуфт. Дар баробари гузоштани талаботи миёншикани истеҳсоли пахта, боз талаб мекарданд, ки захираҳои обу замин самаранок истифода гардад. Аммо дар бораи иҷрои чунин талабот танҳо бо забон сухан гуфтан осон буд.

Бояд гуфт, ки барои асоснок кардани қарорқабулкунандагон дар ин кишварҳои нисбатан ҷавони мустақил, ки мушкилоти баҳри Арал ва экологияи

он ягона мушкилоте набуданд, ки ин пешвоён бояд ҳаллу фасл мекарданд. Дар хотир бояд дошт, ки сатҳи баҳр на баландшавии ногаҳонӣ, балки оҳиста-оҳиста кам мешуд. Дар ҳоле ки ин тағйироти ниҳоӣ идома доштанд, роҳбарон бояд дар бораи мушкилоти нисбатан таъхирнопазир қарор қабул мекарданд. Вазъи "муқаррарӣ" дар он давра буд, ки 5 кишвари ҳавзаи баҳри Арал дар Осиёи Марказӣ (ва Афғонистон) дар шароити фишори назарраси сиёсӣ ва иқтисодӣ амал мекарданд.

Суръати баланди зиёдсозии майдони кишт ва истифодаи ғайриоқилонаи захираҳои об, бунёди инфрасохтори зиёди обёрӣ дар дарёҳои фаромарзӣ, ки асоси ҳастии баҳри Арал буданд, боиси хушкшавии он гардиданд. Яъне, омили асосии мушкилоти экологии баҳри Арал ва дигар мушкилоти муҳити зисти вобаста ба он маҳз миқдори аз ҳад зиёди майдони кишт ва истифода нагардидани технологияҳои каммасрафи обтаъминкунӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ мебошад.

Далели равшан ва раднашаванда дар ин самт мавҷудият ва фаъолияти миқдори аз ҳад зиёди обанборҳои сунъӣ дар минтақа, махсусан, дар кишварҳои поёноб мебошад, ки то ҳанӯз захираҳои об ба таври ғайриоқилона истифода гардида истодааст.

Агар дақиқтар таҳлилу баррасӣ намоем, миқдори зарурии об, ки баҳри Арал дар пайи норасогии он хушк гардидааст, дар ҳамин обанборҳо ҷойгир аст.

**ОБАНБОРҲОИ ҲАВЗАИ БАҲРИ АРАЛ**

| **Номгӯй** | **Соли ба истифода додан** | **Ҳаҷми пурра** | **Ҳаҷми нопурра** | **Сарчашма** |
|---|---|---|---|---|
| | | **млн.куб. м.** | | |
| **ҲАВЗАИ ДАРЁИ ОМУ** | | | | |
| **Ҷумҳурии Ӯзбекистон** | | | | |
| Тюямуюн | 1980 | 7800 | 2550 | Дарёи Ому |
| Тудакул | 1986 | 1200 | 50 | АБМК |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Талимарҷон | 1978 | 1525 | 125 | КМК |
| Сурхани Ҷанубӣ | 1962 | 800 | 210 | Сурхандарё |
| Туполанг | 1985 | 500 | 30 | Туполанг |
| Шуркул | 1978 | 170 | 17 | Зеарафшон |
| Куя Мазор | 1957 | 320 | 80 | АБМК |
| Акдарё | 1989 | 130 | 20 | Акдарё |
| Каттақурған | 1941 | 840 | 24 | Зарафон |
| Қараултубин | 1984 | 53 | 3 | Зарафон |
| Қамашин | 1957 | 29,5 | 5,7 | Яккабоғдарё |
| Каттасай | 1961 | 55 | 15 | Катта – Сай |
| Бочкамар | 1967 | 260 | 17 | Ғузадарё |
| Деҳқонобод | 1983 | 27,2 | 3 | Кичик – Урадарё |
| Чимқурған | 1959 | 425 | 0 | Қашқадарё |
| Ҳисор | 1982 | 170 | 15 | Ёхсу |
| Учкизил | 1959 | 160 | 80 | Канал Занг |
| **Ҳамагӣ** | | **14464,7** | **3244,7** | |
| **Ҷумҳурии Туркманистон** | | | | |
| Зеид | 1963 | 2200 | 200 | Канали Қарақум |
| Ҳауз Хан | 1962 | 875 | 25 | Канали Қарақум |
| Ғарбӣ | 1962 | 48 | 10 | Канали Қарақум |
| Копетдаг | 1985 | 220 | 25 | Канали Қарақум |
| Иолотен | 1910 | 73,2 | 1,5 | Мурғоб |
| Колхоз-Бент | 1941 | 54,6 | 4,6 | Мурғоб |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Каушутбент | 1895 | 38,2 | 4,5 | Мурғоб (поён ва миёна) |
| Сари- Язин | 1950 | 263 | 15 | Мурғоб |
| Теҷен II | 1960 | 183,5 | 3,5 | Теҷен |
| Теҷен I | 1950 | 150 | 7,4 | Теҷен |
| Хор – хор | 1959 | 21,5 | 0,9 | Теҷен |
| Мамед кул | 1964 | 20,5 | 2,5 | Атрак |
| Ташкеприн | 1939 | 166 | 18,3 | Мурғоб, Кушка |
| **Ҳамагӣ** | | **4313,5** | **318,2** | |
| **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | | | | |
| Муъминобод | 1959 | 30,1 | 0,9 | Сурхоб |
| Селбур | 1961 | 26 | 0,6 | Қизилсу |
| Сангтуда | 1980 | 270 | 0 | Вахш |
| НБО Сароб | 1963 | 21,6 | 11 | Вахш |
| Бойғозӣ | 1978 | 97 | 13,5 | Вахш |
| Норак | 1970 | 10500 | 5964 | Вахш |
| **Ҳамагӣ** | | 10944,7 | 5990 | |
| **ҲАВЗАИ ДАРЁИ СИР** | | | | |
| **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | | | | |
| Бахри тоҷик | 1956 | 3413,5 | 894 | Дарёи Сир |
| Каттасой | 1961 | 55 | 21,4 | Каттасой |
| Ҳамагӣ | | 3486,5 | 915,4 | |
| **Ҷумҳурии Қирғизистон** | | | | |
| Токтогул | 1974 | 19500 | 5500 | Нарин |
| Учқурған | 1901 | 52,5 | 31,6 | Нарин |
| Курпсайсоке | 1983 | 370 | 20 | Нарин |
| Қурғантепа | 1978 | 33,3 | 5,5 | Шаҳимардан |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Найман | 1971 | 39,5 | 1,5 | Абширсай, Қиргизота |
| Папан | 1981 | 260 | 10 | Акбура |
| **Ҳамагӣ** | | **20255,3** | **5568,6** | |
| **Ҷумҳурии Ӯзбекистон** | | | | |
| Ҷизах | 1968 | 100 | 4 | Санзар |
| Заамин | 1979 | 51 | 21 | Зааминсу |
| Чарвак | 1966 | 2000 | 420 | Чирчик |
| Туябугуз | 1959 | 250 | 26 | Оҳангарон |
| Оҳангарон | 1971 | 260 | 30 | Оҳангарон |
| Фарҳод | 1947 | 350 | 330 | Дарёи Сир |
| Кассансай | 1942 | 165 | 10 | Кассансай |
| Каркидон | 1963 | 218,4 | 4,4 | Кувасай ва ЮФК |
| Андиҷон | 1978 | 1900 | 150 | Қарадарё |
| **Ҳамагӣ** | | **5294,4** | **995,4** | |
| **Ҷумҳурии Қазоқистон** | | | | |
| Бугун | 1965 | 350 | 10 | Бугун |
| Чардарин | 1966 | 5700 | 1000 | Дарёи Сир |
| **Ҳамагӣ** | | **6050** | **1010** | |
| **Ҳамагӣ дар ҳавзаи баҳри Арал, аз ҷумла дарёҳои Ому ва Сир** | | 64791,1 | 18042,3 | |
| | | 29722,9 | 9552,9 | |
| | | 35068,2 | 8489,4 | |

Тавре маълум аст, шумораи зиёди обанборҳо ба давлатҳои поёноби минтақа рост омада, захираи оби онҳо бо мақсадҳои кишоварзию обёрӣ истифода мегардад. Яъне, сабаби воқеии хушкшавии баҳри Арал маҳз обёрии барзиёд ва ғайриоқилонаи кишоварзӣ мебошад. Танҳо ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар ҳавзаи дарёи Ому 17 обанбор ва дар ҳавзаи дарёи Сир 9

обанбор рост меояд, ки асосан, бо мақсадҳои обёрию кишоварзӣ истифода мегарданд. Ҷумҳурии Туркманистон бошад, дар ҳавзаи дарёи Ому соҳиби 13 обанбор буда, [128, с. 86] онҳо низ мисли Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо мақсадҳои обёрию кишоварзӣ истифода мегарданд. Хусусияти асосии обёрӣ дар соҳаи кишоварзӣ дар он ифода меёбад, ки миқдор ва сифати об ба куллӣ тағйир ёфта, дар аксари мавридҳо об ба пуррагӣ ё нест мегардад ва ё миқдори ками боқимондаи он сифати худро тағйир дода, бо намакҳои гуногун омехта мегардад.

Истифодаи ғайриоқилонаи захираҳои об беназардошти талаботи экосистемаҳои табиӣ боиси расидани зарари зиёд ба муҳити зист ва табиати минтақа гардид. Мардуми минтақа шоҳиди оқибатҳои фалокатбори экологии баҳри Арал гардид, ки аз он нобудшавии намудҳои алоҳидаи олами набототу ҳайвонот, таназзули обу замин, хатари афзояндаи биёбоншавӣ шаҳодат медиҳад. Таърихи инсоният чунин ҳолатеро ёд надорад, ки дар пеши чашми як насл чунин як баҳри калон хушк гардад. Имрӯз, ин офати табиӣ ба як мушкилоти глобалӣ табдил ёфта, марзи минтақаро убур намуда, таваҷҷуҳи ҷиддии созмонҳои байналмилалӣ, сиёсатмадорон, олимон ва коршиносони тамоми ҷаҳонро ҷалб кардааст.

Дар тӯли 50-55 сол сатҳи об дар баҳр зиёда аз 15 маротиба коҳиш ёфта, 29 метр паст гардида, соҳилҳои он садҳо километр поён шудааст. Минерализатсияи об низ то 150-300 г/л расидааст [250].

Майдонҳои васеи намаки сафед, ки бо қум пӯшонида шудаанд, дар қаъри хушкшудаи баҳр пайдо шуда, ба биёбони нави Аралқум бо масоҳати 5,5 миллион гектар табдил ёфтааст [250].

Тамоми равандҳо ва зуҳуроти мавҷудаи ин минтақа дар пасманзари тағйирёбии глобалии иқлим дар тамоми сайёра ба андозаи дукарата ишора шуда, худро сахттар, тезтар ва мураккабтар нишон медиҳанд.

Хушкшавии баҳри Арал шароити иқлими минтақаро бадтар кард, хушкӣ ва гармиро дар тобистон афзоиш дод, зимистонҳои сарду давомдорро ба вуҷуд овард.

Дар минтақаи баҳри Арал шумораи рӯзҳои ҳарораташон аз 40 дарача баланд 2 маротиба зиёд гардидааст. Мувофиқи пешгӯии олимону коршиносон то солҳои 2035–2050 ҳарорати ҳаво дар ин минтақа метавонад боз 1,5–3°C баланд шавад [250]. Баландшавии аз ҳама баландтари ҳарорати ҳаво дар минтақаи баҳри Арал дар назар аст.

Мувофиқи маълумоти Сомонаи расмии Маркази экологии Осиёи Марказӣ: "талафоти иқтисодӣ, ки дар пайи тағйирёбии иқлим ба вуҷуд омадааст, хусусиятҳои гидрохимиявии обанборҳо, коҳиш ёфтани моҳидорӣ дар баҳри Арал, харобшавии беш аз 4 миллион гектар замин ва аз даст додани гуногунии биологӣ дар минтақа дар як сол якчанд миллиард долларро ташкил медиҳанд" [250].

Оқибатҳои он ба сатҳи зиндагӣ ва саломатии зиёда аз 5 миллион нафар аҳолии дар ҳавзаи дарёҳои Ому ва Сир истиқоматкунанда таъсири зиёди манфӣ расонида истодааст. Чунин таъсири манфии экологӣ пеш аз ҳама ба табақаҳои осебпазири аҳолӣ: кӯдакон, занон ва сокинони камбизоати минтақаи Арал расида истодааст.

Бо назардошти далелҳои дар боло зикргардида, имрӯз вазифаи аввалиндараҷа ва муҳим пеши ниҳодҳои минтақавӣ ва кишварҳои минтақа кам кардани таъсири харобиовари бӯҳрони Арал ба муҳити зист ва шароити зиндагии миллионҳо нафар сокинони ҳавзаи баҳри Арал мебошад.

"Бо мақсади мусоидат ба ҳалли масъалаи баҳри Арал ҳанӯз соли 1993 кишварҳои Осиёи Марказӣ Хазинаи байналмилалии наҷоти Аралро таъсис доданд" [250].

Ҳадафи асосӣ аз таъсис додани Хазинаи байналмилалии наҷоти баҳри Арал пеш аз ҳама, бартараф намудани бӯҳрони экологӣ ва беҳтар намудани вазъи иҷтимоию иқтисодии ҳавзаи баҳри Арал, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ онро яке аз офатҳои бузургтарини қарни XX эътироф кардааст, мебошад.

Муассисони ХБНА кишварҳои Осиёи Марказӣ - Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон мебошанд.

Хазинаи мазкур дар самтҳои гуногун фаъолият бурда, муҳимтарини онҳо чунин мебошанд:

- маблағгузорӣ ва қарздиҳӣ ба барномаҳо ва лоиҳаҳои муштараки байнидавлатии экологӣ ва илмию амалӣ оид ба наҷоти баҳри Арал ва беҳтар намудани вазъи экологӣ дар минтақаҳои офати Арал, инчунин ҳалли мушкилоти иҷтимоию экологии минтақа;

- маблағгузории таҳқиқоти муштараки фундаменталӣ, амалӣ, илмӣ ва техникӣ барои барқарор кардани тавозуни экологӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист;

- ташкил ва дастгирии фаъолияти низоми байнидавлатии мониторинги экологӣ, махзани маълумот ва дигар системаҳо оид ба вазъи муҳити зисти ҳавзаи Арал;

- ҷалби маблағҳо барои чорабиниҳои муштарак оид ба ҳифзи фазои ҳавоӣ, об, замин, олами наботот ва ҳайвонот;

- маблағгузории лоиҳаҳои муштараки илмию техникӣ ва коркарди идоракунии обҳои фаромарзӣ;

- иштирок дар татбиқи барномаҳо ва лоиҳаҳои байналмилалӣ оид ба наҷоти Арал ва ободонии ҳавзаи Арал.

Хазинаи байналмилалии наҷоти Арал фаъолияти худро дар асоси қарорҳои Шурои сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ, Шурои байналмилалии ХБНА, Низомнома оид ба ХБНА, Созишномаи мақоми Хазинаи байналмилалии наҷоти Арал ва ташкилотҳои он амалӣ менамояд.

Хазинаи Байналмилалии Наҷоти Арал (IFAS) соли 1992 бо ташаббуси сарони кишварҳои Осиёи Марказӣ бо мақсади беҳбуди вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва экологии ҳавзаи баҳри Арал таъсис ёфтааст. Пас аз ба даст овардани истиқлол кишварҳои Осиёи Марказӣ системаи нави тақсимоти захираҳои обро таъсис доданд. Вазирони захираҳои оби кишварҳои мустақил 12 сентябри соли 1992 Созишнома ба имзо расониданд, ки дар он эълон карданд, ки идоракунии муштараки захираҳои об тибқи принсипҳои баробарӣ ва манфиати мутақобила суръат хоҳад гирифт.

Бо қарори Президенти Хазинаи Байналмилалии Наҷоти Арал, Президенти Туркманистон аз 16 июни соли 2017 Кумитаи Иҷроияи Хазинаи Байналмилалии Наҷоти Арал таъсис дода шуд, Низомнома ва сохтори КИ ХБНА тасдиқ карда шуданд.

Мақоми доимоамалкунанда, иҷроия ва маъмурии Хазинаи байналмилалии наҷоти Арал Кумитаи иҷроияи он мебошад, ки аз ҷониби давлатҳои муассис: Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Туркманистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон таъсис дода шудааст.

Бо мақсади таъмини иҷрои амалии қарорҳои Шурои сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ, Президенти Хазина ва Раёсати ХБНА оид ба мушкилоти баҳри Арал, татбиқи лоиҳаҳо ва барномаҳо, ҳамоҳангсозии фаъолияти филиалҳо дар қаламрави давлатҳои муассиси ХБНА, мусоидат дар кори Комиссияи байнидавлатии ҳамоҳангсозии об ва Комиссия оид ба рушди устувор, тавсеаи ҳамкориҳо бо созмонҳои байналмилалӣ, кишварҳои мададрасон, хазинаҳои экологӣ ва дигар хазинаҳо барои тақвияти фаъолият оид ба масъалаҳои экологӣ ва барқароркунии минтақаҳои аз ҷиҳати экологӣ осебдида, ҷамъоварии воситаҳои молиявӣ ва таъмини истифодаи мақсадноки онҳо Кумитаи иҷроияи Хазинаи байналмилалии наҷоти Арал таъсис дода шудааст.

Кумитаи иҷроияи ХБНА лоиҳа ва барномаҳоеро таҳия ва татбиқ мекунад, ки баҳри беҳтар намудани вазъи экологии ҳавзаи баҳри Арал нигаронида шудаанд. Ҳамасола дар доираи барномаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ, ҳифзи саломатии аҳолӣ, ҳифзи муҳити зист ва дигар чорабиниҳои минтақавию миллӣ, ки ба пешгирии зуҳуроти номатлуб, ки ҷузъи мушкилоти буҳрони Арал мебошанд, маблағҳои калон ҷудо карда мешаванд. Кумитаи иҷроияи Хазина назорати доимии ин чорабиниҳоро ба дӯш дорад.

Имрӯз барои ҳалли мушкилоти баҳри Арал гузариши пурра аз фаъолияти назариявӣ ба амалия зарур мебошад. Барои наҷоти баҳри Арал танҳо об зарур аст ва барои ҷорӣ шудани дарёҳои фаромарзӣ то ин баҳр иродаи сиёсии роҳбарияти кишварҳои поёноб муҳим аст. Танҳо иродаи сиёсии роҳбарияти

кишварҳои поёноб ва боло гузоштани ҳаққи табиат аз манфиатҳои кишоварзию иқтисодӣ метавонад, дар як муддати кӯтоҳ масъалаи баҳри Аралро ба пуррагӣ бартараф созад.

Бо сабабу омилҳои рушди демографӣ, иқтисодӣ ва таназзули заминҳои аҳамияти кишоварзидошта, ҳамзамон тағйирёбии иқлим ва таъсири он ба захираҳои оби кишварҳои минтақа, махсусан, давлатҳои поёноб имконияти даст кашидан аз истифодаи барзиёди обро аз дарёҳои фаромарзӣ аз даст додаанд. Имрӯз рушди иқтисодии ин кишварҳо вобаста ба истеҳсолоти кишоварзӣ мебошад. Аммо инфрасохтори обтаъминкунӣ ва обёрии соҳаи кишоварзии ин кишварҳо фарсуда ва мероси замони шуравӣ мебошад, ки бо чунин усули пешбурди фаъолият имкониятҳои ҳалли масоили вобаста ба баҳри Арал боз ҳам камтар мегарданд.

Имрӯз бисёре аз коршиносон на дар бораи наҷоти баҳри Арал, балки дар бораи наҷоти аҳолии дар наздикии он истиқоматкунанда изҳори назар карда, дар бораи наҷоти баҳри Арал умедро аз даст додаанд.

Дар ин замина, бисёре аз пешниҳодҳои олимону коршиносон ба масъалаҳои паёмадҳои буҳрони баҳри Арал нигаронида шудаанд, на ба наҷоти худи баҳри Арал:

1. Фароҳам овардани шароит барои зистан, афзоиш ва ҳифзи генофонди минтақаи баҳри Арал. Ин пеш аз ҳама маънои таъмини аҳолиро бо оби тозаи нӯшокӣ, рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои пешгирикунанда ва тиббӣ, фароҳам овардани шароит барои шуғл ва афзоиши даромади аҳолиро дорад.

Қарор аст, ки диққати махсус ба татбиқи лоиҳаҳои ҳифзи саломатии модарон ва кӯдакон, таҳкими заминаи моддию техникии муассисаҳои тиббии деҳот ва бо таҷҳизоти муосир муҷаҳҳаз кардани онҳо дар минтақаи Арал равона карда шавад.

2. Такмил додани системаи идоракунӣ ва истифодаи сарфакоронаи захираҳои об. Нигоҳ доштани системаи обанборҳои табиӣ дар минтақаи обии баҳри Арал.

Сухан дар бораи ташаккул ва рушди обанборҳои мавҷудаи резишгоҳи Амударё, таҳияи механизмҳои ҳамоҳангшудаи идоракунӣ ва ҳифзи захираҳои об дар ҳавзаи баҳри Арал, ҷорӣ намудани идоракунии маҷмуии захираҳои об дар ҳавзаҳои Амударё ва Сирдарё меравад.

Азнавсозии системаҳои обёрӣ ва заҳкашӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосири обёрии каммасраф дар ин ҷо аҳамияти ҳалкунанда доранд.

3. Татбиқи тадбирҳои васеъ оид ба ҷангалзоркунии қаъри хушкшудаи баҳри Арал ва пешгирии биёбоншавӣ дар ин минтақа, ҳамзамон аз байн бурдани паҳншавии намакҳо ва қуми дар зери он ҷамъшуда.

Дар ин ҷо татбиқи маҷмуи чорабиниҳо оид ба пешгирии равандҳои эрозия, боздоштан ва муттаҳид кардани регҳои ҳаракаткунанда, пешгирии болоравии зарраҳои зарарноки намак ва қум ба ҳаво аҳамияти калон дорад.

4. Ҳифзи гуногунии биологӣ, барқароркунии захираҳои биологӣ, ҳифзи олами наботот ва ҳайвоноти минтақа.

5. Таваҷҷуҳи махсус ба ҳифз ва ҳимояи намудҳои нобудшавандаи олами наботот ва ҳайвонот, ташкили ниҳолхонаҳо барои ҳифзу барқарорсозии генофонди онҳо, васеъ намудани минтақаҳои муҳофизатшавандаи табиӣ дар минтақаи баҳри Арал, ҷорӣ намудани пойгоҳи устувори системаи идоракунии ботлоқзорҳо ва ҳифзи чарогоҳҳо.

6. Такмили минбаъдаи заминаи институтсионалӣ ва таҳкими ҳамкориҳои байни кишварҳои минтақа дар доираи Хазинаи наҷоти баҳри Арал, инчунин тақвияти кӯшишҳо ҷиҳати ҷалби диққати ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳалли мушкилоти марбут ба офати баҳри Арал.

Татбиқи амалии нишондодҳои мазкур имкон медиҳанд, ки мушкилоти вобаста ба хушкшавии баҳри Арал то андозае ҳаллу фасл карда шаванд ва паёмадҳои ногувори он коҳиш ёбанд. Аммо тавре дар боло таъкид намудем ин нишондодҳо роҳи ҳалли масъалаи баҳри Арал нестанд. Онҳо танҳо роҳи ҳалли мушкилоти вобаста ба хушкшавии баҳри Арал мебошанд.

Барои ҳалли масъалаи хушкшавии баҳри Арал танҳо иродаи сиёсии роҳбарияти кишварҳои поёноб ва мусоидат намудан дар ҷорӣ гардидани оби дарёҳои фаромарзӣ то баҳри Арал мебошад.

## ХУЛОСА

Таҳлили назариявӣ ва амалии сиёсати минтақавии экологӣ дар Осиёи Марказӣ нишон дод, ки масоили вобаста ба муҳити зист яке аз масъалаҳои мураккабтарини на танҳо экологӣ, балки иҷтимоию иқтисодӣ ва махсусан, сиёсӣ мебошад. Масоили экологӣ печида бо бисёр масъалаҳои дигари ҳаётӣ буда, ҳалли дақиқи онҳо андешидани маҷмуи тадбирҳоро дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа тақозо менамояд. Яъне, мушкилоти экологии бавуҷудомада дар минтақа танҳо бо чораандешӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ҳал намегардад ва ин ҳолот зарурияти ҳалли аввалиндараҷаи масъалаҳои иқтисодию иҷтимоӣ, кишоварзӣ, ҳамгироии байнидавлатӣ ва технологию илмиро талаб менамояд. Имрӯз дар минтақа мушкилоти экологӣ ин танҳо мушкилоти ҳифзи муҳити зист нест.

Баррасии ҳамаҷонибаи мавзуъ нишондодҳоеро равшан намуд, ки дар шароити муосир ҷиҳати дақиқан хулосабарорӣ намудан доир ба сабабу омилҳо ва сарчашмаҳои асосии пайдоиш ва ташаккули масоили экологӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ мусоидат хоҳанд кард:

1. Масоили мураккабшудаи минтақавии экологӣ таҳқиқоти илмии байнисоҳавии коршиносон ва олимону муҳаққиқони соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа, махсусан, олимони соҳаи экология, кишоварзӣ, иқтисодӣ, демографӣ, сиёсӣ, техникӣ, химия ва ғайраро бо ҷалби институтҳои соҳавӣ тақозо менамояд;

2. Дар таҳқиқотҳои илмӣ дар самти масоили минтақавии экологӣ бояд методологияҳои умумиилмӣ ва байнисоҳавӣ бештар истифода гарданд, ки тавонанд натиҷаҳои назарраси назариявиро ба даст оранд;

3. Бо назардошти пайвандии ногусастанӣ доштани сиёсати экологӣ бо сиёсати иҷтимоии давлат бояд ҷанбаҳои ба ҳам таъсиррасонии онҳо дар раванди таҳияи сиёсати давлатӣ дар ин соҳаҳо ба инобат гирифта шавад.

4. Таҳқиқот нишон дод, ки бисёр мушкилиҳои мураккабтарини экологии кишварҳои Осиёи Марказӣ аз замони Иттиҳоди Шуравӣ ба мерос мондааст. Минтақаи Осиёи Марказӣ дар он давра ба сифати минтақаи истеҳсоли ашёи хоми кишоварзию саноатӣ (махсусан, саноати кимиёвӣ) ва коркарди аввалияи он истифода гардида, партовҳои зиёди кимиёвӣ ва масоҳати калони заминҳои корношояму аз гардиши кишоварзӣ баромада боқӣ мондааст, ки ба муҳити зист таъсири манфии гушношунид расидааст.

Бо назардошти ҳолати мазкур бояд дар минтақа принсипи “ифлоскунанда пардохт мекунад” рӯйи кор гирифта шавад ва дар заминаи созмонҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва Созмони Ҳамкории Шанхай давлатҳое, ки ашёи хоми минтақаи Осиёи Марказӣ дар замони Иттиҳоди Шуравӣ ба нафъи тараққиёти онҳо истифода гардидааст, бояд дар бартарафсозии мушкилоти экологии ин минтақа саҳми техникӣ, молиявӣ, иқтисодӣ ва илмию кадрии худро расонанд;

5. Таҳлили сиёсати миллии экологии кишварҳои минтақа ва ҳамбастагии он бо сиёсати минтақавии экологӣ нишон дод, ки дар ҳамаи давлатҳои Осиёи Марказӣ заминаҳои устувори ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва беҳдошти вазъи экологӣ мавҷуд мебошад ва сиёсати миллии экологии онҳо ҳамгуна мебошанд. Ин ҳолат инъикосгари он аст, ки кишварҳои минтақа мушкилоти якхела ва ягонаи экологӣ доранд, ки асоси онро чунин мушкилиҳо ташкил менамоянд:

- вуҷуд доштани партовҳои зиёди радиатсионӣ дар ҳамаи давлатҳои Осиёи Марказӣ, ки онҳо қудрати мустақилона бартарафсозии ин мушкилоти экологиро надоранд;

- шӯршавӣ ва аз гардиши кишоварзӣ баромадани масоҳати зиёди заминҳои кишоварзӣ;

- кӯҳнаю фарсудашуда будани пойгоҳҳои обёрӣ дар соҳаи кишоварзӣ;

- биёбоншавӣ;

- камшавии захираҳои об ва ғайраҳо.

Шӯршавии заминҳои корам ва аз гардиши кишоварзӣ баромадани онҳо, ҳамзамон раванди биёбоншавӣ дар минтақа истифодаи технологияи муосири каммасрафи обёрӣ ва роҳу усулҳои нави фаъолияти аграриро тақозо менамояд, ки ин роҳи боэътимодтарини ҳалли ин мушкилиҳо дар минтақа мебошанд.

Дар меҳвари мушкилоти экологии минтақаи Осиёи Марказӣ масоили экологии вобаста ба об меистанд, ки ҳамаи кишварҳоро дар як сатҳ фаро гирифтаанд. Таҳқиқоти илмӣ нишон дод, ки ин мушкилоти экологии минтақавӣ дар пайи фаъолияти бенизом ва ба инобат нагирифтани "ҳаққи табиат" дар соҳаи кишоварзӣ ба вуҷуд омада, мураккабу печида гардидааст. Олимону муҳаққиқон давлатҳои минтақаи Осиёи Марказиро ба кишварҳои болооб – Тоҷикистон, Қирғизистон ва поёноб – Ӯзбекистон, Туркманистон ва Қазоқистон ҷудо намудаанд. Асоси ба вуҷуд омадани мушкилоти экологии вобаста ба об кишварҳои поёноб мебошанд.

Кишварҳои болооб захираҳои обро, асосан, дар соҳаи гидроэнергетика истифода менамоянд, ки микдор ва сифати об бетағйир боқӣ мемонад. Яъне, ин кишварҳо обистифодабаранда мебошанд. Кишварҳои поёноб захираҳои обро дар соҳаи кишоварзӣ истифода мебаранд ва об ба пуррагӣ нест мегардад ва ё миқдори ками он ба сифати пасоб боқӣ монда, сифати он тағйир меёбад. Яъне, ин кишварҳо обистеъмолкунанда мебошанд.

Сабаби асосии хушкшавии баҳри Арал низ маҳз кишварҳои поёноб мебошанд. Истифодаи барзиёд ва аз миқдори муайянгардида, даҳчанд бештар истифодаю истеъмол намудани захираҳои оби дарёҳои фаромарзӣ аз ҷониби давлатҳои поёноб боиси то баҳри Арал нарасидани оби ин дарёҳо гардида, оқибат он хушкид.

Имрӯз давлатҳои минтақа иқтидори барқарорсозии пурраи баҳри Аралро надоранд. Рушди босуръати демографӣ, иқтисодӣ, саноатӣ, тағйирёбии иқлим, зиёдшавии майдони кишт дар минтақа имконият намедиҳанд, ки кишварҳои

Осиёи Марказӣ қувваи бештари худро барои ҳалли фоҷиаи Арал равона намоянд.

Дар ин самт ҳарчанд Хазинаи байналмилалии наҷоти Арал таъсис ёфтааст, аммо фаъолияти он бештар ба корҳои назариявӣ равона шудааст ва дар амалия ягон натиҷаи дилхоҳ ба даст наомадааст.

Ба андешаи мо, наҷоти баҳри Арал танҳо фаъолияти амалиро тақозо менамояд ва кишварҳои минтақа ва махсусан, кишварҳои поёноб бояд дар баробари манфиатҳои миллии худ, манфиат ва "ҳаққи табиат"-ро низ ба инобат гиранд ва монеаи ҷорӣ гардидани оби дарёҳои фаромарзӣ то ин баҳр нагарданд.

Масъалаи дигар ҳамоҳангсозии манфиатҳои гидроэнергетикӣ бо манфиатҳои аграрӣ дар минтақа мебошад, ки боиси ҳаллу фасл гардидани бисёр масоили экологии вобаста ба он дар минтақа мегардад.

Омилҳои дигар ба монанди тағйирёбии иқлим ва рушди босуръати иқтисодӣ дар минтақа метавонад, дар кори арзёбӣ ва банақшагирии масъалаҳои марбут ба ҳалли масоили экологии вобаста ба об дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ унсурҳои асосӣ бошанд.

Тағйирёбии иқлим боиси обшавии пиряххо ва кам гардидани захираҳои об дар минтақа гардидааст, ки хатари ҷиддии маргборро дар пай дорад. Дар ин самт бояд барои ҳалли мушкилоти мазкур ва коҳиш додани суръати обшавии пиряххо ва ҳифзи захираҳои оби аҳамияти минтақавидошта, кишварҳои поёноб ба кишварҳои болооб кӯмакҳои ҳамаҷонибаи худро расонанд.

Чуноне ки маълум аст, раванди прогрессивии иқтисодӣ ва демографии давлатҳои минтақа истифодаи зиёдтари обро тақозо менамоянд ва аз ин лиҳоз, кишварҳо ва аҳолии минтақаро зарур аст, ки баробари қонеъ гардонидани эҳтиёҷи фундаменталии худ ба об, ҷиҳати нигоҳдошти низоми осебпазири экологии минтақа тадбирҳои амалӣ андешанд.

Имрӯз кишварҳои минтақа ба таҳияи Стратегияи ягонаи таъмини амнияти экологии минтақавӣ эҳтиёҷи ҳаётӣ доранд. Он бояд фарогири ҷанбаҳои амалии ҳалли масоили экологӣ дар минтақа бошад ва гузариш аз фаъолияти назариявӣ

ба амалиро таъмин созад. Таъмини амнияти минтақавии экологӣ шарти асосии нигоҳдошт ва устувории амнияти сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар Осиёи Марказӣ мебошад.

Ҳамзамон ташкили системаи боэътимоди назорати доимии вазъи экологӣ дар Осиёи Марказӣ, гузаронидани мониторингҳо ва пешгӯии хатарҳои экологӣ дар минтақа зарур мебошад.

Масъалаи дигар муайян кардани самтҳои афзалиятноки сиёсати экологии минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ мебошад, ки бе ҳеҷ ваҷҳ, масъалаи ҳифзи пиряххо дар меҳвари он бояд қарор дода шавад.

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Масъалаҳои мухталифи сиёсати экологии кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣро мавриди таҳлил ва натиҷагириҳо қарор дода, дар заминаи онҳо барои ҳалли босуботи масъалаҳо ва мушкилоти экологӣ ва беҳтар намудани ҳифзи муҳити зист пешниҳодоти зеринро зарур медонем:

1. Барои вусъат додани ҳамкориҳои стратегии давлатҳои Осиёи Марказӣ дар соҳаи ҳалли мушкилоти экологӣ ва ҳимояи муҳити зист таҳия ва амалӣ намудани сиёсати экологии фаъолу самаранок аҳамияти муҳим пайдо менамояд. Таҳлили ҳамаҷонибаи назариявӣ-методологии масъалаҳои мазкур дар дарки моҳият ва хусусиятҳои проблемаҳои инкишоф ёрии бевосита мерасонанд. Имконият пайдо мегардад, ки унсурҳо ва воситаҳои асосии ҳамкориро дар соҳаи экология муайян ва мушаххас гардонида, робитаи мутақобилаи байни онҳоро муайян намоянд. Инчунин, нишонаҳои хоси он муқаррар гардида, ҳадафҳо ва дурнамои инкишофи онҳо муайян карда шаванд.

2. Ҳамоҳангсозии манфиатҳои миллӣ бо манфиатҳои минтақавии экологӣ, ба инобат гирифтани ҳаққи табиат, таҳияи сиёсати муосири минтақавии экологӣ ва гузариш аз назария ба амалия ба сифати шарти асосии ҳалли масоили минтақавии экологӣ дониста шаванд.

3. Маблағгузории корҳои назариявӣ- методологӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист нисбатар камтар гарданд ва аз ин ҳисоб бештар намудани маблағгузорӣ ба амалияи беҳтарсозии муҳити зист ба таври муташаккилона ва дар сатҳи зарурӣ амалӣ карда шаванд.

4. Масоили экологии кишварҳои Осиёи Марказӣ доираи марзҳои маъмурӣ ва ҳатто сарҳади минтақаро убур намуда, ба мушкилоти башарӣ табдил ёфтаанд, ки давлатҳои миллии минтақа дар алоҳидагӣ қудрати ҳаллу фасли онҳоро надоранд. Ин ҳолат зарурати омӯзиш, таҳқиқ ва таҳияи сиёсати ягонаи минтақавии экологиро дар Осиёи Марказӣ тақозо намуда, онро тавассути ҳамкориҳо бо созмонҳои байналмиллалӣ ва хазинаҳои махсус ба

амал баровардан лозим аст.

5. Вазифаи муҳимро фаъолияти дастаҷамъонаи ҳамаи умумиятҳо ва табақаҳои дар соҳаи рушди экологӣ ва баланд бардоштани маърифати экологии шаҳрвандон ташкил медиҳанд. Аз ин хотир, хусусиятҳо ва муҳиммияти сиёсати экологии самаранок мавриди ташвиқу тарғиб тавассути баргузор намудани чорабиниҳои гуногун бо истифодаи васеи ВАО гарданд.

6. Суботи вазъи давлатҳои минтақа аз ҳар ҷиҳат аз таъмини амнияти экологӣ дар минтақа вобастагии қавӣ дорад. Аз ин рӯ, давлатҳои минтақаро мебояд, ки барои ҳалли мушкилоти экологӣ, ҳимояи муҳити атроф ва истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ба таври мақсаднок ва дар доираи манфиатҳои умумӣ машғул гарданд;

7. Истифодаи самараноки захираҳои обӣ, ки бештар давлатҳои поёноб (Ӯзбекистон, Қазоқистон ва Туркманистон) ба кишту корезӣ масраф мекунанд, зарурати ба системаи обёрии қатрагӣ гузаштанро зарур мешуморад. Баъди ба системаи обёрии қатрагӣ ва дигар роҳҳои ба таври самаранок истифодабарии об дар давлатҳои Осиёи Марказӣ имконияти наҷоти баҳри Аралро фароҳам меояд.

8. Мабалағгузории махсусу барномавии беҳтаршавии муҳити зисти минтақаҳо зарур аст. Он имкон медиҳад, ки ҳолати экологӣ беҳтар гардад ва дар пайи он таҳдиди хатарҳо ба саломатии одамон ба ҳадди ақалӣ расонида шавад.

9. Роҳу воситаҳои наву муассири ҳамкориҳои байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва созмонҳои бонуфузи байналмилалиро дар заминаи принсипҳо ва меъёрҳои умумӣ пайдо намуда, онҳоро ҳангоми ҳалли мушкилот ба таври мушаххас истифода намуд.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

## I. ФЕҲРИСТИ САРЧАШМАҲОИ ИСТИФОДАШУДА

### Гурӯҳи якуми сарчашмаҳо

### Санадҳои меъёрии сиёсию ҳуқуқӣ:


1. Водный кодекс Республики Казахстан [Текст] // Ведомости Верховного Совета Республики Казахстан от 31 марта 1993 г., № 7, с изменениями и дополнениями по состоянию на 12.02.2009 г.

2. Водный кодекс Республики Кыргызистан [Текст] // Утверждена Указом Президента Республики Кыргызистан от 12 января 2005 г., № 8, с изменениями и дополнениями по состоянию на 30.07.2019 г.

3. Водный кодекс Республики Узбекистан [Текст] // Ведомости Верховного Совета Республики Узбекистан от 6 мая 1993 г., № 837-XII, с изменениями и дополнениями по состоянию на 28.09.2020 г.

4. Второе Национальное Сообщение Республики Таджикистан по Рамочной Конвенции ООН об Изменении Климата [Манбаи электронӣ]. – URL: https://unfccc.int/ (Санаи муроҷиат: 09.02.2020).

5. Закон Республики Кыргызстан “Об охране окружающей среды” [Текст] // Ведомости Верховного Совета Республики Кыргызстан от 16 июня 1999 г., № 53, с изменениями и дополнениями по состоянию на 23.03. 2020, № 29.

6. Закон Республики Кыргызстан “Об охране окружающей среды” [Текст] // Ведомости Верховного Совета Республики Кыргызстан от 15 июля 1997 года № 160-I, с изменениями и дополнениями по состоянию на 29.12.2006, № 209-III.

7. Закон Республики Туркменистан “О качестве и безопасности пищевых продуктов” [Текст] // Ведомости Парламента Республики Туркменистан от 18 апреля 2009 года № 31-IV.

8. Закон Республики Туркменистан “Об охране здоровья граждан” [Текст] // Ведомости Парламента Республики Туркменистан от 23 мая 2015 года № 223-V.

9. Закон Республики Туркменистан “О качестве и безопасности пищевых продуктов” [Текст] // Ведомости Парламента Республики Туркменистан от 18 апреля 2009 года № 31-IV.

10. Закон Республики Туркменистан “Об охране здоровья граждан” [Текст] // Ведомости Парламента Республики Туркменистан от 23 мая 2015 года № 223-V.

11. Закон Республики Казахстан “Об охране окружающей среды” [Текст] // Ведомости Парламента Республики Казахстан от 15 июля 1997 г., с изменениями и дополнениями по состоянию на 2006 г., № 1-3.

12. Закон Республики Казахстан “Об экологической экспертизе” [Текст] // Ведомости Парламента Республики Казахстан от 18 марта 1997 г., № 6, с изменениями и дополнениями по состоянию на 2004 г., № 23.

13. Закон Республики Казахстан от 11 марта 2002 г. "Об охране атмосферного воздуха" (Ведомости Парламента Республики Казахстан, 2002 г., N 5, ст. 54; 2004 г., N 23, ст. 142; 2006 г., N 1, ст. 5; N 3, ст. 22).

14. Қарори сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ [Матн] // “Дар бораи тасдиқи Низомномаи Фонди байналмилалии наҷоти Арал ва Созишнома дар бораи мақоми ФБНА ва ташкилотҳои он” аз 9 апрели соли 1999.

15. Кодекс земельный Республики Казахстан [Текст] // Утверждена Указом Президенте Республики Казахстан от 20 июня 2003 г., № 442-II, с изменениями и дополнениями по состоянию на 02.01.2021 г.

16. Кодекс земельный Республики Кыргызистан [Текст] // Утверждена Указом Президенте Республики Кыргызистан от 2 июня 1999 г., № 45, с изменениями и дополнениями по состоянию на 14.08.2020 г., № 126.

17. Кодекс земельный Республики Туркменистан [Текст] // внесенными Законом Туркменской ССР от 30.05.1991 г., с изменениями и дополнениями по состоянию на 05.10.2019 г.

18. Кодекс земельный Республики Узбекистан [Текст] // Ведомости Олий Мажлиса Республики Узбекистан от  г., № 442-II, с изменениями и дополнениями по состоянию на 02.01.2021 г.

19. Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон [матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 1996, № 326.

20. Кодекси ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон [матн] // бо Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 июни соли 1993, № 770 қабул карда шудааст. Қонуни амалкунанда. Таҳрири охирин 02.08. 2011, № 761.

21. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон [матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2008, №12, қ. 1, мод. 989, мод. 990 қабул гардидааст. Қонуни амалкунанда. Таҳрири охирин аз 07.08.2020, № 1715.

22. Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон [матн] // бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2000, №34 қабул гардидааст. Қонуни амалкунанда. Таҳрири охирин 02.04.2020, №1688.

23. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [матн] // (бо тағйироту иловаҳои тариқи раъйпурсии умумихалқӣ воридгардида аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016).-Душанбе, 2018.- 85 с.

24. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ” [матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 майи соли 2002, №4, қ. 2, мод. 317 қабул гардидааст. Қонуни амалкунанда. Таҳрири охирин 01.08.2020 , № 890.

25. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иттилооти экологӣ” [матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 марти соли 2011, № 705 қабул гардидааст. Қонуни амалкунанда.

26. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи карантин ва муҳофизати растаниҳо” [матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 апрели соли 2003, № 4 қабул гардидааст. Қонуни амалкунанда. Таҳрири охирин 02.01.2019,№ 1567.

27. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мониторинги экологӣ” [матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 марти соли 2011, № 707 қабул гардидааст. Қонуни амалкунанда. Таҳрири охирин 26.07.2014 , № 1120.

28. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ниҳолпарварӣ” [матн] // аз 2 январи соли 2020, № 1669 Қабул гардидааст. Қонуни амалкунанда.

29. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи муҳити зист” [матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 1993, № 905 қабул гардидааст. Қонуни амалкунанда. Таҳрири охирин 18.07.17, №1449.

30. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи навъҳои растанӣ” [матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 ноябри соли 1995, №22 қабул гардидааст. Қонуни амалкунанда. Таҳрири охирин 02.01.18 , №1482.

31. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи ҳавои атмосфера” [матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 феврали соли 1996, №3 қабул гардидааст. Қонуни амалкунанда. Таҳрири охирин 28.12.2012, № 915.

32. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи хок” [матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 октябри соли 2009, №555 қабул гардидааст. Қонуни амалкунанда.

33. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус ҳифзшаванда” [матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 1996, № 23 қабул гардидааст. Қонуни амалкунанда. Таҳрири охирин 27.11.2014, № 1159.

34. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов” [матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2010, № 12 қабул гардидааст. Қонуни амалкунанда. Таҳрири охирин 19.07. 2019, № 1633.

35. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи экспертизаи экологӣ” [матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2003, № 4 қабул гардидааст. Қонуни амалкунанда. Таҳрири охирин 16.04.2012, № 818.

36. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи арзёбии таъсиррасонӣ ба муҳити зист” [матн] // Бо қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 июли соли 2017, № 1448 қабул гардидааст. Қонуни амалкунанда.

37. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ассотсиатсияи истифодабарандагони об» [матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 ноябри соли 2006, №11 қабул гардидааст. Қонуни амалкунанда. Таҳрири охирин 02.01.2020, № 1668.

38. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аудити экологӣ” [матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2011, № 785 қабул гардидааст. Қонуни амалкунанда.

39. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии сейсмикӣ» [матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2017, № 1416 қабул гардидааст. Қонуни амалкунанда.

